# Тазод дар ақидаҳ

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]

Нависанда: Муҳаммад Боқир Саҷҷӯдӣ

2012 - 1433

IslamHouse.com

# التضاد في العقيدة

«باللغة الطاجيكية»

محمد باقر سجودي

2012 - 1433

IslamHouse.com

**Баҳси навест перомуни нодурӯст будани ин иддаъо ки: «Асҳоби Расули Худо пас аз вафоти эшон аз роҳи рост мунҳариф шуданд!!»**

## Мушаххасоти китоб

**Нависанда**: Муҳаммад Боқир Саҷҷӯдӣ

**Номи китоб**: Тазод дар ақида

**Тирож**: 5000

**Чоп**: Дуввум

**Тарих**: Поиз 1382

**Интишорот**: Ҳақиқат.

En_haqhiqhat@yahoo.com

Феҳрасти китоб


Муқаддама ........................................ 7
Мунофиқ ва фурсатҳо .............................. 8
Ҳазрати Алӣ (р.з) чаро сукут кард? ................ 17
Ангезаи ғосибон чӣ буд? ........................... 32
Достони аввал .................................... 33
Достони дуввум ................................... 33
Достон ............................................ 40
Саҳоба ва замони инҳироф ......................... 42
Чаро Паёмбар (с) ҷонишине барнагузид? .......... 62
Имом Маҳдӣ ҳоло куҷост? ........................ 64
Чаро шитоб карданд? ............................... 78
Қуръон ва мухолифони Саҳоба ..................... 87
Қуръон ва Саҳоба ................................. 98

1. Ростгӯён ...................................... 98
2. Марҳамат ва бахшоиши Худо барои онҳост ........ 99
3. Беҳтарини умматҳо ............................ 101
4. Рӯштёфтагон .................................. 102
5. Ёридиҳандагони Муҳаммад (с) .................. 105
6. Фариштагон ба кумаки Саҳоба омаданд ... 106
7. Бадӣ ба онҳо намерасад ........................ 109
8. Ҳаққан, ки мӯмин ҳастанд ...................... 111
9. Растагорон .................................... 112
10. Башоратёфтагон ............................... 112
11. Муттаққӣ ҳастанд ............................. 113

12. Худо аз онҳо розӣ аст ………………………. 114
13. Саҳобаҳо беҳтар аз мо ҳастанд …………… 115
Сифоти мунофиқин ……………………………... 118
1. Мунофиқин ба ҷиҳод намераванд ……….. 120
2. Харобкорӣ мекунанд ……………………….. 121
3. Эрод ба Расули Худо (с) ……………………. 124
4. Залил ҳастанд ……………………………….... 125
5. Ба ҷанги Румиҳо нарафтанд ……………… 126
Ҷанг байни Саҳоба ……………………………... 129
Дӯстдори Аҳли Байт кист? …………………… 145
Достони тӯҳмат ба ҳазрати Ойша (р.з) …………... 154
Духтарони Паёмбар (с) …………………………... 162
Зиндагии ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р.з) ………. 165
Бидуни эътиқод ба Саҳоба имон комил намешавад ……………………………………….. 175

## Муқаддима

Ҳадаф аз чопи ин китоб, иҳонат ба ақоъиди мазҳаби ташаюъ нест. Нависанда, ки худ фарзанди падару модари Шиъа мазҳаб аст, танҳо мехоҳад ҳамватанон дарёбанд, ки тамоми иттиҳомоти ворида бар Саҳоба (р.з) нодурӯст аст.

**Саҷҷӯдӣ**

## Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон

## Мунофиқ ва фурсатҳо

Баъзе аз руҳониёни Шиъа мегӯянд: "Ёрони Паёмбар (с), пас аз реҳлати он ҳазрат ҳаққи Амирулмӯминин, Алӣ (р.з)-ро ғасб намуданд ва дониста дастур ва супориши Расулулуллоҳ (с)-ро дар бораи ҷонишинии он ҳазрат пинҳон сохтанд ва роҳи нофармонӣ дар пеш гирифта ва ҳамаи онҳо бар ин кор мутаффиқ шуданд".

Биёед ба таври фарзӣ бо ин назари бародарони Шиъаи худ мувофиқат кунем ва сипас аз онҳо бипурсем:

Оё Саҳоба (р.з) бо анҷоми ин кор кофир шуданд? Худашон дар ҷавоб мегӯянд: Бале, кофир шуданд ва муртад гаштанд!!

Ва зоҳири қазия ҳам ҳамин аст, ки агар касе дониста дастӯри Худованд (ҷ)-ро иваз намояд, ё қабул накунад, ё мункири он дастӯр шавад ва ё амри Худоро пинҳон кунад, кофир

мешавад ҳар чанд, ки бақияи корҳояш дурӯст бошад, ба таври мисол:

Шахсе, ки қонуни закотро намепазирад, аммо дар ҳамон ҳол намоз мехонад ва ба ҳаҷ меравад, аз дидгоҳи тамоми мазоҳиб, кофир аст.

Оё Саҳоба медонистанд, ки дар сурати нофармонии Худованд дар бораи ҳаққи Алӣ (р.з), кофир мешаванд?

Бале, бояд медонистанд. Онҳо афроди огоҳ аз умури дин буданд ва худашон Аъроби биёбонгардро, ки билофосила пас аз вафоти Паёмбар (с) аз додани закот худдорӣ карданд, кофир шумурда ва фавран ҷангро бо онҳо шурӯъ карданд дар ҳоле, ки ин саҳронишинон намоз мехонданд, ва тамоми аҳкоми исломро қабул мекарданд.

Дар чунин фарзе, оё куфри инҳо бадтар буд ё куфри куффори Макка дар замони ҷоҳилият?

Зарур куфри инҳо, зеро қалбан медонистанд, ки кофиранд, вале дар байни мардум мегуфтанд, ки мусалмонем. Яъне (астағфируллоҳ), мунофиқ ҳам буданд.

Мунофиқ аз кофир бадтар аст, ва ба ҳамин сабаб Худованд (ҷ), ҷойгоҳи онҳоро дар ҷаҳаннам поинтарин табақа, муқаррар фармӯдааст:

﴿ إِنَّ ٱلْمُنَٰفِقِينَ فِى ٱلدَّرْكِ ٱلْأَسْفَلِ مِنَ ٱلنَّارِ وَلَن تَجِدَ لَهُمْ نَصِيرًا ١٤٥ ﴾

«Мунофиқин дар поинтарин табақае аз дӯзах ҳастанд»[1].

Аммо суол инҷост, ки дар чӣ вазъияте мунофиқ пайдо мешавад?

Он ҷо, ки қудрат дар дасти мусалмон бошад ва Ислом мавқеъи бартаре дар муҷтамаъ биёбад, нифоқ падидор мегардад. Ба таври мисол: Дар замони ҳазрати Расули Худо (с) дар шаҳри Макка, чун мусалмонон тавоноӣ надошатанд ва бақияи мардум ҳама кофир буданд, мунофиқе вуҷуд

[1] : Сураи Нисо 145

надошт. Аммо дар Мадина, ки ҳукумати Исломӣ барпо буд, бархе аз куффор зоҳиран Ислом оварданд, дар ҳоле ки қалбан аз он нафрат доштанд, яъне мунофиқ шуданд. Оё Ислом дар замони хилофати ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р.з), қудрати кофӣ надошт?

Бо ҳарфе, ки олими Шиъа мезанад, ҷавоби ин пурсиш манфӣ аст, зеро мегӯянд: Тамоми Саҳоба (р.з), муртад шуданд, бинобарин қобили фаҳм нест, ки бигӯем: Ёрони ҳазрати Алӣ (р.з) ва чаҳор нафари тарафдори эшон мунофиқат мекарданд. Ва аслан агар аз Алӣ (р.з) мепурсиданд, ҳаққашро намехурданд.

Фаромӯш накунем, вақто ки ҳазрати Абӯбакр (р.з) зимоми умурро ба даст гирифтанд, авзоъи дохилӣ нобасомон буд. Аз як тараф Аъроби биёбонгард муртад шуда буданд, пас Абӯбакр (р.з) аз тарси онҳо нифоқ намекард. Аз сӯйи дигар олимони Шиъа мегӯянд? Дар маросими интихоби ҳазрати Алӣ (р.з) ба ҷонишинӣ дар Ғадири Хум, ҷамъияти анбуҳе ширкат доштанд ва боз ҳам онҳоянд, ки иддаъо доранд, ки аз ин ҷамъияти анбуҳи ҳоҷиён, фақат чаҳор то дувоздаҳ нафар мутобиқи ривоёти онҳо, вақте ҳаққи Алӣ (р.з) хурда шуд, забон ба эътироз кушуданд, бинобарин

афкори умумии мусалмонон ҳам бар зидди Алӣ (р.з) буд ва далеле барои пайдоиши нифоқ наметавон ёфт.

Ва илова бар инҳо, дар Яман ва ҷойҳои дигар, паёмбарони дуруғине пайдо шуда буданд ва асоси Ислом дар хатар буд.

Дар чунин авзоъе, мунофиқ бояд теша бардорад ва бар решаи Ислом бизанад, хусусан вақте, ки қудрат ба дасти ӯст, дигар набояд фӯрсатро аз даст диҳад.

Аммо мебинем, Абӯбакр (р.з) барои ҳифзи дини Муҳаммад (с), аз ҷон ва моли худ мегӯзашт. Инро чӣ гуна метавон тавҷеҳ кард?

Аз ҳамин Саҳобае, ки паёрави ташаюъ ба куфр мутаҳамашон мекунад ва мунофиқашон медонад, яке пас аз вафоти Паёмбар (с) барои дифоъ аз дини Ӯ худро бо фалохан (манҷаниқ) ба дохили қалъаи куффор меандозад ва бар рӯй дарёе аз душманон меафтад ва меҷангад ва дари қалъаро барои мусалмонон боз мекунад.

Ҳафтсад Саҳоба фақат дар набард алайҳи Мусайламаи каззоб ба шаҳодат мерасанд. Ҳамаи ин

иттифоқот дар давраи кутоҳи зимомдории ҳазрати Абӯбакр (р.з), рух дод.

Онҳоро чӣ маҷбур кард, то дини Муҳаммад (с)-ро ҳифз кунанд? Усулан мунофиқ, фоқиди ин рӯҳия аст, ва ҳар кас бо камтарин огоҳӣ ба матни Қуръон ва ҳадди ақал имон ба он, ночор аст ин аслро, ки мунофиқ на фақат руҳияи шаҳодатталабӣ надорад, балки дар ҳар фурсате бар зидди Ислом талош мекунад, тасдиқ намояд.

Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿...فَقُل لَّن تَخۡرُجُواْ مَعِيَ أَبَدٗا وَلَن تُقَٰتِلُواْ مَعِيَ عَدُوًّاۖ إِنَّكُمۡ رَضِيتُم بِٱلۡقُعُودِ أَوَّلَ مَرَّةٖ فَٱقۡعُدُواْ مَعَ ٱلۡخَٰلِفِينَ ٨٣﴾.

«Пас эй Муҳаммад (с) ба мунофиқин бигӯ? Ҳар гиз бо мо ба қасди ҷиҳод аз шаҳр берӯн нахоҳед рафт ва ҳеҷ вақт ҳамроҳи ман бо душмане ҷиҳод нахоҳед кард, ба дурӯстие, ки шумо дар аввал низ нишастанро дӯст доштед, пас ҳамнишинӣ кунед бо онҳое ки боқӣ монданд, аз занон ва маҷруҳин ва кудакон» [1].

[1]: Сураи Тавба 83

Ва ҳамаи мо медонем Саҳобае, ки Шиъа онҳоро бар курсии иттиҳом мешинонанд, ҳамеша ва дар ҳама ҷангҳо ҳамроҳи Ҳазрат буданд.

Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿هُمُ ٱلَّذِينَ يَقُولُونَ لَا تُنفِقُواْ عَلَىٰ مَنۡ عِندَ رَسُولِ ٱللَّهِ حَتَّىٰ يَنفَضُّواْۗ...٧﴾.

«Ҳам онҳоянд, ки мегӯянд: ба касоне, ки ҳамроҳи Расули Худо ҳастанд, кӯмаки молӣ накунед, то пароканда шаванд»[1].

Ҳазрати Абӯбакр (р.з) мардуми Мадинаро дошт, Маккаро дошт, Аъроби биёбонгардро дошт, Рӯм ва Иронро дошт. Мусайлама дар фарзи Шиъа ҳам ҳадафи Ӯ буд, аммо бо ҳама ин аҳвол ба сангари Ислом паноҳ бурд. На фақат ба сангари Ислом паноҳ бурд, балки бо ҳама куффор аз ҳар фирқаҳое, ки буданд ҷангид ва на фақат бо куффор ҷангид, балки решаи онҳоро аз рӯйи Шибҳи Ҷазираи Арабистон, канд.

Ин аз тарих собит аст ва бародарони Шиъа низ қабул доранд, ки ҳазрати Абӯбакр ва Умар (р.з) ба Ислом хидмати шоёне карданд ва собит аст, ки

[1]: Сураи Мунофиқун 7

авзоъи нобасомони падидомада пас аз реҳлати Расули Худо (с), ёрони Паёмбар (с) киштии Исломро дар дарёи пурталотум ба хуби ҳидоят карданд ва ба соҳили амн расонданд.

Ва ин ҳам аз Қуръон собит аст, ки мунофиқ ба Ислом кӯмак намекунад, на фақат кӯмак намекунад, балки агар фурсат пайдо кунад, онро аз байн мебарад ва ба исбот расонидем ки ин фурсат дар назди ёрони қудратманди Расули Худо (с) буд.

Пас натиҷа инаст, ки бояд қабул кунем, ки Саҳоба (р.з) на фақат мунофиқ набуданд, балки муҷоҳидоне буданд, ки тарихи Ислом пас аз поён ёфтани давраи онҳо, дигар ҳаргиз он давраи тиллоиро ба чашм надидаанд. Ҳар кас инро напазирад, бо ҳақиқат душманӣ варзидааст.

Чун Саҳоба мунофиқ ва муртад набуданд – он тавре, ки шарҳаш рафт- пас имкон надорад, ки дастури Худо дар бораи хилофати ҳазрати Алӣ (р.з)-ро нодида мегирифтанд ва ё бадон гардан намениҳоданд ва он кас, ки чунин иддиъое дорад, ночор бояд ба таноқузе, ки дар пайи иддиъояш матраҳ мешавад, посух гӯяд.

## Ҳазрати Алӣ (р.з) чаро сукут кард?

Дар ин гуфтор мехоҳем рафтори шахсияти дигари ин достон, яъне касе, ки муддаъиён муддаъиянд, ҳақаш ғасб шудааст, баррасӣ кунем. Мо рафтори ӯ дар муқобили ғосибон аз манобеъе нақл мекунем, ки пайравони ӯ аз ҳар фирқае қабул доранд.

Ҳама пазируфтанд, ки ҳазрати Алӣ (р.з) барои касби ҳаққи Худододӣ, даст ба шамшер набӯрданд ва 25 сол сукут карданд, чаро?

То он ҷо, ки ман медонам, олимони Шиъа маъмулан барои тавҷеҳи ин сукут, дӯ далел меоваранд:

**Далели аввал:** Ҳазрат ба он хотир сукут фармуданд, ки асоси Ислом ба хатар наафтад. Эшон маслаҳати худро фидои Ислом карданд, зеро Ислом ҷавон ва навпо буд ва эҳтимол дошт бар асари мухолафати ҳазрати Алӣ (р.з), ба таври комил нобуд шавад.

**Далели дувум:** Ҳазрати Алӣ (р.з) қудрат надошт, ки ҳаққи худро бигирад, пас ночор дар муқобили душманон сукут кард.

Аммо ин тавҷеҳот як маънии дигар ҳам дорад ва он инаст, ки Хулафои пеш аз ҳазрати Алӣ (р.з), ба Ислом хидмат мекарданд ва эътирофи зимни ба ин аст, ки он родмардон, мӯминоне буданд, ки ҳадафашон пеш бурдани аҳдофи Ислом буд, лизо хадамоташон то он андоза муфид буд, ки ҳазрати Алӣ (р.з), ин гуноҳи азим, яъне ғасби хилофатро саҳл шумурданд ва сукут фармуданд.

Сарфи назар аз тазоди мавҷуд буда дар ин далел, ба ҳар ҳол ва ҳадди ақал, як мавзӯъ собит мешавад, ва он инаст, ки Асҳоб мунофиқ ва муртад набуданд, балки ходимони мухлиси Ислом маҳсуб мешуданд, ва бо собит шудани ин, дигар чӣ гуна метавон иттиҳоми азими нофармонӣ аз фармонҳои Илоҳиро мутаваҷҷеҳи он покон кард.

Далели дуввум: ки мегӯянд: Ҳазрат қудрат надоштанд, низ далели суст ва бепоя аст, зеро барои гирифтани ҳақ ва иқдом барои рост кардани каҷиҳо қудрат шарт нест. Ҳазрати Муҳаммад (с) низ дар аввал нерӯ надоштанд ва як тан шурӯъ карданд ва рафта рафта Асҳоб гирди эшон ҷамъ шуданд ва билъахар, Ҳукумати Исломиро поярезӣ карданд ва он гаҳе магар одам қудрат надошта бошад, бояд зери бори ҳукумати мунофиқин 25 сол зиндагӣ

кунад? На! Гумон намекунам ин равиш ва сираи шери Худо, Алии Муртазо (р.з), бошад.

Баъд азоне, ки ҳазрати Алӣ (р.з) ба хилофат расиданд, дар муқобили амири Шом, Муъовия (р.з) нармиш нишон надоданд, дар ҳоле ки қудрати кофӣ ҳам надоштанд ва маслаҳат ҳам набуд ва дар ҷавоби онҳое, ки ба эшон пешниҳод мекарданд, ки Муъовия (р.з) дар Шом қавӣ ва нерӯманд аст ва беҳтараст муддате ба ӯ чизе нагӯед! Фармуданд: як рӯз ҳам ӯро таҳаммул намекунам.

Ин ҷо ки мерасем, мегӯянд: Алӣ (р.з) маслиҳатгаро набуд, пас ҳарфи моро мезанед, яъне ин ки далел дувуми онҳо бо эътирофи худашон ба таври куллӣ, нодуруст аст.

Алӣ (р.з) барои ҷони худ ба хотири пешбурди ҳақ арзише қоил набуд. Фаромӯш накунем, ки Алӣ (р.з) аввалин фидоӣ дар Ислом буд. Магар ин ӯ набуд, ки ба ҷойи Расули Худо дар рахти хоб хобид? ва ҷонашро дар маърази хатар гузошт. Аз ин болотар ҳазрати Алӣ (р.з) медонист, ки агар ҳақ бо ӯ бошад, пирӯз хоҳад шуд, зеро абарқудрат, яъне Худованд (ҷ) ӯро таъйид мекард, зеро ӯ ин оятро хонда буд ва аз маънои он огаҳӣ дошт ки:

﴿كَم مِّن فِئَةٖ قَلِيلَةٍ غَلَبَتۡ فِئَةٗ كَثِيرَةَۢ بِإِذۡنِ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ مَعَ ٱلصَّٰبِرِينَ ٢٤٩﴾

«Чӣ басо гурӯҳи андаке, ки пирӯз шуданд бар ҷамоъати бузӯрг ба иродаи Худованд, ва Худованд бо шикебоён аст»[1].

Ағлаби донишмандони Шиъа бар ин бовар ҳастанд, ки ҳар гуноҳе, ки пас аз вафоти Расули Худо (с) рӯх дод, решааш дар ҳамон инҳирофи аввалия аст. Онҳо ҷумлаи маъруфе доранд, ки: "Умар гуноҳе аз гуноҳони Абӯбакр буд".

Пас гуноҳони Муъовия (р.з) ҳам, гуноҳе аз гуноҳони Абӯбакр маҳсуб мешавад ва бар асоси мантиқ воқеъан ҳам ҳамин тавр бояд бошад. Агар ҳаққи Алӣ (р.з) тавассути Абӯбакр (р.з) ғасб намешуд, дигар язиде майдон пайдо намекард, ки имом Ҳусайнро бикушад.

Ҳатман ҳазрати Алӣ (р.з) бештар аз мо ба ин ҳақиқат, ки каҷравии аввалия, сангбинои тамоми инҳирофоти баъдӣ аст, воқиф буданд.

Пас чаро сукут карданд? Чаро барои тағйири ин зулми азим он тавр иқдом накарданд,

[1] : Сураи Бақара 249

ки писарашон Ҳусайн (р.з), амал карданд? Ва азин болотар дигар, чаро ба онҳо кӯмак карданд?

Мо дар тарих хондаем, ки он Ҳазрат мушовири хубе барои Хулафои сегона буданд. Олимони Шиъа ба ин қавли ҳазрати Умар (р.з), ки фармуданд: "Агар Алӣ (р.з)  намебуд, Умар ҳалок мешуд", ифтихор мекунанд ва онро далеле бар дониши Алӣ (р.з), медонанд. Ман ҳам ифтихор мекунам ба дониши Алӣ (р.з) ҳам ба тавозӯъи Умар (р.з), ва ҳам ба дӯстӣ ва бародарии мавҷуд дар байни он дӯ родмарди бузӯрги тарих, вале ба ҳар ҳол ин ҷумла собит мекунад, ки Алӣ (р.з) хайрхоҳи Умар буд.

Вақте, ки ҳазрати Умар (р.з) ирода кард, ки барои ҷанг бо душманони Ислом шахсан ба майдони набарди Ирон биравад, ҳазрати Алӣ (р.з), фармуданд: "Агар ту биравӣ ва шикаст бихурӣ ё бимирӣ, руҳияи сарбозон хароб мешавад, аммо агар дар Мадина бошӣ, метавонӣ дар пай ҳар шикасте, бар эшон нерӯи кӯмакӣ ва тозанафасе бифиристӣ". Алӣ (р.з), ҳарис буд то умри Умар (р.з) тулонӣ бошад. Наметавон барои як мунофиқи муртад, умри бештареро орзӯ кард.

На! бо ҳеҷ мантиқе Алӣ (р.з) чунон коре намекард. Алӣ (р.з) душмани мунофиқон ва муртадон буд. Алӣ (р.з) ҳатто бо куффор ҳарф намезад. Алӣ (р.з) духтарашро бо Умар дод. Ин магар мумкин аст, ки одаме мисли Алӣ (р.з) духтарашро бо кофире муртад ва мунофиқ бидиҳад? Ин магар имкон дорад, одаме мисли Алӣ (р.з) духтарашро ба касе диҳад, ки нофармони Худоро дар муҳимтарин дастуроти дин анҷом дода аст? Агар рафтори ҳазрати Алӣ (р.з) дар қиболи Хулафои Рошидини дигарро бо гуфтори муддаъиёни пайрави ӯ бисанҷем, тазоди бузӯрге мебинем ва ночорем бегуем: Ё он рафтор аз Алӣ (р.з), сар назада, ё ин ақвол дурӯғ ҳастанд.

Аммо ҳама мувофиқ ба ин ҳастанд, ки Алӣ (р.з) он чиро баршумурдаем, анҷом додааст. (Ва тоза мо мегӯем, ҳатто пайвандҳои дӯстӣ ва бародарии онҳо, зиёдтар аз он чӣ буд, ки навиштем).

Аммо ба ҳар ҳол, ҳамон қадре ҳам, ки байни мо муштарак аст кофист, пас мемонад ин эҳтимол, ки он ақвол дуруғ ҳастанд. Бале он ҳарфҳо дуруғ ҳастанд. Пазириши ин ҷумла танҳо халоси аз гирдоби тазод аст.

Аслан ин масъала қобили дарк ва тасаввур нест, ки Худованди Таборак ва Таъоло ҳукми раҳбарии Умматро баъд аз Паёмбар (с) ба номи Алӣ (р.з) содир фармояд ва Алӣ (р.з) бино бо салоҳи диди худ, аз он ҳақ сарфи назар кунад.

Инҷо масъалаи ҳақ матраҳ нест. Масъалаи вазифа пеш меояд. Алӣ (р.з) мувazзаф буд, ки дастури Аллоҳ (ҷ)-ро иҷро кунад, лизо ин ки мегӯянд: (Ҳаққи Алӣ (р.з)-ро хурдаанд ва Алӣ (р.з) сукут кард), ҷумлаи нодурӯст аст.

Бояд бигӯянд: (Монеъи анҷоми вазифаи ҳазрати Алӣ (р.з) шуданд, ва Алӣ (р.з) сукут кард), ва инро чӣ тавр ҷуръат доранд, ки бигӯянд?

Дар инҷо олимони Шиъа барои сохтани посухе ба ин эрод мегӯянд: Ҳазрати Муҳаммад (с) вақте, ки ба Алӣ (р.з) дастури Илоҳӣро иблоғ фармуд, дар зимн изофа карданд, ки "Эй Алӣ (р.з)! Агар бо тӯ носозгорӣ карданд ва туро напазируфтанд, сукут кун". Агар ин тавҷеҳи онҳоро бипазирем, ҳамроҳаш бояд инро низ бовар кунем, ки барои аввалин ва охирин бор Худованд (ҷ), ҳукмеро содир мекарданд ва танфизи онро машрут ба пазириши мардум намуданд ва илло то он ҷое ки мо медонем, дар ҳеҷ дастури Илоҳӣ, пазириши

мардум шарти иҷрои он аз тарафи мӯминон нест ва мусалмонон мувазззафанд, чӣ мардум қабул кунанд ё накунанд, ҳукми Аллоҳ (ҷ)-ро дар руй курраи замин ба марҳалаи иҷро даровнезависим, ва лав он ки ҳамаи мардуми дӯнё як тараф бошанд, мусалмонон дар тарафи дигар, ва агар чӣ ҷангҳо шавад ва хунҳо бар замин резад, ҳатто як маврид ҳам дар таърих нест, ки мӯминон ҳукми Аллоҳро танҳо ба ин далел, ки мардум напазируфтаанд, муъаллақ бигзоранд, ва агар ин ҳарфи олимони Шиъаро бипазирем, ҳамроҳаш бояд бовар кунем, ки як истисно дар суннати Илоҳӣ падид омадааст.

Барои тавҷеҳи сукут ба чӣ далоиле, ки наовехтаанд, иллати ин дӯр шудан аз ҷодаи мантиқ инаст, ки онҳо ин масъала, ки (ҳаққи Алӣ (р.з) хурда шудааст)-ро меҳвар сохтаанд ва мавзӯъе ғайри қобили баҳс қарор додаанд, лизо дигар парвои инро надоранд, ки барои оростани он, ҳатто низоми хилқатро низ зери суол бибаранд!

Инҷо шояд касе бигӯяд ки: (Бархе аз фармонҳои Ислом гоҳо муъаттал мешаванд, он ҳангоме ки дида шавад, зарари анҷоми корре аз нафъи он бештар аст, ва Алӣ (р.з) чун зарари иқдоми мусаллаҳонаро беш аз фоидааш медид, лизо сукут кард)

Аммо билофосила мепурсем, ки чӣ хайре ва чӣ фоидае метавонад дар раҳбарии як уммати навпо тавассути муртадон ва мунофиқон бошад?

Пас роҳе намемонад ҷӯз ин, ки бипазирем, онҳо мунофиқ набуданд ва дар ин сурат наметавонем иттиҳоми бузӯрги инкор ва нофармонӣ ва пинҳон намудани ҳукми Илоҳиро бо онҳо нисбат диҳем.

Бо ин тазод коре намешавад кард, ҷӯз он ки қабул кунем, ки фарзи мазҳаби ташаюъ аз реша нодурӯст аст, яъне ҳақе беҷо нашуда, ва Алӣ (р.з) ҷонишини расмии Паёмбар (с) набуданд, Худованд мефармояд:

﴿أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِندِ غَيْرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُواْ فِيهِ ٱخْتِلَٰفًا كَثِيرًا ٨٢﴾

«Оё дар Қуръон тадаббур намекунанд! ва агар Қуръон аз ҷониби каси дигаре ғайр аз Аллоҳ мебӯд, ҳатман дар он ихтилоф ва тазод меёфтанд»[1].

[1] : Сураи Нисо 82

Ин як шохиси муҳим барои шиносоии каломи ҳақ ва кутуби ҳақ, аз калом ва кутуби ботил аст. Ҳар ҷо ки дидед, ақидае ё мазҳабе барои тавҷеҳи бовариҳои худ, дучори дугонагӯй мешавад, яқин кунед, ки он мазҳаб реша дар дини Илоҳӣ надорад.

Худованд дар Қуръон ба мо амр мекунад, ки бо мунофиқин биҷангед:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ جَـٰهِدِ ٱلْكُفَّارَ وَٱلْمُنَـٰفِقِينَ وَٱغْلُظْ عَلَيْهِمْ ۚ ﴿٧٣﴾﴾

«Эй Паёмбар! бо куффор ва мунофиқин ҷанг кун ва ба онҳо сахтгир бош»[1]

Яъне, ва бар онҳо сахтгир бош ва дурушти кун ва дастур медиҳад, ки бар сари қабри онҳо ҳозир нашавем.

﴿وَلَا تُصَلِّ عَلَىٰٓ أَحَدٍ مِّنْهُم مَّاتَ أَبَدًا وَلَا تَقُمْ عَلَىٰ قَبْرِهِۦٓ ۖ إِنَّهُمْ كَفَرُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَمَاتُوا۟ وَهُمْ فَـٰسِقُونَ ﴿٨٤﴾﴾

«Ва намоз нахон бар ҷасади яке аз онҳо ва бар сари қабрашон наист ва барояшон талаби омурзиш макун, зеро ки онҳо ба Худо ва

[1] : Сураи Тавба 73

Паёмбараш кофир шуданд ва дар ҳоли бадкорӣ мурданд»[1]

На Паёмбар (с), на Алӣ (р.з), ҳеҷ кадом аз ин корҳоро дар ҳаққи Асҳоб накарданд ва ҳар касе хилофи инро бигӯяд, дигар хело дуруғгӯ аст, зеро чӣ гуна мумкин аст Алӣ (р.з) Асҳобро кофир бидонад ва бо ин васф ҳазрати Умар (р.з) эшонро дар шӯрои шашнафарӣ номзад кунад? Шаш нафаре, ки қарор шуд аз байни худ якеро барои ҷонишинии Умар (р.з) баргузинанд, чӣ гуна мумкин буд Алӣ (р.з) Умар (р.з)-ро мунофиқ бидонад ва Умар (р.з) ӯро ба маҷлиси худ роҳ дода ва ба насиҳатҳои ӯ гӯш фаро диҳад ва ба онҳо амал кунад.

Хулласи калом ин ки, Алӣ (р.з) на бо Хулафои пеш аз худ ҷангид ва на ба онҳо сахтгирӣ кард ва на аз ҳозир шудан бар сари қабр ва маросими тадфини онҳо, руйгардон будааст. Агар Асҳоб мунофиқ буданд, маънояш инаст, ки Алӣ (р.з) ба се фармони мазкур дар оёти собиқ, амал накарда ва нофармонии Худоро муртакиб шудааст, ва ки ҷуръат дорад инро бигӯяд?

---

[1] : Сураи Тавба 84

Пайравони Алӣ (р.з) мегӯянд: Алӣ (р.з) ба хотири масолеҳи Ислом сукут кард ва ин хомӯширо чаро то поёни Хилофати се Халифаи пеш аз худаш идома дод. Пайравони Алӣ (р.з) чаро аз Алӣ (р.з) пайравӣ намекунанд? Ҳоло ки Алӣ (р.з) ва Умар ҳар дӯ дар гузаштаанд, дигар чӣ маслиҳате дар кор аст? Чаро пас аз се қарн ин баҳсҳо зинда шуд? Оё беҳтар набуд ҳоло, ки Алӣ (р.з) бо супориши Паёмбар (с) бино бо гуфтаи шумо, муҳри хомӯшӣ бар лаб зад ва иқдоме накард, шумо ҳам ҳамон корро мекардед?

Дар замони ҳазрати Усмон (р.з), Ислом ба авҷи қудрат буд, ҳазрати Алӣ (р.з) сукут кард, шумо чӣ мақсаде доштед, ки дар замони заъфи Ислом ин бугӯмугӯҳоро шурӯъ кардед? Оё беҳтар набуд ин воқеъаро ҳамчун Алӣ (р.з) фаромӯш мекардед ва ба қазовати Илоҳӣ вомегузоштед?

Агар касе ба диққат тарихро мутолиъа кунад, тарихе ки олимони Шиъа ҳам қабулаш доранд, бо таъаҷҷуб дар меёбад, ки даъвое дар байни аҳли байти Умар (р.з) ва аҳли байти Алӣ (р.з) вуҷуд надоштааст. Биёед ба мавзӯъи издивоҷ дар байни ин дӯ хонавода назаре биандозем.

Аз ҳазрати Муҳаммад (с) шурӯъ кунем. Он ҳазрат дӯ духтари худро ба ҳамсарии Усмон (р.з) доданд. Яъне духтари аввал, ки фавт кард, духтари дуввумро доданд ва духтари кучаки эшон ба ақд ва издивоҷи Алӣ (р.з) даромад. Паёмбар (с) духтаре аз Абӯбакр (р.з)-ро ба занӣ гирифтанд ва бо як духтари Умар (р.з) низ издивоҷ карданд. Умар (р.з) як духтари Алӣ (р.з), яъне Умми Кулсуми Куброро ба ҳамсарии хеш баргузид.

Модари имоми Содиқ (р.з), муассиси мазҳаби онҳо, аз Аҳли Байти Абӯбакр (р.з) буд. Ҷараён ба ин сурат рӯх дод, ки ҳазрати имоми Саҷҷод (р.з), яъне нувосаи ҳазрати Алӣ (р.з) вақте писараш Боқир бузӯрг шуд, ба хонаи Абдурраҳмон, нувосаи Абӯбакр (р.з), яъне хонаи касе рафт, ки ҷадаш ҳаққи ҳазрати Алӣ (р.з)-ро хурда буд ва гуфт, ки омада духтараш, Уми Фарваро барои Боқир (р.з) хостгорӣ кунад ва нувосаи Абӯбакр (р.з) ҳам қабул кард.

Аз аҷоиби кор ин, ки ҳатто модарбузӯрги ҳазрати имом Содиқ (р.з) низ аз насли Абӯбакр (р.з) ва нувосаи эшон будааст. Ин суханро худи имом ва муассиси мазҳаби Шиъаён фармуда ки: (Абӯбакр (р.з) ду бора маро зоидааст). Манзураш ин ки: ман аз дӯ пушти модарӣ, ба Абӯбакр (р.з)

мерасам. Оё инҳо далеле бар ин нест, ки ҳеҷ гоҳ ҷанг ва даъвое байни Абӯбакр (р.з) ва Алӣ (р.з) надошта аст ва достони ҷонишинии Алӣ (р.з) билофасл сохта ва пардохтаи зеҳнҳои беморон аст? ва асл ва асос надорад?

Интизор надорам касе, ки намехоҳад ҳақро бипазирад, бо шунидани ин руйдодҳои таърихӣ конеъ шавад, зеро ӯ болотар аз инҳоро медонад ва қонеъ нашудааст.

Болотар аз ин дигар чӣст? Вақте худи Алӣ (р.з), яъне соҳиби ҳақ, духтари ҷавонаш, духтари ёздаҳсолаашро, духтаре ки аз батни Фотима (р.з) аст, ба бузӯргтарин душманаш медиҳад, ба мунофиқ ва муртад (астағфируллоҳ). Оре, Умми Кулсумро ба Умари панҷоҳу чанд сола медиҳад.

Достони косаи доғтар аз ошро шунидаед? Баъзе аз тарафдорони Алӣ (р.з) ин тавранд. Аммо имкон надорад, ки коса доғтар аз ош бошад ва ҳар ҷо ки косаро аз ош доғтар дидед, бидонед косае зери нимкоса аст.

## Ангезаи ғосибон чӣ буд?

Дар поймолкунии ҳаққи Алӣ (р.з), ё ба иборai беҳтар, дар монеъ гаштан аз анҷоми вазифа чӣ ангезаҳое вуҷуд дошт? Омилони ин ҳаракати шанеъ ба чӣ далоиле даст ба ин амали ношоиста заданд?

Ба гуфтаи бародарони Шиъа, омилони ин ҷиноят тақрибан ҳама мусалмон ва хусусан ёрони хоси Паёмбар (с) буданд. Онҳо танҳо чаҳор то дувоздаҳ нафарро аз ин ҷурми азими таърихӣ ва динӣ барӣ медонанд. Ҳоло биёед ангезаро баррасӣ кунем.

Муттаҳами дараҷаи аввал аз назари онҳо, ҳазрати Абӯбакр (р.з) ва Умар (р.з) ва Усмон (р.з) ва дигар Саҳобаи кибор ҳастанд, ангезаи ин бузӯргворон чӣ буд?

Мусалламан на! Ба гувоҳи тарих ва ба гувоҳи ашхосе чун Хумайнӣ, ағлаби ин ашхоси бузӯрги динӣ, зиндагии соддае доштанд ва аз моли Хилофат, сӯистифода намекарданд ва мо бо зикри чанд достони зуҳд ва тақво, онҳоро ба тасвир мекашем.

**Достони аввал**: Рӯзе Абӯбакр (р.з) ба хонаи хеш ташриф бурданд, ҳамсарашон миқдори ҳалво дар табақе гузошта ва пеши эшон гузошт, ҳазрат фармуд: "Ин аз куҷо омада?" зан гуфт: муддате аз харҷи рӯзона андаке ба канор мегӯзоштам, то миқдори кофӣ фароҳам шуд ва тавонистам ин ҳалворо таёр кунам. Ҳазрат фармуданд: пас маълум шуд, ки ба он андаке ки канор мегӯзоштӣ, ниёзе надоштем ва сипас ба маъмурияти байтулмол дастӯр дод, то аз ҳамон андоза коста шавад".

**Достони дувум**: "Рӯзе Паёмбар (с) барои ҷанге кӯмак ҷамъ мефармуданд. Ҳазрати Умар (р.з) нисфи моли худро оварданд ва тақдим карданд ва ҳазрати Абӯбакр (р.з) омаданд ва ҳамаи моли худро дар табақи ихлос ниҳоданд. Ҳазрати Паёмбар пурсиданд: "Барои зан ва бачаҳоят чӣзе гузоштаи?" гуфт: (Худо ва Расулашро)".

Инсони пайрави ҳавои нафсони аз марг метарсад, аммо зиндагии Саҳоба саросар пӯр аз амсол ва намунаҳост, ки нишондиҳандаи адами тарси онҳо аз мурдан аст. Ва Асҳоби дигари Паёмбар (с) низ ба ҳамин тартиб зистанд. Онҳо зоҳидон ва муттақиёне буданд, ки аз марг биме ба дил роҳ намедоданд ва ба содагӣ зиндагӣ мекарданд. Инро аҳли ташаюъ дар мавриди ағлаби

Саҳоба қабул дорад, магар баъзе аз онҳо ва боризтарин эътирози онҳо бо ҳазрати Усмон (р.з) аст.

Эрод мегиранд, ки Халифаи саввум хешбозӣ мекард. Ба ошноёни худ бахшишҳои калон медод, аммо бо ин вуҷуд инкор намекунанд, ки ҳазрати Усмон (р.з) бо вуҷуди бархурдорӣ аз сарвати фаровон, ба содагӣ зиндагӣ мекарданд ва ҳамин далели мо мешавад, то бипурсем: Ҳангоме, ки он ҳазрат аз моли хилофат ки ҳеҷ, ҳатто аз моли шахсии худ ҷӯз барои гузаронидани як зиндагии фақирона баҳра намегирифтанд, чӣ гуна розӣ мешуданд, то хешовандони эшон сӯистифода кунанд? ва байтулмолро ба яғмо баранд? Дар ҳарфи онҳо тазод мавҷ мезанад. Агар сӯистифода ҳам сурат гирифтааст, бидуни ризоият ва иттилоъи он ҳазрат будааст.

Коре, ки Асҳоб (р.з) ва писарони онҳо барои пешбурди Ислом кардаанд, мутаассифона то имрӯз назири он дида нашуда, балки ҳатто баъзе аз дастовардҳои онҳоро мо муддаъиёни Исломи ноби Муҳаммадӣ аз каф додаем. Марзҳои шимолии Иронро марзи байни куфр ва Ислом медонем, аммо оё бехабарем, ки дар замони Саҳоба (р.з) ва Тобиъин (р.ҳ) марзҳои куфр садҳо километр дӯртар

аз маҳали кунунӣ воқеъ буданд. Ин ҳама ба кушиш ва ҳиммати Саҳоба (р.з) шуда буд.

Бо ин тафосил, чӣ гуна бовар кунем, ки як идда мунофиқ ва муртад ва хоин ва фарзандони онҳо, хидмате ба Ислом кардаанд, ки дар адвори баъдӣ, мусалмонон ҳаргиз мисли онро натавонистанд анҷом диҳанд. Оё ин корномаи дурахшони ёрони Паёмбар (р.з) кофӣ нест, ки напазирем онҳо беҳтарин афроди ин уммат буданд, на бадтарин?

Аз яҳудие бипурсед, ки беҳтарин афроди яҳуд киҳоанд? Мегӯянд: ёрони ҳазрати Мусо (а), масеҳиён мегӯянд: ёрони Исо (а), мусалмонон мегӯянд: ёрони Муҳаммад (с), вале на ҳама мусалмонон мутаассифона, баъзе мегӯянд: бадтарин афроди уммати мо, ёрони Муҳаммад (с) ҳастанд.

Ҳоло биёед фарз кунем: Абӯбакр ва Умар ва Усмон (р.з) ташнаи қудрат буданд. Биёед ин фарзи нодурӯстро бикунем ва баъд бипурсем: бисёр хуб бақияи Асҳоб, ки сарашон аз намади қудрат бе кулоҳ монд, чаро ин гуноҳ белаззатро карданд? Барои чӣ ба хотири ободии дӯнёи дигарон охирати худро барбод доданд? Чӣ боис шуд имрӯз бираванд

ва сухани Паёмбарро нодида бигиранд ва фардояш дар ҷанг бо Мусайламаи каззоб шаҳид шаванд? Магар Абӯбакр (р.з) ба онҳо пӯл медод ё мақом медод? Ҳар кас медонад, Абӯбакр ва Умар (р.з) на худашон хурданд ва на иҷоза доданд, дигарон аз байтулмол истифодаи ғалат кунанд.

Охир касе, ки ин иттиҳоми азимро бар дӯши Муҳоҷир ва Ансор мегӯзорад, бояд ангезае ҳам барояш битарошад, аммо амалкарди Саҳоба ва шаҳодати онҳо дар роҳи Ислом ва зиндагонии зоҳидона ва содаи онҳо, сохтани ангезаро барои иттиҳомсозон басо мушкил мекунад.

Ва билохира мепурсем: Саҳобаи Кибор ҳоло ба ҳар иллати маҷҳуле даст ба ин кор заданд, аммо авомуннос, ки дар Ғадири Хум ҳозир буданд, чаро дар шӯрои Сақифа сукут карданд? Иллати ин сукути аҷиб чӣст? Оё фаромӯш карданд?

Фосила байни Ғадири Хум ба иддаои Шиъаён, то тарихи вафоти Паёмбар (с) фақат ҳафтод рӯз аст. Чӣ тавр ҳафт ҳазор нафари ҳозир дар ҷаласа, ин воқеъаро фаромӯш карданд?

Ба гуфтаи онҳо вақте, ки Алӣ (р.з) расман ҷонишини Паёмбар шуд, мардум сухани Расули

Худоро хуб дарк карданд, ҳатто омаданд ва ба Алӣ (р.з) табрик гуфтанд, пас чаро як нафар дар рӯзи вафоти Паёмбар (с) аз авомуннос баланд нашуд, ки бигӯяд: (Окоён! Магар Паёмбар Алӣ (р.з)-ро таъйин нафармуда буд?). Оё ин иддаъоро бовар кунем, ки ҳама авомуннос якбора бар зидди дастури Расули Худо (с) ҳамдаст шуданд?

Бовар намекунем, чун ҳамон авомуннос баъдан ва ба ташвиқи Абӯбакр ва Умар (р.з) рафтанд ва дар роҳи Ислом шаҳид шуданд, Ирону Ямани Миср ва Румро фатҳ карданд.

Фарз кунед: Имоми масҷиде мардумро амр ба тақво ва диндорӣ мекунад, баъд ҳангоми шаб бо ҳамон мардум ба дуздӣ меравад, оё фардояш агар боз мардумро амр ба амонатдорӣ кунад, мутаассир мешаванд? Мардуме, ки медонистанд Абӯбакр ва Умар ғосиб ҳақанд, дигар чӣ тавр зери парчами онҳо барои густариши ҳақ дар ҷаҳон ҷиҳод мекарданд? Ин ғайри мумкин аст.

Шояд ин суол аз муфаккирини мазҳаби ташаюъ шуда бошад, ки онҳо дар китобҳои худ ангезаи барканории Алӣ (р.з)-ро аз ин донистанд, ки (Алӣ (р.з) қотили падарони кофири мусалмонони ҳамъасри худ буд ва бастагони

мусалмоншудаи ҷадидашон чашми дидан Алӣ (р.з)-ро надоштанд). Аммо ин дурӯғи ошкор ва далели сӯст аст, зеро:

1- Ин масъала барои Асҳоб, ҳал буд. Дар байни онҳо касе буд, ки падари кофири худро бо хотири Ислом кушт ва дигаре аз Паёмбар иҷоза хост, то падари мунофиқи худро бикушад.

2- Агар қарор бар танаффур буд, бояд аз Муҳаммад (с), ки сарчашмаи аслии ангезаи қатли кофирони муҳориб буданд, мутаннафир мешуданд.

3- Дигарон пеш аз Алӣ (р.з) куффоро куштанд, масалан: Умар (р.з) дар ҳар мавзӯъе машварат бар куштани куффор медод.

4- Ин ҷоҳилият дар байни мусалмонҳо набуд. Ваҳшӣ Ҳамза, сайиди шуҳадоро кушт, аммо вақте, ки мусалмон шуд, касе бо ӯ нагуфт, ки болои чашмат абруст, ё Холид бин Валид, қотили чанд Саҳоба вақте мусалмон шуд, ҳатто ба раёсати лашкар расид, ва касе ҳам эътироз накард, ки чаро бояд қотили бародар ва падари мо ҳоло раиси мо бошад?

5- Ва тоза ононе, ки падарон ва бародаронашон ба дасти Алӣ (р.з) кушта шуда буданд, бештар дар Макка буданд ва чандон соҳиби раъй ба шумор намерафтанд ва агар касе мисли Абӯсуфён (р.з) дар Мадина буд, бино ба гуфтаи манобеъи Шиъа, аз Алӣ (р.з) тарафдорӣ кард ва нигоҳ накард ба ин ки Алӣ (р.з) ёронашро куштааст ва ҳазрати Алӣ (р.з) назари ӯро фитнагарӣ дониста ва рад фармуд. Пас ин чӣ далеле аст, ки меоваранд. Оё фақат дунболи дастовези мегарданд, то назарияи ғалати худро тафсир кунанд?

Гоҳе низ мегӯянд: Онҳо аз адолати Алӣ (р.з) метарсиданд, вале магар адолати Алӣ (р.з) чӣ буд, ки аз он битарсанд? Абӯбакр ва Умар (р.з) низ одил буданд ва Алӣ (р.з) ба гуфтаи баъзеҳо, вақто ки адолати Абӯбакр ва Умар (р.з)-ро дид, сукут кард ва онгаҳ касоне, ки адолати Муҳамадиро дида буданд ва дар муқобили он сар фуруд оварданд, чаро бояд аз ҳукумати адли Алӣ (р.з) метарсиданд? Оё Алӣ (р.з) аз Муҳаммад (с) одилтар буд?

Саҳоба ки ин чӣзҳо барояшон тозагӣ надошт, онҳо мардони обдида буданд, онҳо довталабона адолати Муҳаммад (с)-ро пазируфтанд ва Ансор он ҳазратро ба сарзамини худ даъват карданд, то бар онҳо ҳукумат кунанд.

Шунида мешавад ки мегӯянд: Аз тарси шиддати амали Умар (р.з), авомуннос чӣзе нагуфтанд).

Ин далел ҳам мардӯд аст, зеро аввалан Умар (р.з) лашкаре надошт, сониян на фақат Умар (р.з), балки ба таври куллӣ Муҳоҷирон дар сарзамини Мадина қавӣ набуданд ва Ансор дасти бартарро доштанд, солисан: баъзе аз Ансор мисли Саъд бин Маъоз то охири умр, на бо Абӯбакр байъат кард, на бо Умар, ва касе ҷуръат накард ба онҳо чӣзе бигӯяд.

Озодии баён аз бадиҳиёти ҳукумати Исломӣ буд ва кас аз сухан гуфтан воҳима надошт.

**Достон**: Рӯзе Умар (р.з) дар масҷид сухanронӣ мекард, марде бархост ва гуфт: "На суханатро мешунавем ва на итоъат мекунем", фармуд: чаро? Мард гуфт: ту марди баландқомати ва бо ин вуҷуд либосе, ки аз порчаи ғанимати духтӣ, комилан ба андозаат аст, дар ҳоле, ки саҳми мо барои духтани либос кифоя намекунад.

Умар (р.з) маҷбӯр шуд, ҳам писари худро бихонад, то шаҳодат диҳад, ки саҳми худро ба падар дода ва ҳам нишонаи дарзрӯй либосро шоҳид биёварад.

Он вақтҳо мардум наметарсиданд. Оммаи мардум метавонистанд баланд шаванд ва бигӯянд шумо дуруғ мегӯед, ҳақ азони Алӣ (р.з) аст, вале касе дар шӯрои Сақифа баланд нашуд.

Ҳар коре ангезае мехоҳад, олимони Шиъа бояд ба ин суол ҷавоб бидиҳанд.

## **Саҳоба ва замони инҳироф**.

Олимони Шиъа аксаран муътақиданд, ки пеш аз реҳлати Расули Худо (с), Саҳоба мунофиқ буданд. Масалан мегӯянд: "Ба ин хотир намоз бо дасти боз фарз шуд, то онҳое, ки дар остини худ буте доштанд, расво гарданд". Мегӯянд: "Ҳазрати Муҳаммад (с) дар бистари марг мехостанд чӣзе бинависанд, то мардум пас аз эшон гумроҳ нашаванд, аммо Саҳоба ба мушоҷара пардохтанд ва тавтиъачинӣ карданд, то ҳазрат он ҳарфи муҳимро нанависад".

Баҳсро дароз намекунем. Масъала аз дӯ ҳол хориҷ нест: ё муътақиданд, ки қабл аз вафоти Паёмбар нифоқ доштанд, ё мегӯянд: пас аз реҳлати Расули Худо мунофиқ шуданд ва мо ҳар ду назарияро баррасӣ мекунем.

Агар бигӯянд: Он бузӯргворон қабл аз вафоти Паёмбар мунофиқ буданд, мегӯем: рост нест ба ин долоил:

1. Ному нишони мунофиқон ба он ҳазрат маълум буд ва дастур дошт, ки бар сари қабри онҳо намоз нахонад ва ба онҳо биҷангад ва бо онҳо ба шиддат рафтор кунад, бинобарин агар номи

Саҳоба дар листи он ҳазрат буд, дигар маъно надошт, ки ҳазрат онҳоро аз ҷумлаи наздикон ва муқаррабони худ гардонад ва дар умур бо онҳо машварат намояд.

2. Мунофиқин ба ҷанг намерафтанд. Худованд (ҷ) дар бораи онҳо мефармояд:

﴿وَإِذَآ أُنزِلَتۡ سُورَةٌ أَنۡ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَجَٰهِدُواْ مَعَ رَسُولِهِ ٱسۡتَـٔۡذَنَكَ أُوْلُواْ ٱلطَّوۡلِ مِنۡهُمۡ وَقَالُواْ ذَرۡنَا نَكُن مَّعَ ٱلۡقَٰعِدِينَ ٨٦ رَضُواْ بِأَن يَكُونُواْ مَعَ ٱلۡخَوَالِفِ وَطُبِعَ عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ فَهُمۡ لَا يَفۡقَهُونَ ٨٧﴾

«Ва агар сурае нозил шавад (ва ба онон дастӯр диҳад), ки ба Худо имон оваред ва ҳамроҳи Расулаш ҷиҳод кунед, касоне аз онҳо (гурӯҳи мунофиқон), ки тавонои ва қудрат доранд, меоянд ва аз тӯ иҷозаи муъофи аз ҷанг мегиранд ва мегӯянд: бигзор моро то бо қоъидин (касоне, ки ҷиҳод аз сари онҳо соқит аст), бошем, (Оре), розӣ шуданд то ҳамроҳи ақиб мондагон бошанд ва бар қалбҳои онҳо мӯҳр ниҳода шуд, аз ин рӯ, (чӣзе) намефаҳманд»[1].

Ва боз дар бораи онҳо мефармояд:

---

[1] : Сураи Тавба 86-87

﴿فَإِن رَّجَعَكَ ٱللَّهُ إِلَىٰ طَآئِفَةٖ مِّنۡهُمۡ فَٱسۡتَـٔۡذَنُوكَ لِلۡخُرُوجِ فَقُل لَّن تَخۡرُجُواْ مَعِيَ أَبَدٗا وَلَن تُقَٰتِلُواْ مَعِيَ عَدُوًّاۖ إِنَّكُمۡ رَضِيتُم بِٱلۡقُعُودِ أَوَّلَ مَرَّةٖ فَٱقۡعُدُواْ مَعَ ٱلۡخَٰلِفِينَ ٨٣﴾

«Ҳар гоҳ Худо туро ба сӯйи гурӯҳе аз онон боз гардонад, ва аз тӯ иҷозаи хурӯҷ (ба сӯи майдони ҷиҳод) бихонанд, бигӯ: "ҳеҷ гоҳ бо ман хориҷ нахоҳед шуд! Ва ҳар гиз ҳамроҳи ман бо душмане нахоҳед ҷангид! Шумо нахустин бор ба канорагирӣ розӣ шудед, акнун низ бо мутахалифон бимонед!» [1]

Дар ин ҷо Худованд бо калимаи (لن) возеҳ мекунад, ки мунофиқон ҳаргиз ҷиҳод нахоҳанд кард.

Дар ҳоле ки Саҳоба дар ҷангҳо ҳозир буданд ва усулан Паёмбар (с) ғайр аз Саҳоба каси дигарро надошт, ки ҳамроҳаш ба набард биравабд. Оё ин оят барои бедор кардани мо кофӣ нест?

3. Агар бигӯем, ки ёрони Паёмбар (с) ҳамагӣ дар замони ҳаёти Паёмбар мунофиқ

[1] : Сураи Тавба 83

буданд, пас натиҷа ин мешавад, ки Худованд (ҷ) дар иродааш муваффақ нашуд, зеро яке аз аҳдофи беъсати Паёмбар ин буд, ки нуфуси мардуми ҳамъасри худро пок кунад:

﴿هُوَ ٱلَّذِى بَعَثَ فِى ٱلْأُمِّيِّـۧنَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُوا۟ عَلَيْهِمْ ءَايَـٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَـٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا۟ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَـٰلٍ مُّبِينٍ ۝٢﴾

«Ӯ Худоест, ки дар миёни мардуми бесавод (дарснохонда), Паёмбаре аз байни худашон барангехт, ки оёташро барои онҳо мехонад ва покашон мекунад ва ба онон Қуръон ва ҳикматро меомузад, ҳар чанд пеш аз он дар гумроҳии ошкоре буданд!» [1].

Бо ҳарфи ташаюъ пок накард!. Ин ки мо бигӯем аз миёни ҳазорон нафаре, ки дар мадрасаи Муҳаммадӣ дарс хонданд, фақат чаҳор ё дувоздаҳ нафар муваффақ шуданд, тавҳин ба ҳазрати Муҳаммад (с) аст. Ин ҳарф ин маъноро дорад, ки аз зани Паёмбар гирифта то дӯсти самимии эшон, ҷумлагӣ мунофиқ буданд. Яъне, он ҳазрат дар дарёе аз нифоқ, ки гирди эшонро гирифта буд, зиндагӣ мекарданд ва

[1] : Сураи Ҷумъа 2

иқдоме намекарданд. Ин тӯҳмати бас бузӯрге бар Расули Худост. Дурӯст онаст, ки бигӯянд: (Мунофиқин як иддаи маҳдуд буданд ва ҳукумати Исломӣ дар қаламрави Арабистон ривоҷ пайдо кард ва мусалмонҳо халифаи замин шуданд).

Як айби бузурги олимони Шиъа инаст, ки бо қиёс кардан, мардумро дар иштибоҳ меандозанд, масалан: вақте ба ки онҳо бигӯянд: чаро даври қабри Ҳусайн (р.з) тавоф мекунанд? Мегӯянд: чаро шумо даври Каъба тавоф мекунед?

Мепурсем: "Чӣ тавр Маҳдӣ дар гаҳвора ҳарф зад ва 1200 сол умр дид? мегӯянд: чӣ тавр надорад, ҳамон тавре, ки Исо (а) дар гаҳвора ҳарф зад ва Нуҳ (а) 950 сол умр дид".

Ҳамин тавр дар ҷавоби ин ки чӣ тавр мешавад аз зан то падарзан аз наздиктарин дӯст то хешованди Паёмбар (с) ҳама мунофиқ бошанд? Мегӯянд: "чӣ тавр надорад, ҳамон тавре, ки писари Нӯҳ (а) ва зани Лӯт ва Нӯҳ (а) кофир буданд.

Ин ҷавобҳои сафсатаомез набояд касеро гумроҳ кунад. Дар ҷавобашон мегӯем: Вале писар ва зани Нӯҳ (а) ба азоби Илоҳӣ гирифтор шуданд ва дар ҳоле, ки ҳамонҳое, ки шумо онҳоро ҳамроҳони бадтинати Паёмбар медонед, пас аз ӯ Халифа шуданд. Нӯҳ (а) бо амри Худо аз занаш дӯрӣ кард. Лӯт (а) бо амри Худо занашро шабона дар хона раҳо кард, то дучори азоб шавад, аммо Муҳаммад (с) Абӯбакрро ҳамроҳаш ба ғори Савр бурд. Вақти марг, сараш бар синаи Ойша (р.з) буд ва падарашро пешнамози мардум кард. Оре, Муҳаммад (с) то охири лаҳза, Асҳоби худро раҳо накард ва фарқ дар инҷост, ки агар касе иддаъо кунад, ки чун зани Лӯт (а) кофир буд, пас зани Муҳаммад ҳам аст. Агар ҳамин далел бошад, пас зани шумо низ кофир аст. Агар Нӯҳ (а) ҳазор сол умр дид, пас ҳар кас битавонад чунин умре бубинад, бинобарин ман ҳам метавонам бигӯям: ҳазор сол умр мебинам.

Ин ҳарфҳо ба ҳазаён бештар шабоҳат дорад, то далоили илми.

4. Аз ҳама болотар, агар мо бипазирем, ки Асҳоб пеш аз реҳлати Расули Худо мунофиқ буданд, пас бояд Қуръонро инкор кунем. Дар

бисёр ҷойҳои китоби Худо, Саҳоба мадҳ шудаанд ва мо баъзе аз онро шоҳид меоварем:

Сураи Фатҳ пас аз сулҳи Ҳудайбия ва панҷ сол қабл аз вафоти Паёмбар (с) нозил шуд. Дар сулҳи Ҳудайбия паймони сулҳе байни мусалмонон  ва куффор баста шуд, ва Худованд (ҷ) пас аз он дар бораи ҳазрати Муҳаммад (с) ин ояро нозил кард:

﴿لِّيَغْفِرَ لَكَ ٱللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِن ذَنۢبِكَ وَمَا تَأَخَّرَ وَيُتِمَّ نِعْمَتَهُۥ عَلَيْكَ وَيَهْدِيَكَ صِرَٰطًا مُّسْتَقِيمًا ۝٢ وَيَنصُرَكَ ٱللَّهُ نَصْرًا عَزِيزًا ۝٣﴾

«То Худованд гуноҳони гузашта ва ояндаеро, ки ба тӯ нисбат медоданд, биёмурзад (ва ҳаққонияти туро собит намуда), неъматашро бар тӯ тамом кунад ва ба роҳи рост ҳидоят намояд ва пирӯзии шикастнопазире насиби тӯ кунад»[1].

Пас Мусалмонон пеш омаданд ва гуфтанд: "Муборак бошад эй Расули Худо, Аллоҳ (ҷ) мушаххас фармуд, ки бо тӯ дар рӯзи вопасин чӣ хоҳад кард, эй Расули Худо! Бо мо чӣ хоҳад кард? ва ин оёт нозил шуд:

---

[1] : Сураи Фатҳ 2-3

﴿هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ فِى قُلُوبِ ٱلْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوٓا۟ إِيمَـٰنًا مَّعَ إِيمَـٰنِهِمْ ۗ وَلِلَّهِ جُنُودُ ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿٤﴾ لِّيُدْخِلَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَـٰتِ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ خَـٰلِدِينَ فِيهَا وَيُكَفِّرَ عَنْهُمْ سَيِّـَٔاتِهِمْ ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عِندَ ٱللَّهِ فَوْزًا عَظِيمًا ﴿٥﴾﴾

«Ӯ он Худоест, ки фуруд овард оромиш ва итминонро дар дилҳои мӯминон, то имоне бар имонашон бияфзонд ва барои Худост лашкарҳои осмонҳо ва замин ва Худованд донои бо ҳикмат аст, ҳадафи (дигар аз он фатҳи мубин) ин буд, ки мардон ва занони боимонро дар боғҳое (аз биҳишт) ворид кунад, ки дарёҳо аз зери (дарахтонаш) ҷорӣ аст, дар ҳоле, ки ҷовидона дар он мемонанд ва гуноҳонашонро мебахшад, ва ин назди Худо растагории бузӯрг аст»[1].

Ин моҷаро, ки зикраш рафт, ҳазрати Анас бин Молик (р.з) нақл фармуд ва дар кутуби Муслим ва Бухорӣ ба сабт расидааст. Шояд ин ҷо бародаре эътироз кунад ва бигӯяд: (Эё бародар! Агар мо Анас бин Молики тӯро қабул доштем ва ё Бухорӣ ва Муслимро, дигар чӣ ниёзе буд ки тӯ ин китобро бинависӣ? Рост

[1] : Сураи Фатҳ 4-5

ҳам мегӯянд. Қарор нест, ки дар баҳс мо аз чӣзҳои муштараке, ки ҳар дӯ қабул дорем, яъне Қуръон ва Ақл хориҷ шавем, пас дӯбора ба Қуръон руҷӯъ мекунем, то бубинем чӣ тавр дар ҳамин сураи Фатҳ дар чанд ояти поинтар Худованд (ҷ) ризояти худро аз мӯминоне, ки дар зери дарахт бо Расулаш байъат карданд, эълом медорад:

﴿لَّقَدْ رَضِىَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِى قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ١٨﴾

«Худованд аз мӯминон, ҳангоме ки дар зери он дарахте бо тӯ дар байъат карданд, розӣ ва хушнӯд шуд, Худо он чиро дар даруни дилҳояшон (аз имон ва садоқат) нуҳуфта буд, медонист, азин рӯ оромишро бар дилҳояшон нозил кард ва пирӯзии наздике ба унвони подош насиби онҳо фармуд»[1].

Хуб ин Қуръон пеши мост ва мо ақл ҳам дорем, билохира бояд мушаххас кунем ин афроде, ки зери дарахт бо Паёмбари Худо (с) байъат карданд ва Худо аз онҳо розӣ шуд, чӣ касоне буданд? Дар кутуби тарихии аҳли

[1] : Сураи Фатҳ 18

ташаюъ ҳам зикр аст, ки: (Вақто, ки Усмон (р.з) ба Макка ташриф бурд, то бо Маккиён музокира кунад ва роҳро ба манзури духули сулҳомези лашкари ҳазрати Муҳаммад (с) барои анҷоми маносики ҳаҷ боз кунад, хабар омад, ки Маккиён ҳазрати Усмонро куштанд ва баъд ҳазрати Муҳаммад (с) мусалмононро ҷамъ кард ва дар зери дарахте нишаст ва аз онҳо байъат гирифт, ки бо Маккиён биҷанганд)

Возеҳаст, ки ҳамроҳи Расули Худо (с) фақат Алӣ (р.з) набуд. Худуди 1400 нафар пайравони эшон буданд, ва ҳамаи ҳозирин, ғайр аз Ҷад бин Қайс байъат карданд. Шиъа ҳам қабул дорад, ки дар ин маросими байъат Абӯбакр ва Умар (р.з) низ буданд ва мо ба ин далел аст, ки пушти калимаи Саҳоба ҳуруфи (رض), ки ихтисори (رضي الله عنه) аст, менависем.

Шумо диққат кунед, ки Худованд дар ин оят чӣ мефармояд:

﴿فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ١٨ وَمَغَانِمَ كَثِيرَةً يَأْخُذُونَهَا ۗ وَكَانَ ٱللَّهُ عَزِيزًا حَكِيمًا ١٩﴾

«Пас донист он чиро ки дар дилҳояшон аст ва сипас фурӯд овард итминон ва оромишро

бар онҳо ва подош дод эшонро ба пирӯзии наздик ва ғаниматҳои зиёде, ки хоҳанд гирифт ва Худованд ғолиб ва азизу бо ҳикмат аст»[1]

Ин ҳарф чӣ маънои бузӯрге дорад. Ин Аллоҳ аст, ки аз қалбҳояшон хабар медиҳад ва аз имони онҳо таъриф мекунад ва ба хотири ин имони муҳкам аст, ки ба онҳо мужда медиҳад, мужда ба пирӯзии наздик.

Ин подоши онҳо буд ба хотири байъаташон ва ишораест ба пирӯзии баъдии онҳо дар ҷанги Хайбар бо яҳӯдон, ки чунон чӣ медонем, хеле зуд таҳаққуқ ёфт. Яъне вақте, ки Расули Худо аз Ҳудайбия баргашт ва қасди Хайбар фармуд, дар Мадина мунофиқоне, ки ҳамроҳи Ҳазрат дар сафари Макка ширкат надоштанд, ба хотири ба даст овардаи ғаноим хостанд, ки бо лашкар ҳамроҳ шаванд, аммо Расули Худо (с) напазируфт ва фармуд: Агар биёед ба шумо аз моли ғанимат чӣзе намедиҳем ва сипас ҳамроҳи ҳамон мӯминоне, ки дар Ҳудайбия буданд, ба Хайбар рафт ва яҳӯдиёнро шикаст дод ва ғанимати азиме ба даст овард,

[1] : Сураи Фатҳ 18-19

Ҳазрати Ойша (р.з) мефармоянд: "То рӯзи Хайбар як шиками сер хурмо нахурда будам".

Худоро шукр, ҳазор мартаба Худоро шукр, олимони Шиъа барои он ки қаҳрамонии ҳазрати Алӣ (р.з)-ро нишон диҳад, иқрор ба ин доранд, ки ҳазрати Абӯбакр (р.з) ва ҳазрати Умар (р.з) дар он ҷанг парчамдор буданд, вале рашодате аз худ нишон надоданд.

Бар ҳар хол, аз ҳарфашон истинбот мешавад, ки он ҳазарот низ машмули ваъдаи Илоҳӣ шуданд ва ғаноими бисёре ба даст оварданд ва агар ҳам касе ҷаҳолат кунад ва инкор намояд, мепурсем: оё фатҳи 9 қалъаи мустаҳками куффорро Алӣ (р.з) ба танҳоӣ анҷом дод, ё ҳазрати Муҳаммад (с) бо лашкаре онҳоро дар муҳосира гирифт, лашкари азиме ки камари яҳӯдиёнро шикаст. Агар бигӯянд: Алӣ (р.з) ба танҳоӣ ва бо кӯмаки 4 нафари дигар дигар, яҳӯдонро шикаст дод, мегӯем: пас нагуед ки рӯзе, ки ҳаққи Алӣ (р.з)-ро хурданд, Алӣ (р.з) қудрат надошт. Он Алие  ки 4 сол пештар тавониста буд, яҳӯдиёни то дандон мусаллаҳро аз байн барад, бароҳати метавонист Умар ва Абӯбакр (р.з) ва бақияи Асҳобро аз байн

бибарад, ва решаи мунофиқонро биканад, пас чаро ин корро накард ва чун ҷавоб надоранд, ночор мепазиранд, ки ҳамроҳи ҳазрати Муҳаммад (с) садҳо муҷоҳиди дигар низ буданд. Муҷоҳидоне, ки Худованд (ҷ) онҳоро таъйид фармудааст. Пас ҷое, ки Қуръон онҳоро мӯмин медонад, оё касе ки мӯмин ба Қуръон бошад, дигар ҳақ дорад, ки алайҳи Саҳоба сухан гӯяд?

Он ҳам суханҳои ракик дар ҳадди ин ки, онҳо мунофиқ буданд? Ҷавобро бояд бародарони Шиъаи мӯмин ба Қуръони Маҷид бидиҳанд?!!

Бо далоили зикр шуда мушаххас ва ба истилоҳ возеҳтар аз шамс аст, ки Саҳоба то лаҳзаи вафоти Паёмбар (с) мӯминони мухлис буданд ва Қуръон бар ин гувоҳӣ медиҳад ва ақл ва бароҳин ва шавоҳиди дигаре низ ҳаминро мегӯянд.

Ҳоло эҳтимоли дигарро баррасӣ кунем, яъне эҳтимоли ин, ки Саҳоба на пеш аз вафот, балки пас аз реҳлати ҳазрати Муҳаммад (с) мунофиқ шуданд. Ин эҳтимол низ ғайри мумкин аст, ки ба вуқуъ пайваста бошад ба далоили зер:

1. Номумкин аст, чунки бидуни ангеза аст. Тавзеҳ медиҳем: Ҷодаеро дар назар бигиред, ки дар он худуди 30 ҳазор мошин дар ҳоли ҳаракатанд, якбора агар дар рӯзномае шумо бихонед, ки ин 30 ҳазор мошин, ҷӯз 4 то 12 то якбора хароб шуда ва мутаваққиф гаштанд, бовар мекунед? Агар бегӯед, ки чунин чӣзе рӯх диҳад, ҳадди ақал ба дунболи далел мегардед.

Мо вақте мегӯем: 30 ҳазор Саҳоба, Асҳобе, ки то охирин ҷанг ҳамроҳи Расули Худо (с) буданд, якбора ва билофосила пас аз реҳлати он Ҳазрат (с) имонашон хароб шуд, бояд далел ироъа диҳем, вагарна ҳеҷ инсони хубандеше ҳарфи моро намепазирад.

2. Гуфтем, ки Худованд (ҷ) дар моҷарои сулҳи Ҳудайбия бар қалби Мӯминон ва сидқи имони онон гувоҳӣ дод, ва бар қулуби онҳо оромишро нозил фармуд, оят чунин мегӯяд:

﴿هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ فِى قُلُوبِ ٱلْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوٓا۟ إِيمَـٰنًا مَّعَ إِيمَـٰنِهِمْ ۗ وَلِلَّهِ جُنُودُ ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ وَكَانَ ٱللَّهُ عَلِيمًا حَكِيمًا ﴿٤﴾ لِّيُدْخِلَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَـٰتِ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ خَـٰلِدِينَ فِيهَا وَيُكَفِّرَ عَنْهُمْ سَيِّـَٔاتِهِمْ ۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عِندَ ٱللَّهِ فَوْزًا عَظِيمًا ﴿٥﴾﴾ [الفتح ٤-٥]

«Ӯ он Худоест, ки фуруд овард оромиш ва итминонро дар дилҳои мӯминон, то имони собиқашон бо имони тоза зиёд шавад ва барои Худост лашкарҳои осмонҳо ва замин ва Худованд донои бо ҳикмат аст ва оқибати нузули ин оромиш онаст, ки Худованд мардон ва занони мӯминро дар биҳиштҳое дарорад, ки дар он дарёҳо ҷорист ва ҷовидон дар он бошанд ва бадиҳояшонро аз онҳо дӯр кунад ва ин дар назди Худованд як пирӯзи ва растагории бузӯрг барои мӯминон аст»[1].

Натиҷаи нузули ин оромиш бар қалбҳои мӯминон онаст, ки оқибат Худо (ҷ) занҳо ва мардони мӯминро дар боғҳое, ки зери онҳо дарёҳо ҷорист, ворид кунад, ва ҷурмҳо ва бадиҳои онҳоро аз онҳо зоил гардонад. Ва ин подош барои мӯминон назди Худо як растагории бузӯрг аст.

Ин оят панҷ сол қабл аз вафоти Паёмбар (с) нозил шуд. Мулоҳаза кардед, оят мефармояд: мо бар қалби мӯминон сакина ва оромиш нозил мекунем, то имонашон бо имони тоза зиёдтар шавад.

[1]: Сураи Фатҳ 4-5

Худованд нафармуд, ки имонашон кам шавад, яъне акси он чӣ, ки уламои Шиъа мегӯянд. Онҳо муддаъиянд дар арзи панҷ сол имони Саҳоба сайри нузулӣ паймуда ба сифр расид ва зери сифр рафт, ва ин иддаъо хилофи фармудаи Қуръон аст. Мо ба ҳамин ду далел басанда мекунем ва қазоват дар бораи иддаъои ононе, ки ба куфри Саҳоба баъд аз Паёмбар муътақиданд, ба хонандагон вомегӯзорем.

Ин ҷо лозим аст, ишорае ба як тарфанд ё хиллаи бархе аз уламои Шиъа бинамоем. Албатта қасд исоъати адаб ба омаи мардумро надорам, зеро ағлаби онҳо мардумони содиқанд ва танҳо айбашон аст, ки аз улуми динӣ иттилоъот ва огаҳиҳои ғалате доранд ва ҳатто қасди таъна задан ба куллияи уламои Шиъаро низ надорам, зеро дар байни онҳо низ мардони хушният вуҷуд доранд, мутаассифона ё ба ҳақоиқ ба диққат таваҷҷуҳ намекунанд ва ё аз чархиш дар зиндагӣ метарсанд.

Рӯй ҳарфи ман ба он даста аз олимони Шиъа аст, ки саъй доранд аз воқеъият бигрезанд ва онро аз омма махфӣ доранд.

Тарфанди онҳо тақия аст, яъне ҷое ки харашон ланг омад, ақиб менишинанд. Масалан дар масалаи таҳрифи Қуръон, чун иддаъои онҳо маҳале аз эъроб надорад, ба таври куллӣ мункиранд, ки Қуръон таҳрифшуда, дар ҳоле ки кутуби онҳо аз ин масъала пур шуда ва олимоне, ки ба ин амр муътақиданд, рӯйи чашми онҳо қарор доранд.

Бар ин асос, дар сояи тақия, ман метарсам, ки онон биёянд ва бигӯянд ки: нависандаи ин китоб ба мо ифтиро баста ва ҳарф дар даҳони мо гузошта ва китобро бар асоси як фарзияи ғалат навишта, мо ҳар гиз нагуфта ва намегӯем: Умар ва Абӯбакр (р.з) мунофиқ буданд, балки онҳо мӯминоне буданд, ки фақат дар мавриди ҳаққи Алӣ (р.з) дучори лағжиш шуданд. Агар ғайр азин мебуд, чаро мо мусалмонони дигар муъошарат мекунем, зан медиҳем, зан мегирем, бар ҷанозаи онҳо ҳозир мешавем ва забиҳаи онҳоро мехурем, ва пушти имомашон намоз мегӯзорем?

Аммо сабр кунед! Шумо наметавонед бигӯед, ки фалон мусалмон буд, аммо бахше аз рисолати Муҳаммад (с)-ро кАбӯл надошта, дар ин ҳарф тазод нуҳуфта аст. Касе ки намоз

нахонад, кофир нест, аммо он ки мункири вуҷуби намоз шавад, мусалламан мусалмон нест.

Шумо мегӯед: ин оят дар ҳаққи ҳазрати Алӣ (р.з) аст:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلرَّسُولُ بَلِّغۡ مَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ مِن رَّبِّكَۖ وَإِن لَّمۡ تَفۡعَلۡ فَمَا بَلَّغۡتَ رِسَالَتَهُۥۚ وَٱللَّهُ يَعۡصِمُكَ مِنَ ٱلنَّاسِۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡكَٰفِرِينَ ٦٧﴾

«Эй Паёмбар! Он чӣ аз ҷониби Парвардигорат ба тӯ нозил шудаст, комилан (ба мардум) бирасон ва агар накунӣ, пас рисолати ӯро анҷом надодаи! Худованд тӯро аз (хатароти эҳтимолӣ) мардум нигоҳ медорад ва Худованд ҷамъияти кофиронро ҳидоят намекунад»[1].

Бубинед! Масъала чӣ қадар муҳим аст, ки Паёмбар таҳдид мешавад, ки агар нагӯяд ки Алӣ (р.з) ҷонишини ман аст, аз мақоми паёмбарӣ барканор мегардад. Ин тафсири шумо аз оят аст, ва ҳоло ҳисоб кунед ҳоли касеро ки бишнавад, вале қабул накунад, ва

[1] : Сураи Моида 67

пинҳон кунад ва мункир шавад ва худ ҷойи Алӣ (р.з) бинишинад. Умар ва Абӯбакр (р.з) ва боқии Саҳоба бо дӯ гӯши худ шуниданд, ки Ҳазрат фармуд: "Алӣ (р.з) ҷонишини ман аст, аз ӯ пайравӣ кунед". Умар ва Абӯбакр (р.з) ва боқии Саҳоба бо дӯ чашми худ диданд, ки Паёмбар (с) дар ҷои баланде дасти Алӣ (р.з)-ро боло бурд ва гуфт: Он чӣ ки муддаъиён гуфтанд! Бо ин вуҷуд пайравӣ накарданд, аслан мункир шуданд, ки чунин ҳарферо Паёмбар (с) зада, оят ва ҳадисро мункир шуданд, ва пинҳон карданд, дигар чӣ тавр онҳоро мусалмон медонед?. Пас шумо агар ба забон ҳам инкор кунед, чун амали ин кори куфромезро ба Саҳоба нисбат медиҳед, пас қоил ба куфр ва нифоқи онҳо ҳастед, ва китобҳои шумо ҳам пӯр аз ҷумалоте ҳаст, ки ба Саҳобаи азимушаъни Паёмбар (с) нисбати куфрро медиҳанд. Ва аммо ин ки пушти пайравони онҳо намоз мехонед ва зан медиҳед ва зан мегиреду дар ҷанозаи онҳо ҳозир мешавед, барои инаст, ки шумо ба тақия муътақид ҳастед, ва ин суолро худи шумо ҷавоб бидиҳед, чаро бо он ақида ин корҳоро мекунед, ва далели ин тазод дар амал ва гуфтори худро равшан кунед?

## Чаро Паёмбар (с) ҷонишине бар нагузид?

Яке аз эродҳои муҳими эшон инаст, ки мегӯянд: Чӣ гуна метавон пазирӯфт, ки Расули Худо (с) дар чунин амри муҳим сукут карда бошанд ва Умматро монанди раммаи бечупон, ба ҳоли худ вогузаранд. Ин як асли ғайри қобили баҳс пеши эшон аст, ки ҳар гиз курраи замин аз хуҷҷати Худо холӣ намешавад, пас мегӯянд, маҳол буд, ки пас аз марги Паёмбар (с) ин қонуни сохта шуда ба дасти онҳо, тағйир шавад)

Онҳо ба истидлоли зиёд чанг мезананд ва онро аз бароҳини қавии худ ба ҳисоб меоваранд. Аммо боз бар асоси формулае ки дорем, ин нуқтаназарро низ довар месозем, то бубинем, ки оё холӣ аз таноқуз аст ё на?

Мутаассифона дар ин ҷо низ уламои Шиъа дучори таноқузгӯйи шудаанд. Аз як сӯ мегӯянд: дӯнё аз хуҷҷат холӣ намешавад ва замин бидуни раҳбар намемонад ва маҳол аст, ки амри муҳими ҷонишинии Паёмбар маскут гузорида шуда бошад, ва аз тарафи дигар мо амалан мебинем, ки амрӯз ҷаҳон, ҳатто дар

назди худи онон аз хуҷҷат холӣ аст ва масъалаи ҷонишинии Паёмбар бе ҳал мондааст, чӣ тавр? диққат кунед ба гуфтаҳоям!.

Аҳли Шиъа мегӯянд: Худованд (ҷ) ҳазрати Алӣ (р.з) ва баъд имом Ҳасан ва баъд имом Ҳусайнро, баъд имом Саҷҷод ва охир то Маҳдӣ, 12 имомро ба ҷонишинии Паёмбар (с) баргӯзид. Мегӯем: бисёр хуб аз охирин мепурсем:

## Имом Маҳдӣ ҳоло куҷост?

Амсоли маро чаро Худо бидуни раҳбар гузошт? Агар аз адолати Худо дӯр буд, ки Уммати Муҳаммад (с)-ро бидуни раҳбар раҳо кунад, аз адли ӯ бас дӯртар хоҳад буд, ки маро ва амсоли маро ва шуморо, ки аз замони Паёмбар хеле фосила дорем, бидӯни раҳбар раҳо кунад. Мегӯед: (раҳо накарда ва раҳбар мо Маҳдӣ аст, ки зинда ва ҳозир аст). Боз мепурсем: Хуб куҷост, ки ман аз ӯ бипурсам, ки ҳақ бо кист? Шумо дар ҷавоб ман эй бародарони аҳли ташаюъ чӣ мегӯед? Магар намегӯед, ки ӯ пушти пардаи ғайб пинҳон аст ва дастраси ба ӯ мумкин нест ва бояд ба Қуръон ва аҳодиси Аймма ва Паёмбар муроҷаъа кард. Хуб падаромӯрзидаҳо! боз ба ҳарфи мо расидед.

Маҳдӣ аз миёни шумо ба пушти пардаи ғайб рафт ва ҷонишине нагузошт ва шуморо бе раҳбар гузошт, шумо ин ҳақро ба Маҳдӣ медиҳед аз адолати Худо ҳам дӯр намедонед, хуб пас чаро вақте мегӯем: Паёмбари Худо (с) ҷонишине бар нагузид ва Қуръон ва Суннатро барои мо гузошт, нороҳат мешавед ва абрӯ дарҳам мекашед?

Аввал шумо барои Маҳдӣ ноиб дурӯст кардед ва 70 сол, ки умри як одам аст, мардумро саргарм кардед ва чун заминаро барои зуҳӯраш омода надидед, умрашро тулонӣ кардед ва ноибро ҳам мардуд донистед ва билохира возеҳ аст, ки имрӯз ман бидуни раҳбар ҳастам. Шумо хонандагон ҳам бидуни раҳбар ҳастед ва лозим аст, ки худамон бинишинем ва раҳбари хешро баргузинем ва интихоби раҳбарро дар партави ҳидоятхои Қуръон ва Суннат анҷом диҳем, ҳамонтавр, ки бародарони аҳли ташаюъ ин корро мекунанд ва карданд. Аввал Хумайниро интихоб карданд, намояндагони хубрагонро интихоб карданд. Агар Маҳдӣ зинда ва авомираш зоҳир бошад, дигар ниёзе ба интихоб нест. Вақте ки раҳбари Илоҳӣ дар миёни мо бошад, мо дигар ки ҳастем ки раҳбар интихоб кунем, вақте ҳазрати Муҳаммад (с) дар миёни Саҳоба буд, касе интихоб намедонист, яъне чӣ? Ҳеҷ кас намеомад амири лашкарро худаш интихоб кунад, ҳамаи инҳо ба амри ҳазрати Муҳаммад (с) буд, ва ҳазрати Муҳаммад (с)-ро ҳам мардум интихоб накарда буданд, ин возеҳ аст. Ӯ Паёмбар ва баргузидаи Аллоҳ (ҷ) буд. Хуб ҳоло, ки мо ба худ ҳаққи интихоби раҳбарро медиҳем, чаро ба Саҳоба намедиҳем? Ин мисли луқма аз пушти сар хурдан аст, пас аз ҳазору як

далел охир мерасанд ба ҳарфи мо. Ҷои хандаовари казия инҷост, ки дар кишвари Ирон, вақте Хумайнӣ мурд, касеро ба ҷонишинии худ интихоб накард ва шояд хости Худо буд, ки ин тавр нашавад. Аз як тараф Мунтазириро барканор карда буд ва аз тарфи дигар ҷонишини расмӣ надошт ва баъд бузӯргони Ирон омаданд ва як раҳбари ҷадид баргузиданд, ки номаш Хоманаӣ аст. Хоманаӣ ҳукми раҳбарии худро на аз Худо гирифта ва на аз Маҳдӣ ва на ҳатто аз раҳбарии қаблӣ.

Хуб одамҳои ҳисобӣ! он чӣзеро ки ғайри мумкин медонистед ва мегуфтед маҳол аст Паёмбар анҷом диҳад, раҳбари шумо ва раиси низоми шумо анҷом дод.

Мегӯянд: Агар Хумайнӣ ҷонишине интихоб накард, барои ин буд, ки қонуни асоси вуҷуд дошт, маҷлиси хубрагон буд ва дар сояи дастӯроти он, раҳбар интихоб мешуд, ки шуд.

Дар ҷавоб мегӯем: Яъне қонуни асосии шумо аз Қуръон дақиқтар буд. Дар Қуръон омада, ки мусалмонҳо умури худро бо шӯро идора кунанд ва бар асоси он дастӯр, мардум дар амри Хилофат шӯро карданд, ва аксарият

қариб ба иттифоқ бар ҳазрати Абӯбакр муттафиқ шуданд ва он кас, ки ҳам қабул накард, на кудато карду на даст ба шамшер бурд. Ё сукут кард ё ба сафар рафт ва ин қонуни шӯро аст.

Албатта қасд надорам вориди сиёсат шавам, танҳо ҳадафам инаст, ки то баён кунам, ки аҳли ташаюъ наметавонанд ба ақоиди худ ҷомаи амал пушонанд, ҳатто вақте ҳукумат азони онҳо ҳам бошад наметавонанд, чун бо ҷавҳари ақидаи онҳо, тазод аҷин шуда ва ҳар кас медонад, ки дар амал ду чизи мутазод воқеъ намешаванд ва агар ҷӣ ба сурати назарӣ, битавон онро баён кард.

Аммо намехоҳем аз ҷавоб ба ин суол, ки чаро Паёмбар (с) халифае барнагузид, фарор намоем. Мо далоили зиёде дорем, ки адами интихоби ҷонишин тавассути Паёмбарро тавзеҳ медиҳад, аз он ҷумла:

1. Паёмбар (с) қавмро бидуни раҳнамо раҳо накард, зеро дар миёни онҳо, Қуръонро боқӣ монд ва ин китоби осмонӣ дорои ин хосият буд ва ҳаст ба хоҳад буд, ки китоби осон ва қобили фаҳм ва истифода барои ҳама аст.

Худованд (ҷ) чаҳор бор дар як сура, ин оятро такроран оварда аст:

﴿وَلَقَدۡ يَسَّرۡنَا ٱلۡقُرۡءَانَ لِلذِّكۡرِ فَهَلۡ مِن مُّدَّكِرٖ ١٧﴾

«Ва бешак, мо Қуръонро барои тазаккур ва ёдоварӣ, осон гардондем, пас оё ҳаст касе, ки панд гирад?»[1]

Ва ин ҳам вижагии хоси Қуръон аст, ки на таҳриф шуда ва на мешавад ва нахоҳад шуд. Гумон намекунем дар ин бора касе ҷуръат кунад ҳарфи дигаре бизанад, пас Қуръон ва амалкарди Расули Худо (с), ки дар кутуби ҳадис ҷамъ шуда, чароғи фурӯзон барои раҳнамоии Уммат буданд ва ин сухан асосан ғалат аст ки бигӯем: Уммат чун раммае, бе чупон раҳо шудаанд.

2. Давман дар Қуръон ва Суннат амр шуда, ки мусалмонон дар умури хеш бо якдигар машварат кунанд. Худованд (ҷ) дар Қуръон мефармояд:

﴿وَأَمۡرُهُمۡ شُورَىٰ بَيۡنَهُمۡ ٣٨﴾

[1] : Сураи Қамар 17-22-32-40

«(Мӯминон), корҳояшонро дар байни хеш бо машвара анҷом медиҳанд» [1]

Ва онҳо низ пас аз реҳлати Расули Худо (с) чунин карданд ва амалан низ муваффақ шуданд.

Бояд диққат кунем, ки дар адами интихоби ҷонишини мустақим, ҳикмати бузӯрге вуҷуд дорад, барои дарки он ниёз ба таваҷҷуҳ ва фаҳм аст.

Ҳангоме, ки ҳазрати Муҳаммад (с) дар қайди ҳаёт буданд, чанд бор ҷонишин ва ноиб баргузиданд, масалан: вақто ки ба ғазвае ташриф мебурданд, касеро ба ҷонишинӣ дар Мадина мегӯзоштанд, ё бараъкс ҳангоме, ки худашон бо лашкар намерафтанд, касеро аз ҷониби худ амири лашкар мекарданд. Дар яке аз ин ҷангҳо, Холид бини Валид, фармондеҳи сипоҳ буд. Ӯ ба куффор ҳамла кард, яке аз куффор, ки марги худро наздик медид, дод зад: (لااله إلاالله محمد رسول الله), аммо ҳазрати Холид эътиное накард ва ӯро кушт. Вақто, ки баргашт ҳазрати Паёмбар (с) воқеъаро ки шунид, ба

[1]: Сураи Шӯро 38

шиддат нороҳат шуданд ва чеҳраашон сурх шуд ва борҳо ба Холид фармуданд: эй Холид! Қалбашро шикофта будӣ ва дида будӣ, ки дуруғ мегӯяд. Он қадар ин ҷумларо такрор карданд, то ҳазрати Холид дар дилаш гуфт: (эй кош бас мекарданд). Баъд ҳазрати Расули Худо (с) дастӯр дод, ки дияи хуни он фардро ба аҳлаш бидиҳанд, баъд фармуданд: "Худоё ман зимаи хуни он шахсро қабул намекунам".

Чаро ҳазрат ин Ҳарфро заданд? Аз аввал низ зимаи хуни он шахс ба гардани ҳазрати Холид буд. Аз аввал ҳам ба ҳазрати Муҳаммад (с) рабте надошт. На ин тавр нест, ба ҳар ҳол, Холид амири мунтахаби ҳазрати Муҳаммад (с) буд ва ба ибораи дигар, ҷонишини эшон дар байни лашкар буд, пас дастӯри Холид мисли дастӯри Паёмбар (с) буд ва амал ӯ айни амали Расули Худо(с), лизо ҳазрати Холид хато кард, ҳазрати Муҳаммад (с) аксуламал нишон дод ва хатои Холидро ислоҳ кард. Ҳоло тасаввур кунед! Холид ҷонишини он Ҳазрат пас аз вафот низ мебуданд ва фарз кунед, ки ин воқеъа пас аз реҳлати Паёмбар (с) иттифоқ меафтод, ҳеҷ кас наметавонист ба Холид, ин баргузидаи Паёмбар (с), эътироз кунад ва ин амал ҳатто ба сурати қонун медаромад. Ва тасаввур кунед Холид низ

барои худ ҷонишине бар мегӯзид ва ӯ ҳам фақат як хато мекард ва ба ҳамин тартиб то имрӯз ин ҷонишинони расмӣ ба назари шумо, чанд хато мекарданд, ҳамаи ин хатоҳо қонун мешуд?.

Шиъа мутаваҷҷеҳи ин нуқта шуда, саъй карданд ҷонишинони Паёмбарро маъсӯм аз хато муъаррифӣ кунанд. Аммо ин нодурӯст аст, зеро:

Аввалан: Амалан хилофи ин иттифоқ афтода ва Холид (р.з) баргузидаи расмии Паёмбар (с) иштибоҳе кард, ки Расули Худо (с)-ро ба хашм овард.

Сонияан: инсон дар сурате метавонад аз хато маъсӯм бимонад, ки ба ваҳй муртабит бошад ва Паёмбар (с) ҳам агар бо ваҳй сарукор надошт, дучори хато мешуд. Ба таври мисол: эшон мехостанд, сари қабри мунофиқин намоз бихонанд, ки ин оят нозил шуд:

﴿وَلَا تُصَلِّ عَلَىٰٓ أَحَدٖ مِّنۡهُم مَّاتَ أَبَدٗا وَلَا تَقُمۡ عَلَىٰ قَبۡرِهِۦٓۖ إِنَّهُمۡ كَفَرُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَمَاتُواْ وَهُمۡ فَٰسِقُونَ ٨٤﴾

«(Эй Муҳаммад (с)! Ҳар гиз, бар ҳеҷ як аз онон намоз нахон! ва бар канори қабраш,

(барои дӯо ва талаби омузиш), наист, чаро ки онҳо ба Худо ва Расулаш кофир шуданд, дар ҳоле, ки фосиқ буданд, аз дӯнё рафтанд»[1].

Ё ин оят нозил шуд:

﴿عَفَا ٱللَّهُ عَنكَ لِمَ أَذِنتَ لَهُمۡ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكَ ٱلَّذِينَ صَدَقُواْ وَتَعۡلَمَ ٱلۡكَٰذِبِينَ ٤٣﴾

«Худованд тӯро бахшид, чаро пеш аз ин ки, ростгӯён ва дуруғгӯёнро бишиносӣ, ба онҳо иҷоза додӣ? (хуб буд, сабр мекардӣ, то ҳар дӯ гурӯҳ худро нишон диҳанд)» [2], ва мисли ин зиёд аст.

Худован (ҷ) чун, ки амали Расули Худоро усваи мӯминон муқаррар фармуда буд, лиҳозо дар ҳар маврид ишонро мухотаб мекард ва рафторашро дурӯст ва бе хато ва соф мекард, то барои мо марҷеъ бошад ва марҷеъ шуд ва мо мегӯем: эшон маъсум буданд, яъне аз хато ва гуноҳ барӣ буданд.

[1] : Сураи Тавба 84
[2] : Сураи Тавба 43

Аммо ҷонишини Паёмбар (с), ин имтиёзро надошт ва масалан агар Алӣ (р.з) ҷонишини расмии эшон мешуд, ин эҳтимол вуҷуд дошт, ки хатое кунад, ки баъдан ба сурати қонун дарояд ва тоза гоҳе хатоҳо дар силсилаи ҷонишинҳо метавонист 180 дараҷа бо ҳам фарқ кунад, ва моро дӯчори саргармӣ намояд ба ин сурат, ки ин эҳтимол вуҷуд дошт, ки имом Ҳасан (р.з) коре кунад, ки имом Алӣ (р.з) хилофи онро карда ва ё имоми Ҳусайн коре кунад, ки Ҳасан накарда ва ба ин сурат ивази як раҳбар 100 раҳбар доштем, ки ҳар касе ба фатвои худ амал мекард ва мусалмонон ҳайрон мешуданд ва амалан ҳам тарихи Шиъа бо ин мушкил рубарӯст, ки тавзеҳ диҳад: Чаро Алӣ (р.з) бо Муъовия (р.з) ҷангид ва писараш бо Муъовия сулҳ кард. Олимони Шиъа барои тавчеҳи ин рафтори мутазод маҷбӯр шуданд кутуби бузургҳаҷме бинивисанд, ки тоза хонандаи кунҷковро қонеъ намекунад.

Ва ин далели сода аст, ки Паёмбар (с) касеро пас аз худ барнагӯзид, то мабодо хатояш ба номи Ислом тамом шавад. Имрӯз мо дар як масъалаи хилофӣ, ба Қуръон ва Суннат мурочаъа мекунем ва раъйи ҳеҷ шахсияти дигаре, ҳатто шахсияте чун Абӯбакр (р.з) дар

муқобили Қуръон ва Суннат, барои мо санад нест ва худро мулзим ба пайравии сад дар сад аз ҳеҷ кас, ҷӯз Қуръон ва Суннат намедонем.

Олимони мазҳаби ташаюъ барои ин, ки ҷавоби ишколро бидиҳанд, худро ба вартае бас хатарнок андохтаанд, яъне муддаъӣ шуданд, ки ҷонишинони Паёмбар (с) маъсӯм, яъне барӣ аз хато буданд ва ба воситаи илҳом бо Аллоҳ (ҷ) дар тамос буданд ва фарқи илҳом ба ваҳйро дар ин медонанд, ки дар ваҳй метавон фариштаро дид ва садояшро шунид ва дар илҳом фақат садояшро шунида мешавад ва худаш қобили рӯят нест. Ба ин тартиб, хотамияти Паёмбар (с) ва ҷомеъияти Қуръонро амалан мункир шудаанд, ҳар чанд, ки ба зоҳир ба он эътиқод доранд.

Хотамияти Паёмбарро азин рӯ мункиранд, ки ба ҳар ҳол бовар доранд Худованд (ҷ) пас аз ҳазрати Муҳаммад (с) аз тариқи фариштагон бо ҷонишинони ӯ дар тамос аст, ҳамон гӯна, ки бо ҷонишинони Мӯсо (а) тамос дошт. Ҳоло он ки навъи тамос аҳамият надорад. Мехоҳад бо ваҳй бошад, ё бо илҳом, ё ба факсу телефон. Натиҷа муҳим аст. Онҳо мехоҳанд бигӯянд, ки иршодоти Илоҳӣ бар

хилофи ақидаи мо ҷомеъ нашуда ва боз тариқи дигар дар ҳоли такмил аст. Ва ин инкори асли хотамияти Паёмбар ва ҷомеъияти Қуръон аст ва аҷиб ин ки онҳо ба кутуби илҳомшудаи дигаре, чун Ҷифр ва Ҷомеъа ва Саҳифаи Фотимия муътақиданд, "Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъӯвн". Тамоми ин масоил аз он сарчашма гирифта, ки эшон ҷонишинии Алӣ (р.з)-ро асл қарор дода ва барои дифоъ аз ин асл, дигар бар эшон аҳамияте надорад, ки ҳатто агар ба навъе маҷбур ба инкори хотамияти Паёмбар ё комил будани Қуръон шаванд.

Аз ин баҳс маълум шуд, ки чаро Паёмбар (с) ҷонишине таъйин накард, боз далелро такрор мекунем:

Чунки, ҷонишин бо ваҳй муртабит набуд ва эҳтимол дошт дар ҳукме хато кунад ва ин хато дар сурате, ки ӯ баргузидаи Паёмбар мебуд, ба дин бар мегашт.

Ва ин тавзеҳи Шиъаро, ки мегӯянд: ҷонишинони Паёмбар (с) маъсӯм ва бо Худо дар тамос буданд, намепазирем, зеро агар қабул кунем, бояд ояти 40 сураи Аҳзобро мункир шавем:

﴿مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَآ أَحَدٖ مِّن رِّجَالِكُمۡ وَلَٰكِن رَّسُولَ ٱللَّهِ وَخَاتَمَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ ۝٤٠﴾

«Муҳаммад (с) падари ҳеҷ яке аз мардони шумо нест ва локин фиристодаи Худо ва охирин Паёмбарон аст»[1]

Ва агар гӯем: Ин оятро ва ҳам нозил шудани илҳом бар Алӣ (р.з)-ро қабул дорем, дугонагӯи кардаем ва мо дине, ки дугонигӯи ва тазод дар он бошад, қабул надорем, зеро Аллоҳ (ҷ) фармудааст:

﴿وَلَوۡ كَانَ مِنۡ عِندِ غَيۡرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُواْ فِيهِ ٱخۡتِلَٰفٗا كَثِيرٗا ۝٨٢﴾

«Оё дар бораи Қуръон намеандешед!? Агар аз сӯйи ғайри Аллоҳ мебуд, ихтилиофи фаровоне дар он меёфтед»[2]

Яъне агар аз тарафи Худо набошад, ҳатман метавон дар он тазод ёфт.

---

1 : Сураи Аҳзоб 0

2 : Сураи Нисо 82

## Чаро шитоб карданд?

Ва эрод мегиранд: Агар Саҳоба ғаразе надоштанд, чаро ҳанӯз, ки ҷасади Паёмбар (с) рӯйи замин буд, ба такопу афтоданд, то ҷонишин интихоб кунанд. Иллати ин шитоб чӣ буд?.

Мо намедонем аз ин сухан чӣ манзуре доранд? Ин сухан чӣ маъно дорад?

Масъалаи авомфиребӣ ва тарс дар кор набуд, ки тундӣ ё кундии амал дар сарнавишти Алӣ (р.з) таъсире дошта бошад, чунки бародарони Шиъаи мо худ мегӯянд, ки дар Ғадири Хум тамоми мардум шуниданд ва диданд, Паёмбар (с) Алӣ (р.з)-ро ба ҷонишинӣ баргузид. Аммо дар шӯрои Сақифа касе дам назад, ҳатто аз омаи мардум ҳам садое дар наомад, бинобарин гардонандагони пушти саҳна, нигарони ин набуднанд, ки таъхир дар интихоби ҷонишин, эҳтимоли издиёди маҳбубияти Алӣ (р.з)-ро баҳамроҳ биёварад. Магар хориҷ аз шаҳр лашкаре ба кӯмаки Алӣ (р.з) меомад, ки Саҳоба шитоб кунанд?

Ин эрод аслан як авомфиребӣ барои бадном кардани ёрони Паймбар (с) аст, вагарна ин шитоб дар сарнавишти Алӣ (р.з) бетаъсир буда аст. Биёед фикр кунем, масалан: Агар пас аз дафни ҳазрати Муҳаммад (с) ба фикри интихоби ҷонишин меафтоданд, чӣ мешуд? Боз ҳазрати Алӣ (р.з) шансе надошт. Ҳадди аксари коре ки Алӣ (р.з) метавонистанд бикунанд, ин буд ки чӣзеро ки 70 рӯз пеш ҳама шунида буданд, ду бора бозгӯ кунанд. Онҳо, ки сухани Муҳаммад (с)-ро қабул накарданд, мусалламан бозгӯии Алӣ (р.з)-ро низ пушти гӯш меандохтанд. Инро Шиъа мегӯяд, ки (онҳо 70 рӯз пеш ҳама бо Алӣ (р.з) байъат карданд ва ба ҷонишинии ӯ иқрор намуданд, вале дар шӯрои Сақифа, яъне 70 рӯз баъд, нақси аҳд карданд.

Мардуме, ки гуши шунаво ба сухани Расули Худо (с) надоштанд, мусалламан суханҳои Алӣ (р.з)-ро ҳам қабул намекарданд, ҳамчуноне, ки ба иддиъои манобеъи Шиъа, рӯзҳои баъд, Алӣ (р.з) эътироз кард, аммо тағйире дар авзоъ пайдо нашуд.

Пас таъҷил ё таъхир дар интихоби ҷонишини барои Алӣ (р.з) баробар буд. Мушаххас нест касоне, ки ин эродро матраҳ

мекунанд, агар қасди фиреб додан ва бозӣ кардин бо эҳсосоти мардумро надоранд, пас чӣ мақсаде доранд?

Аммо бо ин вуҷуд, барои онки, касе аз ин назар низ сӯистифода накунад, иллати шитоби Саҳобаро ба ривояти тарих зикр мекунем:

Рӯзи вафоти Расули Худо (с), ҳазрати Саъд бини Убодаҳ, раҳбари як гурӯҳ аз Ансор, ҳамроҳи ёрони худ дар маҳале бо номи Сақифа бани Соъида, буданд ва ҳазрати Саъд барои ёронаш ва бақияи Ансори ҳозир дар маҳал гуфт, ки бояд ҷонишини Паёмбарро аз байни мардуми Мадина интихоб кунем ва худро, ки раиси Ансор буд, шоистаи ин мақом дид. Бузӯргони Муҳоҷир, то он лаҳза ба ин фикр набуданд ва шояд агар амали ҳазрати Саъд набуд, интихоби ҷонишин ба баъд аз дафни Расули Худо (с) мавқуф гузошта мешуд. Аммо ин ҳаракати ногаҳонии Саъд ҳамаро водор ба мудохила кард, зеро кибори Муҳоҷирон, Саъдро барои ин кор лоиқтар намедиданд. Ин фақат ақидаи Муҳоҷирин набуд, гурӯҳи бузӯрге аз Ансор низ бар ҳамин раъй буданд. Пас бидуни даъват ва барномаи қаблӣ, бузӯргони Муҳоҷир вориди маҳали иҷтимоъи

тарафдорони Саъд дар Сақифа шуданд ва аз қабл тавтиъае даркор набуд, ва аслан касе он ҷо ҳарфи Алӣ (р.з)-ро намезад ва ба ҳар ҳол, ҷару баҳс ва мубоҳаса зиёд шуд, аммо ба натиҷае нарасиданд. Яъне Саъд бар ҳарфи худ пофишорӣ кард, аммо фоидаи вуруди Муҳоҷирин ба ин саҳна ин буд, ки хеле аз Ансор сухан ва истидлоли Муҳоҷиринро пазируфтанд, ва Абӯбакрро, ки тавассути Умар (р.з) пешниход шуда буд, ба хилофат баргузиданд. Аммо Саъд мухолифат кард, аз ин рафтори ҳазрати Саъд ва мухолифати ӯ бо файсалаи шӯро, метавон ҳақро ба онҳое дод, ки муътақид буданд, аз Саъд беҳтар барои ин мақом, Абӯбакр (р.з) аст ва аз раъй аксарияти Ансор ба Абӯбакр метавон дарёфт, ки он бузӯргворон низ ин нуқтаро таваҷҷуҳ доштанд ва аз раъйи Ансор ба Абӯбакр (р.з) мутаваҷҷеҳи ин нуқта ва ҳақикати бузӯрг мешавем, ки шогирдони мактаби Муҳаммадӣ чӣ гӯна тарбият шуда буданд, ки дар он муҳити ҷоҳилӣ ва қавмӣ, раъй ба фарде аз кишвари дигар доданд.

Имрӯз Ирон, ки ба истилоҳ, Исломӣ ҳаст, бар асоси қонуни асосии он мусалмоне, ки аз кишвари дигар бошад, наметавонад раҳбари Ирон шавад, ва илло агар ҳама ба даври Саъд

ҷамъ мешуданд, мусалламан Муҳоҷирин, қудрати инро надоштанд мухолафат кунанд ва хилофат ба дасти Ансор меафтод. Касе, ки Саҳоба ва Паёмбарро ба мақомпарастӣ ва қабилапарастӣ, мутаҳам мекунад, хубаст дар ин рафтори Ансор диққат кунад ва бубинад, ки онҳо чӣ гуна хилофатро, ки дар дастрасашон буд, ба фарде аз қабилаи дигар ва аз ватани дигар доданд. Оё пас аз ин раъй метавон Ансорро мутаҳам кард, ки ҳарфи Расули Худоро дар мавриди ҳаққи Алӣ (р.з) напазируфтанд ва доданд касе дигаре бихурад, мисли инаст, ки гуфта шавад: дузде моле дуздида ва дар роҳи Худо бахшид, ин истидлоли онҳо ҳайратовар аст.

Бинобарин! Агар дар интихоби раҳбар шитоб карданд гуноҳ буд, мутаваҷҷеҳи ҳамаи Асҳоб нест, балки фақат ҳазрати Саъд бини Убодаҳ (р.з) масъули он аст, ҳар чанд аввал собит кардем, ки дар ин аҷала кардан, ҳеҷ тавтиъае мадди назар набудааст. Албатта мо ин ҷасоратро дар ҳаққи Саъд бини Убодаҳ намекунем. Ӯ иҷтиҳод кард, ки беҳтараст худ раҳбар шавад.

Ин мавзӯъро бо афроди қабилааш дар миён гузошт ва агар бигӯем, чаро ҳирс дошт ва шитоб кард, ҷавоб инаст, ки дар замони Паёмбар (с), мардум бар сари ҷасади мурда гиря намекарданд ва сина намезаданд ва ин корҳоро ҷоҳилият медонистанд ва ҷасади Паёмбар (с) ба рӯйи замин ҳамин тавр наафтода, балки беҳтарин афроди хонаводааш машғули ғусл ва кафани Ҳазрат буданд, лизо агар Саъд ба кори дигаре бипардозад, чӣ эроде бар ӯст?

Дар ин ҷо мо мепурсем: Чаро ҳазрати Алӣ (р.з) ба шӯро наомад, то ҷалави инҳирофро бигираду ба ёди мардум биёварад, ки 70 рӯз пештар дар Ғадири Хум, чӣ гуфтаанд ва чӣ шунидаанд.

Масъалаи Шӯро, ҳам махфӣ набуд. Ӯ ҳам метавонист мисли бақия ва бо аҷала ба онҷо биравад. Оё кадом амри муҳимтар буд? Ғусл додани ҷасади поки Паёмбар (с), ё ҷалавгирӣ аз инҳирофи бузӯрги Уммат?

Ҳазрати Алӣ (р.з) метавонист, каси дигареро аз хонадони Паёмбар (с), масъули ғӯсл кунад ва худаш ҳам биёяд, ё ҳадди ақл, он 4 ё 12

нафар тарафдори Алӣ (р.з), чаро дар ҷаласа ҳозир нашуданд, ва агар шуданд, пас чаро чӣзе нагуфтанд? Бани Ҳошим куҷо буданд? Оё ҳамаи инҳо далел бар ин нест, ки аслан иддаъо дуруғ аст? Ва ҳазрати Алӣ (р.з) худаш иддиъо накардааст, ки Худованд (ҷ), ӯро ҷонишини Паёмбар (с) кардааст.

Шояд касе бегуяд: Охир чӣ тавр инсон амри ғусли Паёмбарро раҳо кунад, магар Алӣ (р.з) мисли Саъд буд, ки дар фикр ва зикраш хилофат бошад? Ҷавоб инаст, ки масъалаи хилофат дар ин ҷо ба унвони як мақом матраҳ нест, лиҳозо ҳазрати Алӣ (р.з) агар медид, ки Уммат дорад дучори инҳироф мешавад ва заҳамоти токатфарсои Паёмбар (с) аз байн меравад, ночор бояд ба шӯро меомаданд, ва ҳарфи худро мегуфтанд. Ва усулан аҷала дар интихоботи раҳбар айбе надорад, агар дошт дар рӯзи марги Хумайнӣ эълон намекарданд, ки маҷлиси Хубрагон ташкили ҷаласа дод ва Хоменаӣро бо унвони раҳбар баргузид.

Аъзои Шӯрои Хубрагон мисли бод, аз ҳама ҷойи Ирон Теҳрон омаданд, ҳатто сари мурдаи Хумайнӣ ҳам нарафтанд. (Саҳоба ки аввал сари ҷасади ҳазрат рафтанд). Аввал

рафтанд ҷонишин интихоб карданд, ҳатто духтари Хумайнӣ ҳам пеш аз он ки ба фикри падар бошад, ба фикри бародар буд ва фардои марги Хумайнӣ ва қабл аз дафн ӯ, ба як хабарнигори Амрикой гуфт: падар гуфт, ки бародарам пас аз марги ӯ метавонад вориди ҷаҳони сиёсат шавад. Пас мебинем, ки ин кори бад нест, ки одам дар интихоби раҳбари баъдӣ аҷала кунад, агар бад мебуд, уламои Шиъа пас аз 14 қарн аз кори Саҳоба тақлид намекарданд.

Вақте, ки Хумайнӣ вафот кард, Рафсанҷонӣ дар он ҷо ҳозир буд, рӯ ба занони хонаводааш карду гуфт: Сокит бошед, бояд дар фикри ин бошем, ки низомро ҳифз кунем, низоме ки Хумайнӣ, муассиси он буд.

Пас мебинед, бо ҳама алоқа ба гиря ва зорӣ вақто, ки маслиҳат тақозо кунад ва мавзӯъи интихоби ҷонишин дар миён бошад, ҳатто занон аз гиря ва зорӣ, манъ мешаванд.

Аммо боз ҳам мегӯем, ки умуми Саҳоба дар интихоби ҷонишин шитоби хосе нишон доданд, ва агар набуд, амали ҳазрати Саъд бини Убодаҳ шояд ин корро ба баъд аз дафни он Ҳазрат мавқуф мегӯзоштанд.

Аммо ба ҳар ҳол, ба ҷанозаи Ҳазрат низ беэътиноӣ нашуд. Пас аз поёни кор дар Шӯрои Сақифаҳ, Саҳоба (р.з) баргаштанд ва мунтазир монданд, то мардум аз атрофи Мадина низ биёянд ва сипас ҷасади ҳазрати Муҳаммад (с)-ро дафн карданд. Ба ҳар ҳол, чӣ интихоб қабл аз дафн ва чӣ пас аз дафн, шанси ҳазрати Алӣ (р.з)-ро зиёду кам намекард. Ин нуқтаест, ки мо мехостем дар ин гуфтор собит кунем ва ҳамроҳи он инро низ такрор кунем, ки эроде ки дар мавриди аҷала кардан мегиранд, як фазосозӣ аст, то мардум гумон кунанд, ки Саҳоба (р.з), барои хурдани ҳаққи Алӣ (р.з) аҷала карданд ва даст яке намуданд, то мардум фикр кунанд, ки онҳо эътиное ба ҳазрати Расули Худо (с) надоштанд, ё тасаввур кунанд, ки тавтиъае дар кор будааст.

Худованд дар Қуръон мефармояд:

﴿مُّحَمَّدٞ رَّسُولُ ٱللَّهِۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلۡكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيۡنَهُمۡۖ
تَرَىٰهُمۡ رُكَّعٗا سُجَّدٗا يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗاۖ سِيمَاهُمۡ فِي وُجُوهِهِم مِّنۡ
أَثَرِ ٱلسُّجُودِۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمۡ فِي ٱلتَّوۡرَىٰةِۚ وَمَثَلُهُمۡ فِي ٱلۡإِنجِيلِ كَزَرۡعٍ أَخۡرَجَ شَطۡـَٔهُۥ
فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسۡتَغۡلَظَ فَٱسۡتَوَىٰ عَلَىٰ سُوقِهِۦ يُعۡجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ ٱلۡكُفَّارَۗ وَعَدَ
ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنۡهُم مَّغۡفِرَةٗ وَأَجۡرًا عَظِيمَۢا ٢٩﴾

«Муҳаммад фиристодаи Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, дар баробари куффор хашин ва дар байни худ меҳрубонанд, ва пайваста онҳоро дар ҳоли рукуъ ва саҷдаҳ мебинӣ, ки ҷуёи фазл ва хушнӯдии Худоянд, нишонаи онон дар чеҳраҳояшон аз асари саҷдаҳ намоён аст. Ин васфи онон дар Таврот ва Инҷил аст. Эшон (Саҳоба) монанди зироате ҳастанд, ки соқаи сабзи худро берун карда, сипас ба тақавияти он пардохта, то мустаҳкам шуда бар пойи худ истодааст, ва ба қадре нуму ва рушд карда, ки кишткоронро ба шигифте вомедорад. Ин барои он аст, ки кофиронро ба хашм орад, (вале) касоне, ки аз онҳо имон оварда ва корҳои

шоиста анҷом додаанд, Худованд ваъдаи омурзиш ва аҷри бузуре додааст»[1].

"وَالَّذِينَ مَعَهُ" яъне касоне, ки бо ӯ ҳастанд, яъне ёрони ӯро Худованд (ҷ) ба сифоти арзанда васф намуда аст аз ҷумла:

Онҳо дар муқобили куффор сахт ва хашинанд ва дар байни худ меҳрубон.

Ва сипас мефармояд: Онҳо мардумоне ҳастанд, ки зиёд намоз мехонанд ва илова менамояд, ки ҳадафи онҳо аз ин рукӯъ ва саҷдаҳ, ҷалби ризои Илоҳӣ аст, яъне Аллоҳ (ҷ) гувоҳӣ ба ҳусни ният ва ихлоси онҳо медиҳад.

Ва баъд мефармояд ки қиёфаи онҳо аз асари саҷдаҳ, нуронӣ аст, ва билохира ба онҳо ваъда медиҳад, ки мағфират ва подоши бузӯрг дар интизори солиҳини онҳост.

Худованд Саҳобаро ба ниҳоле ташбеҳ медиҳад, ки камкам рушд намуда, шох ва барг мебарорад, ва куффор аз ин рушд ба хашм меоянд. Дар амали Саҳоба низ чун ниҳоли

---

1 : Сураи Фатҳ 29

тозапо буданд ва сипас Мадинаро гирифтанд ва баъд Макка ва баъд Хайбар ва Яман ва Шибҳи ҷазираи Арабро ва баъд Ирон ва Миср ва Рӯмро, ва аз ин дарахти пуршох ва барг, куффор ба хашм омаданд.

Истинботи имом Молик аз ин оя инаст, ки ҳар касе ба ҳамроҳони Муҳаммад (с), яъне Саҳоба (р.з) хашм ва  ғайз дошта бошад, кофир аст.

Дар ин ҷо шояд касе аз аҳли ташаюъ бигӯяд: Тӯ аввал бародарии худатро собит кун ва баъд тақозои ирс бинамо. Мо аслан қабул надорем, ки Умар ва Абӯбакр (р.з) ва дигарон, Асҳоби Расул (с) буданд. Мо қабул надорем, ки ин оят дар бораи онҳо аст.

Аммо бо ҳар чӣ мешавад бозӣ кард, локин бо Қуръон на. Қуръон худаш мутунашро тафсир мекунад. Мо бо муроҷаъа ба як ояти дигар собит мекунем, ки Абӯбакр (р.з) ёри Расули Худо (с) буд ва онҳо низ ночор ба қабул ин ҳақикат ҳастанд. Аллоҳ (ҷ) мефармояд:

﴿إِذۡ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحۡزَنۡ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَاۖ ٤٠﴾

«Он ҳангом, ки (Муҳаммад) мегуфт ба ёраш: ғам махур, яқинан Худованд бо мост»[1].

Ин оят марбут ба ҳичрати Расули Худо (с) аз Макка ва паноҳгузинии ӯ дар ғори Савр аст, ва бидуни низоъ ва ихтилоф ҳама муътақиданд ба ин, ки ёр ва рафиқи ғори Расули Худо (с), Абӯбакр будааст фақат бо ин фарқ, ки душманони Абӯбакр (р.з) мугӯянд, ки эшон бесабрӣ ба харҷ дод ва тарсид, ва дӯстони эшон мегӯянд: Абӯбакр (р.з) шуҷоъат ба харҷ дод ва ғамхори Расул (с) буд, коре надорем ки, ҳарфи ки дурӯст аст, муҳим инаст ки бояд қабул кунем ва ҳар дӯ гурӯҳ ҳам қабул доранд, ки ҳамсуҳбати Расули Худо (с), Абӯбакр будааст. Пас дар маънои оят: ﴿ مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ ﴾ ки зикраш рафт, бидуни тардид Абӯбакр (р.з) низ шамили ﴿وَالَّذِينَ مَعَهُ﴾ аст.

Абӯбакр (р.з), рафиқи ҳаёти он Ҳазрат буд, касе қудрати инкори инро надорад. Оят инро мегӯяд, тарих ин ҳарфро мезанад ва ҷӯз ҷоҳил, касе мункири он нест ва ин ҳам ояти дигар, ки шоҳиде бар иддиъои мост:

---

[1] : Сураи Тавба 40

﴿لَٰكِنِ ٱلرَّسُولُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥ جَٰهَدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلۡخَيۡرَٰتُۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٨٨﴾

«Аммо Паёмбар (с) ва касоне, ки ҳамроҳи ӯ ҳастанд (Саҳоба) , ҷиҳод мекунанд бо молҳо ва ҷонҳои худ, ҳамаи некиҳо барои онҳост, ва онҳо ҳамон растагоронанд, Худованд барои онҳо боғҳое аз биҳишт фароҳам сохта, ки дарёҳо аз зери дарахтонаш, ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд буд ва инаст растагории (ва пирузии) бузӯрг»[1].

Ва боз Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿لِلۡفُقَرَآءِ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأَمۡوَٰلِهِمۡ يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ٨﴾

«(Моли фай)[2], барои фақирони муҳоҷиронест, ки аз хона ва кошона ва амволи худ берун ронда шуданд, дар ҳоле ки ҷӯёи фазл ва хушнӯдии Худо ҳастанд ва нусрат медиҳанд

---

[1] : Сураи Тавба 88

[2] : Моли фай ғаниматест, ки бе заҳмати ҷанг ба даст омадаст.

Худо ва Расулашро, онҳо ҳамоно ки ростгӯёнанд»[1]

Хуб ҳоло саволи дигаре аз оқоён мекунем: Агар онҳо қабул надоранд, ки ин ҳама оёт дар ҳаққи Саҳоба (р.з) бошад, пас бигӯянд: дар ҳаққи кист? Билохира Худованд (ҷ), аз муҳоҷирин ва аз муҷоҳидин ва аз мӯминин сухан мегӯяд, манзури Худо (ҷ), чӣ афроде аст? Зарӯр мисли ҳамеша мегӯянд: манзӯр ҳамон чаҳор Саҳобае ҳастанд, ки аз назари онҳо, ёрони содиқи Алӣ (р.з) буданд ва муртад нашуданд. Яъне ҳазрати Билол ва Абӯ Зар ва Салмон ва Микдод (р.з).

Мояи таассуф аст, ки мебинем баъзе аз Саҳоба, ки Шиъа қабул дорад, шомили ин оят намешаванд, масалан:

Ҳазрати Билол (р.з) моле надошта, як барда буд, ки ҳазрати Абӯбакр (р.з) ӯро харид ва озод кард. Ҳазрати Абӯ Зар аслан аз Макка ихроҷ нашуда ва худаш бо иродаи худ аз ҷойи дигар омада ва сипас ба ҷойи худ баргашта ва қабилаи худро мусалмон кард.

---

[1] : Сураи Ҳашр 9

Ҳазрати Салмон ҳам як барда буд ва аз Макка ихроҷ нашуда, балки дар Мадина сукунат дошт ва маҷбӯр нашуд ба хотири имон ба рисолати Муҳаммад (с) молашро раҳо кунад, балки ҳатто ба фазли Худо ӯ аз мол ва кӯмаки мусалмонони дигар мустафид гашт ва озодии худро ба даст овард.

Албатта забонам гунг шавад агар қасди тавҳин ба Саҳобаро дошта бошам, ё аз арзишашон бикоҳам. Билол агар шомили ин оят нест, шомили даҳҳо ояти дигаре аст ва қаҳрамонии ӯ дар пойдорӣ бар тавҳид ҳар гиз фаромӯш шудани нест ва ҳамчунин ҳазрати Салмони Форсӣ ва ҳазрати Абӯ Зар (р.з).

Мо фақат мехоҳем бигӯем, ки чӣ қадар олимони Шиъа аз Қуръон дӯр ва аз матни он ноогоҳанд ва намехоҳанд ё наметавонанд ба дурӯстӣ мафҳум ва мақсуди оятро дарк кунанд.

Пас, хулосаи калом ин ки ночорем қабул кунем ҳамонҳое, ки дар назари онҳо мутаҳам ба дуруғ ва нифоқанд, машмули матни оятанд ва илова бар ин, Худованд мефармояд:

﴿وَإِن يُرِيدُوٓاْ أَن يَخۡدَعُوكَ فَإِنَّ حَسۡبَكَ ٱللَّهُۚ هُوَ ٱلَّذِيٓ أَيَّدَكَ بِنَصۡرِهِۦ وَبِٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٦٢﴾

«Ва агар қасди фиреб додани тӯро дошта бошанд, пас Худо тӯро кофист ва ӯ касест, ки ёрӣ медиҳад тӯро (эй Муҳаммад) ба нусрат ва кӯмаки мӯминон»[1].

Ва ҳама медонем, ки ҷиҳоди Расули Худо (с) бо як лашкари 4 ё 10 нафара набудааст.

Худованд агар ба касе каме ақл ва андаке хулӯс ато кунад, ӯ наметавонад мункири ин ҳақикат шавад ва маҷбӯр аст эътироф кунад, ки ин оёт дар ҳаққи ҳамаи Асҳоб аст.

Ва бо ин қарори дигар бар ӯ лозим аст, ки ба Асҳоб кина ва ғайз надошта бошад ва бар ӯ воҷиб аст, ки тибқи дастуруламали ояти зер, рафтор кунад:

﴿لِلۡفُقَرَآءِ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأَمۡوَٰلِهِمۡ يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ٨ وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلۡإِيمَٰنَ مِن قَبۡلِهِمۡ يُحِبُّونَ مَنۡ هَاجَرَ إِلَيۡهِمۡ وَلَا يَجِدُونَ فِي

[1] : Сураи Анфол 62

صُدُورِهِمۡ حَاجَةٗ مِّمَّآ أُوتُواْ وَيُؤۡثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ وَلَوۡ كَانَ بِهِمۡ خَصَاصَةٞۚ وَمَن
يُوقَ شُحَّ نَفۡسِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٩ وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ
رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ
ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ١٠

«(Моли фай), барои муҳоҷирони фақире аст, ки аз хона ва кошона ва амволи худ, берӯн ронда шуданд, дар ҳоле, ки фазл ва ризои Илоҳиро металабанд ва Худо ва Расулашро ёрӣ медиҳанд ва онҳо ростгӯёнанд! Ва барои касонест, ки дар ин саро (сарзамини Мадина) ва дар сарои имон, пеш аз муҳоҷирин, маскан гирифтанд ва касонеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат кунанд, дӯст медоранд ва дар дили худ ниёзе барои он чӣ ба муҳоҷирин дода шуда, эҳсос намекунанд, ва онҳоро бар худ муқаддам медонанд, ҳар чанд худашон бисёр ниёзманд бошанд. Касоне, ки аз бухл ва ҳирс нафси хешро боз доштаанд, растагоранд! (ҳамчунин), касоне, ки баъд аз онҳо (Муҳоҷирин ва Ансор), омаданд ва мегӯянд: "Парвардигоро! Мо ва бародаронамонро, ки дар имон аз мо пеши гирифтаанд, биёмӯрз ва дар дилҳоямон ҳасад ва

кинаро нисбат бо Мӯминон, қарор мадеҳ! Парвардигоро! Ту меҳрубон ва бораҳмӣ»[1].

Бале! Доим бояд бигӯем: Эй бори Худоё! Моро ва бародарони моро, ки дар имон аз мо пешӣ гирифтанд, биёмӯрз ва дар дили мо нисбати ба он мӯминон кинае қарор мадеҳ, ба дурӯстие, ки тӯ бисёр меҳрубон ва раҳим ҳастӣ.

Диққат кунед, ки чӣ касоне ҷӯзъи ин оят ҳастанд ва чӣ касоне шомили он намешаванд. Он касе, ки дар дил ғил ва кина ба Муҳоҷирин ва Ансор дорад, ҷӯзъи тавсифшудагони оят нест. Шумо таваҷҷуҳ кунед, ки оят чӣ мегӯяд, аз ки мегӯяд ва барои ки мегӯяд.

Оят мефармояд: Моли ғанимат, ки дар дасти Расули Худо (с) аст, мутаъаллиқ ба чанд гурӯҳ аст: Яке наздиконашон, дуввум: ятимон, саввум: фақирон, чаҳорум: дар роҳ мондагон ва баъд бештар тавзеҳ медиҳад ва мегӯяд: ҳаққи онҳоест, ки аз шаҳру диёр ва молу манoли хеш ронда шудаанд, яъне манзур ҳамаи Асҳоб ҳастанд, ки аз Макка ба Мадина ҳиҷрат карданд ва манзури тамоми Ансор ҳастанд, ки дар

---

[1] : Сураи Ҳашр 8-10

Мадина бо рӯйи боз ба онҳо ҷой доданд ва дар марҳалаи баъдӣ ҳамаи мӯминоне ҳастанд, ки баъд аз ин дӯ гурӯҳ омаданд ки мо ва шумо ҳам шомилаш ҳастем, ба шарте ки ин дӯоро бихонем ва ба он амал кунем:

﴿رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ١٠﴾

«Бори худоё! Моро ва бародарони моро, ки дар имон аз мо пешӣ гирифтанд, биёмӯрз ва дар қалбҳои мо нисбати онҳо кинае қарор мадеҳ, бори Худоё! Дар ҳақиқат тӯ меҳрубон ва раҳимӣ!» [1]

[1] : Сураи Ҳашр 10

## Қуръон ва Саҳоба (р.з)

Инак Қуръон! Китобе ки мо ба он имон дорем, инак ин китоби осмонӣ, ин муъҷизаи Паёмбар аст, ки аз Саҳоба сухан мегӯяд.

Дар сафаҳоти гузашта, ба муносибатҳои мухталиф, назари Қуръони маҷидро дар бораи Асҳоби Расули Худо (с) баён кардем ва дар ин гуфтор мустиқилан дар ин бора сухан мегӯем, то агар Аллоҳ (ҷ) дар дили касе шубҳае боқӣ монда бошад, рафъ гардад.

Қуръон ба теъдод, сифоти некеро ба Саҳоба мансӯб мекунад, ки бархеро мешуморем:

### 1. Ростгӯён

﴿ لِلۡفُقَرَآءِ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخۡرِجُواْ مِن دِيَٰرِهِمۡ وَأَمۡوَٰلِهِمۡ يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ٨ ﴾.

«Ғаниматҳои бе заҳмати ҷанг ба даст омада, моли Муҳоҷирони фақирест, ки аз хона ва кошона ва амволи худ берун ронда шуданд, дар ҳоле, ки ҷӯёи фазл ва хушнӯдии Худованд

ҳастанд ва ёрӣ медиҳанд Худо ва Расулашро ва онҳо ростгӯёнанд»[1]

Мефармояд: Онҳое, ки аз Макка ва мол ва шаҳри худ, фақат ба хотири ризои Худо ихроҷ шуданд, мардумони содиқанд ва баъд яке аз мо мегӯяд: на хайр, инҳо козибанд!

**2. Марҳамати бахшоиши Худо барои онҳост.**

﴿لَّقَد تَّابَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلنَّبِيِّ وَٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ ٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُ فِي سَاعَةِ ٱلْعُسْرَةِ مِنۢ بَعْدِ مَا كَادَ يَزِيغُ قُلُوبُ فَرِيقٍ مِّنْهُمْ ثُمَّ تَابَ عَلَيْهِمْ إِنَّهُۥ بِهِمْ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ١١٧﴾

«Мусаламан, Худованд раҳмати худро шомили ҳоли Паёмбар ва Муҳоҷирон ва Ансор, ки дар замони шиддат ва сахти (дар ҷанги Табӯк), аз ӯ пайравӣ карданд намуда, баъд азон ки наздик буд, дилҳои гурӯҳе аз ҳақ мунҳариф шавад (ва аз майдони ҷанг боз гарданд), сипас Худованд тавбаи онҳоро пазируфт, дар ҳақиқат ӯ нисбат бо онон меҳрубон ва раҳим аст»[2].

---

1 : Сураи Ҳашр 8

2 : Сураи Тавба 117

Ҷолиб инҷост, ки олимони мазҳаби Шиъа низ мепазиранд, ки матлаб ин оят ёрони Паёмбаранд, аммо боз ба равиши худ тафсир мекунанд. Онҳо аз қавли имоми Содиқ ва имоми Ризо нақл мекунанд, ки аз ҷумла:

﴿لَّقَد تَّابَ ٱللَّهُ عَلَى ٱلنَّبِيِّ وَٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ ١١٧﴾

Тафсираш инаст, ки:

«لقد تاب الله بالنبى على المهاجرين والأنصار»

Онҳо дар тавзеҳи амали худ мегӯянд: Расули Худо гуноҳе накарда буд, то машмули афв шавад. Албатта ин худ ҷой ҳарф дорад, ки онҳо ба чӣ ҷуръат мегӯянд, оятро бояд ин тавр хонд, аммо ба фарзи маҳол бошад, қабул аст. Расули Худоро дар ин шомил намекунем, Саҳобаро ки ба раъи шумо гуноҳ карда буданд, дигар маҷбуред машмули оят бидонед. Пас аз ин оят ва ба эътирофи худи шумо ва ба эътирофи имоми шумо ва ба эътирофи муфассири шумо собит мешавад, ки Худованд (ҷ) Муҳоҷирин ва Ансореро, ки қалбашон наздик буд дар ҷушу хуруши ҷанг аз ҷо канда шавад, бахшид, чӯн ки Худо ба онҳо рауфу раҳим аст?.

Агар ҳазрати Муҳаммад (с)-ро бо он истидлол, шомили ин оят надонед, ҳатман Алӣ (р.з)-ро ҳам намедонед, зеро ба истидлоли шумо, ҳазрати Алӣ (р.з) ҳам ки маъсум аст, гуноҳе накарда буд, пас шомили ин оят бақияи Саҳоба ҳастанд.

Донистем, Худо ба мӯминон раъуфу раҳим аст ва донистем, ки Муҳоҷирин ва Ансор мӯмин буданд ва ҳоло хуб аст бидонем, ки ин оят дар бораи ҷанг бо Рӯмиён ва ҷанги Табӯк аст ва тақрибан як сол қабл аз реҳлати Паёмбар (с) нозил шуд ва тарихнависон ҳамроҳони Паёмбарро низ 4 то 10 нафар надониста, балки онҳо 30 ҳазор нафар буданд. Ҳоло агар касе исрор дорад, ки Ҳазрат бо 10 нафар ба ҷанги Румиён рафтаанд, дигар мухтор аст.

### 3. Беҳтарини Умматҳо

﴿كُنتُمۡ خَيۡرَ أُمَّةٍ أُخۡرِجَتۡ لِلنَّاسِ تَأۡمُرُونَ بِٱلۡمَعۡرُوفِ وَتَنۡهَوۡنَ عَنِ ٱلۡمُنكَرِ وَتُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِۗ ١١٠﴾

«Шумо беҳтарин Уммат будед, ки ба суди инсонҳо афарида шудаед, (чаро ки), амр ба

маъруф ва манъ аз мункар мекунед ва ба Худо имон меоред»[1].

Дар ин оят Худованд (ҷ) киро хитоб мекунад, сухан дар бораи чӣ касе аст? Маълум аст, мӯминони замони Паёмбар (с)-ро мавриди хитоб қарор додааст ва мефармояд: шумо беҳтарин уммат ҳастед, чунки имон ба Худо доред ва амри ба маъруф мекунед ва наҳй аз мункар мекунед.

Худованд (ҷ) шаҳодат медиҳад, ки онҳо беҳтарини Уммат ҳастанд, гурӯҳе аз мусалмонон шаҳодат медиҳанд, ки онҳо бадтарини Уммат ҳастанд. Хуб ҳоло ҳарфи кадомеро бовар кунем, ҳарфи Худоро ё ҳарфи инҳоро?

### 4. Рӯшдёфтагон

﴿وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ فِيكُمۡ رَسُولَ ٱللَّهِۚ لَوۡ يُطِيعُكُمۡ فِي كَثِيرٖ مِّنَ
ٱلۡأَمۡرِ لَعَنِتُّمۡ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ حَبَّبَ إِلَيۡكُمُ ٱلۡإِيمَٰنَ وَزَيَّنَهُۥ فِي قُلُوبِكُمۡ وَكَرَّهَ
إِلَيۡكُمُ ٱلۡكُفۡرَ وَٱلۡفُسُوقَ وَٱلۡعِصۡيَانَۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلرَّٰشِدُونَ ٧﴾

[1] : Сураи Оли Имрон 110

«Ва бидонед! Дар миёни шумо Расули Худост, ҳар гоҳ дар бисёре аз умур аз шумо итоъат кунад, ба машақат хоҳед афтод, вале Худованд имонро маҳбуби шумо қарор дода ва онро дар дилҳоятон зинат бахшида ва (бар акс) куфру фисқ ва гуноҳро манфуратон қарор додааст, касоне, ки дорои ин сифотанд, ҳидоят ёфтагонанд»[1].

Дар ин оят Худованд (ҷ) ба сурати бисёр равшану возеҳ фармуда, ки дар қалби мӯминоне, ки Паёмбар дар байнашон буд, имонро зиннат дода ва онро чизи дӯстдоштанӣ қарор дода ва куфр ва фисқ ва саркаширо, чизи баддида дар назарашон ҷилва додааст ва чӯн ба ин дӯ сифат оростаанд, лизо доимо ба пеш мераванд (рошидин) ва ҳақ ҳам ҳаст, ки пеш раванд, чунки одаме ки аз бадӣ бадаш омад, ҳар гиз бадӣ намекунад ва агар аз хубӣ хушаш ояд ва онро мутобиқ бо ҳавои нафсонии худ дид, дигар чӣ чизе монеъаш мешавад, ки аз хубӣ дурӣ кунад? Шайтон бадиро барои инсон хӯб ҷилва медиҳад ва одамиро васваса мекунад, аммо бо таваҷҷуҳ ба ояти фавқ ин кор дар мавриди бештари Саҳоба мамкин набуда, зеро

[1] : Сураи Ҳуҷурот 7

Худованд дилҳои онҳоро ба имон ороиш дода буд, пас онҳо рошид буданд ва доимо ба пеш мерафтанд.

Хуб! ҳоло ҳарфи киро бовар кунем? Ҳарфи Худоро, ки гувоҳӣ медиҳад ин мардум имон доранд, имонро дӯст медоранд ва пеш мераванд, ё ҳарфи он касеро, ки мегӯяд: ин мардум нифоқ ва куфрро дӯст доранд ва доимо ба пушт сар мераванд

Ҳарфи киро бовар кунем, эй соҳибони чашму гушу дил? Ҳарфи чӣ касеро бовар кунем?

Яке шояд инҷо бигӯяд: амак! Оромтар! чаро ин қадар тунд меравӣ? Аз куҷо маълӯм аст, ки ин оят дар ҳаққи Саҳоба бошад?

Дар ҷавоб мегӯем: Аз ин ҷумла оят:

﴿وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ فِيكُمۡ رَسُولَ ٱللَّهِ ٧﴾

«Ва бидонед, ки дар байни шумо Расули Худо аст»[1].

Аз ин оят мефаҳмем, ки мақсуд ёрони Паёмбар (с) буданд. Расули Худо (с) дар байни ки буд? Дар байни мо буд, ё дар байни куффори Макка, ё дар Рӯм ё Ирон? Дар ҳеҷ кадоме азин ҷоҳо набуд. Расули Худо (с) дар Мадина ва дар байни мӯминон буд ва мӯминони Мадина Ансор буданд, ки ӯро ба шаҳри худ ва дар миёни худ, роҳ доданд ва Муҳоҷирин буданд, ки эшонро то он ҷо ҳамроҳӣ карданд. Пас ҳамин гурӯҳ буданд ва ҷойи шак ва баҳс ҳам нест!

## 5. Ёридиҳандагони Муҳаммад (с)

﴿وَإِن يُرِيدُوٓاْ أَن يَخۡدَعُوكَ فَإِنَّ حَسۡبَكَ ٱللَّهُۚ هُوَ ٱلَّذِيٓ أَيَّدَكَ بِنَصۡرِهِۦ وَبِٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٦٢﴾

«Эй Муҳаммад! Ва агар бихоҳанд туро фиреб диҳанд, Худо барои ту кофист, Ӯ Худоест, ки туро бо ёрии мӯминон тақвият кард»[2].

[1] : Сураи Ҳуҷурот 7

[2] : Сураи Анфол 62

Касоне, ки Муҳаммад (с)-ро ёрӣ доданд ва сабаби пирӯзии Ӯ бар куффори Макка шуданд, як лашкари комил буданд, на 4 ё 5 нафар ва Худованд гувоҳӣ медод, ки дар муқобили хидъаи (фиреб) куффор, Худо ӯро бо ёрии худ ва ёрии мӯминон, таъйид мекунад.

### 6. Фариштагон ба кӯмаки Саҳоба омаданд

﴿إِذۡ تَقُولُ لِلۡمُؤۡمِنِينَ أَلَن يَكۡفِيَكُمۡ أَن يُمِدَّكُمۡ رَبُّكُم بِثَلَٰثَةِ
ءَالَٰفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُنزَلِينَ ١٢٤ بَلَىٰٓۚ إِن تَصۡبِرُواْ وَتَتَّقُواْ وَيَأۡتُوكُم مِّن فَوۡرِهِمۡ هَٰذَا
يُمۡدِدۡكُمۡ رَبُّكُم بِخَمۡسَةِ ءَالَٰفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُسَوِّمِينَ ١٢٥﴾

«Дар он ҳангоме, ки тӯ ба мӯминон мегуфтӣ: оё кофӣ нест, ки Парвардигоратон шуморо ба се ҳазор нафар аз фариштагон, ки аз осмон фурӯд меоянд ёрӣ кунад?!, (имрӯз ҳам), агар истиқомат ва тақво пеша кунед ва душман ба ҳамин зудӣ ба суроғи шумо биёяд, Худованд шуморо ба панҷ ҳазор нафар аз фариштагон, ки нишонаҳое бо худ доранд, мадад хоҳад дод»[1]

[1] : Сураи Оли Имрон 125

﴿إِذۡ يُغَشِّيكُمُ ٱلنُّعَاسَ أَمَنَةً مِّنۡهُ وَيُنَزِّلُ عَلَيۡكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً لِّيُطَهِّرَكُم بِهِۦ وَيُذۡهِبَ عَنكُمۡ رِجۡزَ ٱلشَّيۡطَٰنِ وَلِيَرۡبِطَ عَلَىٰ قُلُوبِكُمۡ وَيُثَبِّتَ بِهِ ٱلۡأَقۡدَامَ ١١ إِذۡ يُوحِي رَبُّكَ إِلَى ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ أَنِّي مَعَكُمۡ فَثَبِّتُواْ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْۚ سَأُلۡقِي فِي قُلُوبِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱلرُّعۡبَ فَٱضۡرِبُواْ فَوۡقَ ٱلۡأَعۡنَاقِ وَٱضۡرِبُواْ مِنۡهُمۡ كُلَّ بَنَانٖ ١٢﴾

«Ба ёд оваред! Он ҳангоме, ки хоби сабӯке, ки мояи оромиш аз сӯйи Худо буд, шуморо фаро гирифт ва обе аз осмон бароятон фиристод, то шуморо бо он пок кунад ва палидии шайтонро аз шумо дӯр созад ва дилҳоятонро мустаҳкам ва гомҳоро бо он устувор дорад! Ва (ба ёд ор) мавқеъеро, ки Парвардигорат ба фариштагон ваҳй кард: "Ман бо шумо ҳастам, касонеро, ки имон оварданд, собитқадам доред! Ба зӯдӣ дар дилҳои кофирон, тарс ва ваҳшат меафканам, зарбаҳоро бар болотар аз гардан (сарҳои душманон) фурӯд оред! ва ҳама ангуштонашонро катъ кунед»[1].

﴿فَلَمۡ تَقۡتُلُوهُمۡ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ قَتَلَهُمۡۚ وَمَا رَمَيۡتَ إِذۡ رَمَيۡتَ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ رَمَىٰ وَلِيُبۡلِيَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ مِنۡهُ بَلَآءً حَسَنًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٞ ١٧﴾

---

[1] : Сураи Анфол 11-12

«Ин шумо набудед, ки онҳоро куштед, балки Худованд онҳоро кӯшт! Ва ин ту набудӣ (эй Паймбар, ки хок ва санг ба сурати онҳо) андохтӣ, балки Худо андохт! Ва Худованд мехост ба ин васила, мӯминонро имтиҳони хӯбе кунад, Худованд шунаво ва доност»[1].

﴿قَدۡ كَانَ لَكُمۡ ءَايَةٞ فِي فِئَتَيۡنِ ٱلۡتَقَتَاۖ فِئَةٞ تُقَٰتِلُ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَأُخۡرَىٰ كَافِرَةٞ يَرَوۡنَهُم مِّثۡلَيۡهِمۡ رَأۡيَ ٱلۡعَيۡنِۚ وَٱللَّهُ يُؤَيِّدُ بِنَصۡرِهِۦ مَن يَشَآءُۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَعِبۡرَةٗ لِّأُوْلِي ٱلۡأَبۡصَٰرِ ١٣﴾

«Дар дӯ гурӯҳе, ки (дар майдони ҷанги Бадр) ба ҳам рӯ ба рӯ шуданд, нишонае (дарси ибрате) барои шумо буд: Як гурӯҳ дар роҳи Худо набард мекард ва гурӯҳи дигаре, ки кофир буд (дар роҳи шайтон ва бут). Дар ҳоле, ки (гурӯҳи мӯминон)ро бо чашми худ ду баробари он ҷӣ буданд, медиданд, (ва ин худ омили ваҳшат ва шикасти онҳо шуд) ва Худованд ҳар касеро, ки бихоҳад (ва шоиста бидонад), бо ёрии худ таъйид мекунад, дар ин ибратест барои биноён»[2].

---

[1] : Сураи Анфол 17

[2] : Сураи Оли Имрон 13

Тамоми ин оёт дар бараи Асҳоби Паёмбар (с) ва марбут ба рӯзи Бадр аст ва аксарияти ин бузӯргони Бадрӣ пас аз вафоти Паёмбар (с) низ зинда буданд, яъне ҳамаи ин оётро Худо дар бараи касоне гуфта, ки медониста кофир шаванд!!

## 7. Бадӣ ба онҳо намерасад

Ва ин оят дар мавриди касоне аст, ки пас аз шикаст дар ҷанги Уҳӯд, сустӣ накарданд ва ба дунболи кофирон рафтанд ва ба таъқиби онон пардохтанд, то куффор пароканда ва фирорӣ шаванд.

﴿ٱلَّذِينَ ٱسۡتَجَابُواْ لِلَّهِ وَٱلرَّسُولِ مِنۢ بَعۡدِ مَآ أَصَابَهُمُ ٱلۡقَرۡحُۚ لِلَّذِينَ أَحۡسَنُواْ مِنۡهُمۡ وَٱتَّقَوۡاْ أَجۡرٌ عَظِيمٌ ١٧٢ ٱلَّذِينَ قَالَ لَهُمُ ٱلنَّاسُ إِنَّ ٱلنَّاسَ قَدۡ جَمَعُواْ لَكُمۡ فَٱخۡشَوۡهُمۡ فَزَادَهُمۡ إِيمَٰنٗا وَقَالُواْ حَسۡبُنَا ٱللَّهُ وَنِعۡمَ ٱلۡوَكِيلُ ١٧٣ فَٱنقَلَبُواْ بِنِعۡمَةٖ مِّنَ ٱللَّهِ وَفَضۡلٖ لَّمۡ يَمۡسَسۡهُمۡ سُوٓءٞ وَٱتَّبَعُواْ رِضۡوَٰنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ ذُو فَضۡلٍ عَظِيمٍ ١٧٤﴾.

«Онҳое, ки даъвати Худо ва Паёмбарашро, пас аз он ҳама ҷароҳоте, ки ба эшон расид, иҷобат карданд (ва ҳанӯз захмҳои майдони Уҳӯд шифо наёфта буд, ба сӯйи майдони ҷанг ҳаракат намуданд), барои касоне,

ки аз онҳо некӣ карданд, ва тақво пеш гирифтанд, подоши бузӯрге аст. Инҳо касоне буданд, ки (баъзе аз) мардум, ба онон гуфтанд: мардум (лашкари душман) барои (ҳамлаи) шумо ҷамъ шуданд, аз онҳо битарсед!, аммо ин сухан имонашонро афзӯд ва гуфтанд: Худо моро кофист, ва Ӯ беҳтарин ҳомии мост, ба ҳамин ҷихат онҳо (аз ин майдон), бо неъмат ва фазли Парвардигорашон боз гаштанд, дар ҳоле, ки ҳеҷ норохатӣ ба онон нарасид ва аз ризои Худо пайравӣ карданд ва Худованд дорои фазл ва бахшиши бузӯрг аст»[1].

Худованд мефармояд: (...لَمْ يَمْسَسْهُمْ سُوءٌ... ), «бадӣ онҳоро ламс накард».

Бисёре азин афрод дар интихоби Халифа, пас аз вафоти Расули Худо (с) ширкат доштанд, чӣ тавр Шиъа баъд азон, ки Худованд (ҷ) замонат додааст, ки (لَمْ يَمْسَسْهُمْ سُوءٌ), гувоҳӣ медиҳад, ки ин мардум ба бузӯргтарин бадие, ки метавон тасаввур кард, яъне нофармонӣ ва пинҳон кардани дастӯри Худо, чанг овехтанд.

**8. Ҳаққан ки мӯмин ҳастанд**

[1] : Сураи Оли Имрон 172-174

﴿وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَٱلَّذِينَ ءَاوَواْ وَّنَصَرُوٓاْ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُؤْمِنُونَ حَقًّاۚ لَّهُم مَّغْفِرَةٞ وَرِزْقٞ كَرِيمٞ ٧٤﴾

«Ва онҳое, ки имон оварданд ва ҳиҷрат карданд ва дар роҳи Худо ҷиҳод намуданд ва касоне, ки онҳоро паноҳ доданд ва ёрӣ намуданд, онҳо ҳаққан, ки мӯминанд ва барои онҳо омӯрзиш (раҳмати Худо) ва рӯзии нек аст»[1].

Ва баъзеҳо мегӯянд: Ҳаққан ки кофиранд. Ҳарфи киро бовар кунем, ҳарфи Қуръонро? ё ҳарфи касе, ки мегӯяд: Имон ба Қуръон дорад, вале бар хилофи Қуръон ҳарф мезанад?

### 9. Растагорон

﴿ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ أَعْظَمُ دَرَجَةً عِندَ ٱللَّهِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْفَآئِزُونَ ٢٠﴾

«Ва ононе, ки имон оварданд ва ҳиҷрат намуданд ва бо молҳо ва ҷонҳояшон дар роҳи Худо ҷиҳод карданд, дорои дараҷа ва мартабаи

[1]: Сураи Анфол 74

баландтаре дар назди Худо ҳастанд ва онҳо растагоранд»[1].

## 10. Башорат ёфтагон

Ин оят давоми ояти зикршуда дар болост:

﴿يُبَشِّرُهُمْ رَبُّهُم بِرَحْمَةٍ مِّنْهُ وَرِضْوَانٍ وَجَنَّاتٍ لَّهُمْ فِيهَا نَعِيمٌ مُّقِيمٌ ﴿٢١﴾﴾

«Башорат медиҳад Худои эшон онҳоро ба раҳмате аз ҷониби худ ба хушнӯдиву ризвону боғҳо ва онҳо дар он неъматҳо ҷовидонон хоҳанд буд»[2].

Худованд онҳоро башорат медиҳад ба биҳишт. Гурӯҳе аз мусалмонон ба онон муждаи ҷаҳаннам медиҳанд. Ҷаҳаннам дар дасти шумост ё дар дасти Худо, биҳишт дар ихтиёри шумост ё дар ихтиёри Аллоҳ?

## 11. Муттақӣ ҳастанд

[1] :Сураи Тавба 20

[2] : Сураи Тавба 21

﴿إِذۡ جَعَلَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِي قُلُوبِهِمُ ٱلۡحَمِيَّةَ حَمِيَّةَ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَعَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَأَلۡزَمَهُمۡ كَلِمَةَ ٱلتَّقۡوَىٰ وَكَانُوٓاْ أَحَقَّ بِهَا وَأَهۡلَهَاۚ وَكَانَ ٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٗا ٢٦﴾

«(Ба ёд оваред!) Ҳангоме, ки кофирон дар дилҳои худ хашм ва таъасуби ҷоҳилият доштанд ва (дар муқобил), Худованд оромиш ва сакинаи худро бар Паёмбари хеш ва мӯминон нозил фармуд ва онҳоро ба ҳақиқати тақво мулзим сохт, ва онон аз ҳар кас шоистатар ва аҳли он буданд ва Худованд ба ҳама чиз доност»[1].

Мо дар ин бора шарҳе наменависем. Агар касе ҳанӯз дар бораи лашкари Муҳаммад (с) назари хубе надорад, пас як бори дигар оятро бихонад.

## 12. Худованд аз онҳо розӣ аст

Пештар навиштем, ки Аллоҳ (ҷ) аз ононе, ки дар байъати ризвон бо Расули Худо (с) байъат карданд, хушнӯд шуд. Онҳо касоне буданд, ки қабл аз фатҳи Макка имон оварда

[1] : Сураи Фатҳ 26

буданд ва аз Маккау Мадина ҳиҷрат карданд, ё дар Мадина Муҳоҷиринро паноҳ доданд. Худо аз онҳо ба номи Муҳоҷирин ва Ансори аввалия ном мебарад ва дар бораи онҳо мефармояд:

﴿وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلۡأَوَّلُونَ مِنَ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحۡسَٰنٖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي تَحۡتَهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ١٠٠﴾

«Пешгомони нахустин аз Муҳоҷирин ва Ансор ва касоне, ки ба некӣ аз онҳо пайравӣ карданд, Худованд аз онҳо хушнӯд гашт, ва онҳо (низ) аз ӯ хушнӯд шуданд, ва боғҳое аз биҳишт барои онон фароҳам сохта, ки дарёҳо аз зери дарахтонаш ҷорист, ҳамеша дар он хоҳанд монд ва инаст пирузии бузӯрг»[1].

Ин оят муҳри ботил ба ҳар гӯна аботил мезанад. Худованд эълон фармуда, ки аз Муҳоҷирин ва Ансори авввлия хушнӯд аст ва онҳоро дар биҳишт абадулобод, дохил мекунад, агар чӣ нодон дар дӯнё гиребон бидарад ва онҳоро кофир ва мунофиқ бидонад. Касе, ки имон ба Қуръон дошта бошад, бо хондани ин

[1] : Сураи Тавба 100

оят оё дигар ҳаққи беадабӣ дар ҳаққи Саҳобаро дорад?.

### 13. Саҳоба беҳтар аз мо ҳастанд

﴿لَّا يَسۡتَوِي ٱلۡقَٰعِدُونَ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ غَيۡرُ أُوْلِي ٱلضَّرَرِ وَٱلۡمُجَٰهِدُونَ
فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡۚ فَضَّلَ ٱللَّهُ ٱلۡمُجَٰهِدِينَ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ عَلَى
ٱلۡقَٰعِدِينَ دَرَجَةٗۚ وَكُلّٗا وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلۡحُسۡنَىٰۚ وَفَضَّلَ ٱللَّهُ ٱلۡمُجَٰهِدِينَ عَلَى ٱلۡقَٰعِدِينَ
أَجۡرًا عَظِيمٗا ٩٥﴾

«Ҳар гиз, афроди бо имоне, ки бидуни beморӣ ва норохатӣ, аз ҷиҳод боз нанишастанд, бо Муҷоҳидоне, ки дар роҳи Худо бо мол ва ҷони худ ҷиҳод карданд, яксону баробар нестанд! Худованд Муҷоҳидонеро, ки бо мол ва ҷони худ ҷиҳод намудаанд, бар қоъидин (тарк кунандагони ҷиҳод) бартарии муҳиме бахшида ва ба ҳар яке аз ин дӯ гурӯҳ (ба хотири аъмоли некашон), Худованд ваъдаи подоши нек дода ва Муҷоҳидонро бар қоъидон, бо подоши бузӯрге, бартарӣ додааст»[1].

Ҳама медонем, ки Алӣ ва Умару Абӯбакр ва Усмон ва Абӯ Убайда ва Ойша ва Зубайр ва

[1] : Сураи Нисо 95

Талҳа ва Саъд бини Аби Ваққос ва Саъд бини Убодаҳ ва дигарон (Худованд аз онҳо розӣ бод), пеш аз фатҳ  мусалмон шуданд ва ҳазор то мусалмон, ки пас аз Фатҳ  инфоқ карданд ё ҷиҳод карданд, ва лав ҳар касе бошад, бо яке аз Асҳоби аввалиябаробар нестанд. Касе, ки Худо ӯро беҳтар аз мо медонад, ба мо чӣ мерасад, ки дар бораи онҳо забондарозӣ кунем?

Ҳоло агар баъд аз ин ҳама оёте, ки зикр шуд, яке биёяд ва бигӯяд: Имон ба Қуръон дорам, оёташро қабул дорам, аммо намепазирам, ки Саҳоба инсонҳои шарифе буданд", ба назари шумо оё танокузгӯйи намекунад?

## Сифоти мунофиқин

Бархе аз донишмандони мазҳаби Шиъа, тамоми оёти фасли пешро бо як оят рад мекунанд ва ба истилоҳ, оби поке рӯйи дасти мо мерезанд. Онҳо мегӯянд: "Мо қабул надорем, ки дар ҳаққи Умару Абӯбакр ва дигарон бошад, зеро Худованд (ҷ) ҳамчунин фармудааст:

﴿ وَمِمَّنۡ حَوۡلَكُم مِّنَ ٱلۡأَعۡرَابِ مُنَٰفِقُونَۖ وَمِنۡ أَهۡلِ ٱلۡمَدِينَةِ ١٠١ ﴾

«Ва аз (миёни) Аъроби бодиянишин, ки атрофи шумо ҳастанд, ҷамъе мунофиқанд ва аз аҳли Мадина (низ), гурӯҳе сахт ба нифоқ побанданд»[1].

Аммо ҷавоби ин шубҳа ба кӯмак ва мадади Худованд (ҷ):

Ба Қуръон муроҷаъа кунед мебинед, ки аввалан: ояти қабл аз ин, ихтисоси ба мадҳи Муҳоҷирин ва Ансор ва Тобиъин аст. Дувум: Худованд(ҷ) фармуда:

﴿وَمِنۡ أَهۡلِ ٱلۡمَدِينَةِ مَرَدُواْ عَلَى ٱلنِّفَاقِ ١٠١﴾

[1] : Сураи Тавба 101

Яъне, баъзе аз аҳли Мадина хӯйи нифоқ доранд ва нафармуда, ки:

«أهل المدينة كلهم منافقون، إلا علي و أبو ذر و سلمان و مقداد»

Яъне: ҳамаи аҳли Мадина мунофиқанд, ғайр аз Алӣ ва Абӯ Зар ва Салмон ва Микдод".

Вале шумо ҳамаро мунофиқ кардед. Аз ҳазрати Ойша, ҳамсари Паёмбар, то омитарин шаҳрванди Мадина аз назри шумо мунофиқ буданд.

Мо ҳақ надорем бидуни далел, ангушти иттиҳом ба сӯйи Саҳобаи киром дароз кунем. Сухан бидуни далелу мантик намешавад. Шумо барои он, ки Саҳобаро шомили ояте бидонед, бояд далел пеш кунед ва бароҳини муҳкам баёваред, вагарна фардо каси дигаре баланд мешавад ва ба хуҷҷати ҳамин оят, ки ( في المدينة منافقون), яъне: дар Мадина мунофиқин ҳастанд, мегӯяд: чун Алӣ (р.з) дар Мадина буд, пас (астағфируллоҳ) мунофиқ аст.

Оё шумо ин истидлолро қабул мекунед? Пас чора инаст қабл азоне, ки Зайд ва Амрро ба нифоқ муттаҳам кунем биёем ва баррасӣ кунем,

ки аслан мунофиқин чӣ сифоте доштанд ва баъд бубинем, ки оё ин сифот бар Саҳоба мутобиқ аст ё на?

Роҳи ҳалли дурӯст ва мантиқӣ ҳамин аст, вагарна агар бозори туҳмат ва туҳматбозӣ гарм шавад, ҳеҷ кас дар амон намемонад. Пас ҳоло биёем сифоти мунофиқинро на аз диди мо, балки аз назари Қуръон баррасӣ кунем.

### 1. Мунофиқин ба ҷиҳод намераванд

﴿وَإِذَآ أُنزِلَتۡ سُورَةٌ أَنۡ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَجَٰهِدُواْ مَعَ رَسُولِهِ ٱسۡتَـٔۡذَنَكَ أُوْلُواْ ٱلطَّوۡلِ مِنۡهُمۡ وَقَالُواْ ذَرۡنَا نَكُن مَّعَ ٱلۡقَٰعِدِينَ ٨٦ رَضُواْ بِأَن يَكُونُواْ مَعَ ٱلۡخَوَالِفِ وَطُبِعَ عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ فَهُمۡ لَا يَفۡقَهُونَ ٨٧﴾

«Ва ҳангоме, ки сурае нозил шавад (ва ба онон дастӯр диҳад), ки: ба Худо имон оваред ва ҳамроҳи Паёмбараш ҷиход кунед! афроде аз онҳо (гурӯҳи мунофиқин), ки тавоноӣ доранд, аз тӯ иҷозат мехоҳанд ва мегӯянд: бигзор мо бо қоъидин (онҳое, ки аз ҷиҳод муъофанд) бошем! оре онҳо розӣ шуданд, ки бо мутахалифон

бошанд, ва бар дилҳои онҳо мӯҳр ниҳода шуда, азин рӯ (чизе) намефаҳманд!» [1].

Ва мо ҳама медонем, ки Саҳобаи Кином аз ҷанги Бадр то ҷанги Рум бо Ҳазрат буданд ва ададашон аз 314 нафар дар ҷанги Бадр ва 30000 дар охирин соли ҳаёти Паёмбар (с) афзоиш ёфт ва боз ҳам медонем, ки Асҳоби Кибор, ҳамчун Абӯбакру Умар ва Усмону Алӣ ва Зубайру Талҳа, дар ағлаби ҷангҳо дар рикоби он Ҳазрат буданд ва агар ҳам дар ҷанге ба таври истисноӣ, яке аз Саҳоба ҳузӯр надошт, далелаш на нофармонӣ ва сарпечӣ, балки ин буд, ки ҳазрати Муҳаммад (с) ба он Саҳоба маъмурияти дигаре дода буд, пас ин сифати мунофиқин аслан ба ёрони Паёмбар мутобақат намекунад.

### 2. Харобкорӣ мекунанд

Худованд мефармояд: Агар ба фарз, мунофиқин ба ҷанг хориҷ шаванд ва Паёмбарро ҳамроҳӣ кунанд, дар васати роҳ даст бо харобкорӣ мезананд. Ба ин оят таваҷҷуҳ кунед!

---

[1] : Сураи Тавба 86-87

﴿لَوۡ خَرَجُواْ فِيكُم مَّا زَادُوكُمۡ إِلَّا خَبَالٗا وَلَأَوۡضَعُواْ خِلَٰلَكُمۡ يَبۡغُونَكُمُ ٱلۡفِتۡنَةَ وَفِيكُمۡ سَمَّٰعُونَ لَهُمۡۗ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِٱلظَّٰلِمِينَ ٤٧ لَقَدِ ٱبۡتَغَوُاْ ٱلۡفِتۡنَةَ مِن قَبۡلُ وَقَلَّبُواْ لَكَ ٱلۡأُمُورَ حَتَّىٰ جَآءَ ٱلۡحَقُّ وَظَهَرَ أَمۡرُ ٱللَّهِ وَهُمۡ كَٰرِهُونَ ٤٨﴾

«Агар онҳо ҳамроҳи шумо (ба сӯйи майдони ҷиҳод) хориҷ шаванд, ҷӯз изтироб ва тардид, чизе бар шумо намеафзуданд ва ба суръат дар байни шумо ба фитнаангезӣ (ба эҷоди тафриқа ва нифоқ) мепардохтанд, ва дар миёри шумо афроде (сӯст ва заъиф) ҳастанд, ки ба суханони онҳо, комилан гӯш фаро медиҳанд ва Худованд, золимонро мешиносад. Онҳо пеш аз ин (низ) дар пайи фитнаангезӣ буданд ва корҳоро бар ту дигаргӯн сохтанд (ва ба ҳам рехтанд), то он ки ҳақ фаро расад ва фармони Худо ошкор гашт (ва пирӯз шудед) дар ҳоле, ки онҳо кароҳат доштанд»[1].

Мисли он коре, ки мунофиқи бузӯрг, Абдулло бини Убай дар ҷанги Уҳӯд кард ва ёрони мунофиқи худро аз ними роҳ баргардонд ва ҳозир ба ҷанг нашуд.

[1]: Сураи Тавба 47-48

Ва агар касе бигӯяд, ки Саҳоба мунофиқ буданд, дар асоси ин оят онҳо бояд дар ҷангҳо, даст ба харобкорӣ мезаданд ва бо ин васф Паёмбар (с) намебоист дар як набард ҳам пирӯз шаванд.

Саҳоба дар ҳар як ҷанг ба навбати худ қаҳрамонӣ ва рашодат аз худ нишон доданд. Аҳли ташаюъ фақат корҳои Алӣ (р.з)-ро зикр мекунад ва дуруғ ҳам мегӯяд. Мо ҳам қабул дорем ва ба он ифтихор мекунем, вале дар ҷангҳо ҳамаи Асҳоб нақши асоси доштанд. Масалан: ҷанги Хайбарро ба ёд биёварем. Шакке нест, ки қаҳрамони бузӯрги ин ҷанг ҳазрати Алӣ (р.з) буд. Аммо дигарон ҳам саҳм доштанд. Масалан дар ибтидои ҷанг, яъне шаби ҳафтум вақте ҳазрати Умар (р.з) як яҳудиро асир гирифт, кори мусалмонон осон шуд, зеро он яҳудӣ аз тарси ҷон, ҳама розҳои Хайбарро барои мусалмонон гуфт. Пас оё ин кори Умар (р.з) харобкорӣ буд ё созандагӣ ва кӯмак ба мусалмонҳо?

Пас ин оят, ки мунофиқонро харобкор дар маъракаҳо ва ҷосӯс меномад, бо амалкарди Асҳоб сад дар сад мухолиф ва дар самти акси корҳои Саҳоба аст.

## 3. Эрод ба Расули Худо (с)

﴿وَمِنۡهُم مَّن يَلۡمِزُكَ فِي ٱلصَّدَقَٰتِ فَإِنۡ أُعۡطُواْ مِنۡهَا رَضُواْ وَإِن لَّمۡ يُعۡطَوۡاْ مِنۡهَآ إِذَا هُمۡ يَسۡخَطُونَ ۝٥٨﴾

«Ва дар миёни онҳо касоне ҳастанд, ки дар (тақсими ғаноим), бар тӯ эрод мегиранд, агар аз он (ғаноим саҳме) ба онҳо дода шавад, розӣ мешаванд ва агар дода нашавад, хашм мегиранд (хоҳ ҳаққи онҳо бошад, ё на)» [1]

Ин сифоти мунофиқин буда ва ҳаст ва нашунидам, ки аҳли ташаюъ ҳам бигӯянд, ки ҳазрати Абӯбакру Умар ва Усмон (р.з) ба Паёмбар (с) дар тақсими ғаноим, эрод мегирифтанд, балки ба гувоҳи Қуръон ва тарих, онҳо худ дар роҳи Худо инфоқ мекарданд, хусусан ҳазрати Усмон (р.з) дар ин кор гули сабад ва сармади дигарон буданд.

Пас ин сифоти мунофиқин, низ бо ахлоқи Саҳоба мутобақат надорад, балки фарқ байни замин то осмон аст.

## 4. Залил ҳастанд

[1] : Сураи Тавба 58

﴿يَقُولُونَ لَئِن رَّجَعۡنَآ إِلَى ٱلۡمَدِينَةِ لَيُخۡرِجَنَّ ٱلۡأَعَزُّ مِنۡهَا ٱلۡأَذَلَّۚ وَلِلَّهِ ٱلۡعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِۦ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَلَٰكِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَا يَعۡلَمُونَ ٨﴾

«Онҳо мегӯянд: Агар ба Мадина боз гардем, азизон залилонро берӯн мекунанд! Дар ҳоле, ки иззат махсуси Худо ва Расулаш ва мӯминон аст, вале мунофиқин намедонанд»[1].

Кист, ки надонад дар Мадина азизтарин мардум, Асҳоб буданд. Дар он шаҳр подшоҳӣ карданд ва ҳукм ва қазоват ба дасташон буд ва залилтарини мардум, мунофиқон ва ёрони Абдуллоҳ бини Убай буданд, ҳатто писараш бо ӯ мухолиф буд. Пас ин сифат ҳам бо ахлоқи Саҳоба ҳамхонӣ надорад, зеро онҳо дар асри худ, азиз буданд ва ба назарам то имрӯз низ чун онҳо, азизон ва қудратманде пайдо нашуд.

### 5. Ба ҷанги Румиҳо нарафтанд

﴿فَرِحَ ٱلۡمُخَلَّفُونَ بِمَقۡعَدِهِمۡ خِلَٰفَ رَسُولِ ٱللَّهِ وَكَرِهُوٓاْ أَن يُجَٰهِدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَقَالُواْ لَا تَنفِرُواْ فِي ٱلۡحَرِّۗ قُلۡ نَارُ جَهَنَّمَ أَشَدُّ حَرّٗاۚ لَّوۡ كَانُواْ يَفۡقَهُونَ ٨١ فَلۡيَضۡحَكُواْ قَلِيلٗا وَلۡيَبۡكُواْ كَثِيرٗا جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ يَكۡسِبُونَ ٨٢﴾

---

[1] : Сураи Мунофиқин 8

«Тахаллуфчуён (аз ҷанги Табӯк) аз мухолифат бо Расули Худо хушҳол шуданд ва кароҳат доштанд, ки бо амвол ва ҷонҳои худ дар роҳи Худо ҷиҳод кунанд ва (ба якдигар ва ба мӯминон) гуфтанд: дар ин гармӣ, (ба сӯйи майдон) ҳаракат накунед! (ба онон) бигӯ: оташи дузах азин ҳам гармтар аст, агар медонистанд, азин рӯ бояд онҳо камтар биханданд ва бисёр бигирянд! (чаро, ки оташи ҷаҳаннам, дар интизорашон аст), ин ҷазои аъмолест, ки анҷом медоданд»[1].

Ин оят дар бораи ҷанги Рӯм аст. Мунофиқин ба ҷанги Табӯк нарафтанд, дар ҳоле ки дар он 30 ҳазор шамшерзани мусалмон ва аз ҷумла Асҳоби Кибори мабғузи баъзеҳо ширкат доштанд, пас набояд онҳоро мунофиқ бидонем, зеро Худо мунофиқонро васф карда ва мӯминонро низ ин тавр васф мекунад:

﴿لَـٰكِنِ ٱلرَّسُولُ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَعَهُۥ جَـٰهَدُوا۟ بِأَمْوَٰلِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ ۚ وَأُو۟لَـٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلْخَيْرَٰتُ ۖ وَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٨٨﴾ أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُمْ جَنَّـٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَـٰرُ خَـٰلِدِينَ فِيهَا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ﴾

[1] : Сураи Тавба 81-82

«Ва Паёмбар ва касоне, ки ба ӯ имон оварданд, бо мол ва ҷонҳояшон ҷиҳод карданд ва ҳама некиҳо барои онҳост ва онҳо ҳамоно растагоронанд! Худованд барои онҳо боғҳое аз биҳишт фароҳам сохта, ки дарёҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ҷовидон дар он хоҳанд буд ва инаст растагорӣ (ва пирузии) бузӯрг»[1].

Дар хона агар кас аст, як ҳарф басаст. Далели возеҳ омад, ки рафтори мунофиқон бо он чӣ аз кирдори Саҳоба шунидаем, мунофот дорад. Ва ҳатто дар як маврид низ, нафақат татобуқ надорад, балки бар акс аст. Ин бор дар ин гуфтор мо фақат аз Қуръон далел овардем ва сухани Аллоҳро гувоҳ гирифтем. Аммо касоне, ки ҳавои нафсонии худро пайравӣ мекунанд, метавонад ҳамчунон дар ақидаи худ пофишорӣ кунад, ки манзур аз мунофиқини Мадина ҳомона Саҳоба буданд. Мо бо ӯ наметавонем баҳс кунем, вале дар ниҳоят инро умуман ба хонандагони худ мегӯем, ки агар инсон бидуни мантиқ, бихоҳад аз Қуръон чӣзеро исбот кунад, мутассифона ба роҳати метавонад он чиро, ки мехоҳад истинбот намояд. Ин ки фалон мегӯяд чӯн дар Қуръон омада ( وفي المدينة منافقون), пас

1 : Сураи Тавба 88-89

Саҳоба мунофиқанд, монанди он ду нафаре аст, ки иддаъои паёмбарӣ карданд, яке номаш Насруллоҳ ва дигаре Фатҳуллоҳ буд. Мардум пурсиданд: далели нубувати шумо чӣст? Гуфтанд: Қуръон! Пурсиданд: чӣ тавр? Ҷавоб доданд: дар Қуръон омада: (إذا جاء نصر الله والفتح)

Ва мо, ки Насруллоҳ ва Фатҳуллоҳ бошем омадаем, пас паёмбарем).

Тухмат ва ифирои нифоқ бар Саҳоба низ, ҳамсони истидлоли Фатҳуллоҳ ва Насруллоҳ аст.

## Ҷанг байни Саҳоба

Нуқтае, ки бисёре аз бародарони аҳли ташаюъро ба иштибоҳ меандозад инаст, ки онҳо ҳатто як хаторо ҳозир нестанд ба Саҳоба бибахшанд ва гумон доранд, ки бояд ҳама корҳояшон хуб бошад ва иттифоқан ҳамин ақидаро дар мавриди Алӣ (р.з) доранд. Онҳо мепиндоранд, ки Алӣ (р.з) маъсӯм буда аст.

Мо ҳаргиз ақида надорем, ки Саҳоба, аз ҷумла Алӣ (р.з) маъсум будаанд, балки муътақидем аз баъзе Саҳоба корҳои хатое сар зада аст. Мо дорем Саҳобаеро, ки дар ҷанги Бадр ҳозир буд, аммо барои ҳифзи хонааш ҳамлаи Паёмбар ба Маккаро ба куффор гузориш дода, вақте розаш бармало шуд, Паёмбар (с) аз ӯ пурсид: "Оё кофир шудӣ?" гуфт: "На эй Расули Худо! Имон ба Худо ва Расулаш дорам, танҳо ин тадбире буд барои ҳифзи хонаводаам дар Макка". Умар (р.з) иҷоза хост, то ӯро бикушад, аммо Паёмбар (с) гуфт: "Саҳобаи Бадриро Худо бахшидааст". Ёд дорем Саҳобае, ки аз ҷанг фирор карда, вале Худо онҳоро сароҳатан бахшидааст ва амсоли инҳо. Ман бо таваҷҷуҳ ба тарзи талаққии олимони мазҳаби Шиъа, медонам, ки ҳоло нафаси роҳате

мекашанд ва мегӯянд: (Падаромурзида! Охир худат қазовати моро кардӣ! ва ҳарфи моро задӣ!)

На, ман қазовати шуморо накардам, ман ҳарфи худамро задам. Ҳарфи мо инаст, ки ғайр аз ҳазрати Муҳаммад (с) бақияи инсонҳо, дар маърази хато ҳастанд. Мумкин аст гуноҳ кунанд, мумкин аст фатвои ғалат бидиҳанд, вале сарфи ин имкон, набояд моро водор кунад, ки ҳама гуноҳонро ба ҳама Асҳоб нисбат диҳем.

Гуфтам, ин иштибоҳи азими ташаюъ аст. Онҳо ғулӯ мекунанд ва мегӯянд: касе ки раҳбар аст, дигар ҳатто як гуноҳи сағира ё кабира набояд бикунад ва бар ин асос, аиммаи худро бо Худованд муттасил карданд ва онҳоро ақли кул ва огоҳ ба тамоми улум ва донандаи ғайб низ медонанд, ҳатто мегӯянд: илми онҳо ладуннӣ аст, яъне касб накардаанд, балки Худо ба онҳо додааст. Онҳо корро ба ҷое расониданд, ки ҳатто имоми даҳуми худро, ки ҳашт сола буд, аз Паёмбаре, чун Иброҳим ё Мусо ё Исо (а) беҳтар медонанд.

Хуб ба чунин афроде, ки бачаи хаштсоларо аз Иброҳими Халилуллоҳ беҳтар

медонанд, аввал бояд ин нуқтаро фаҳмонд, ки инсони маъсӯм аз хато дар ҷаҳон дар сурате метавонад вуҷуд дошта бошад, ки ба ваҳй муттасил бошад, ҳатто ҳазрати Муҳаммад (с), агар ваҳй ба кӯмаки эшон намеомад дучори хато мешуданд, масалан:

Рӯзе ҳазрати Умар (р.з) вориди утоқ шуд ва дид ҳазрати Муҳаммад (с) ва Абӯбакр (р.з), нишастаанд ва гиря мекунанд. Умар дар тааҷҷуб шуд ва гуфт бароям бигӯед, ки чӣ чиз шуморо ба гиря оварда, то ман ҳам ҳамроҳи шумо гиря кунам. Баъд маълум шуд, ки иллати гиря, нузули ояҳое буда, ки дар он ҳазрати Муҳаммад (с) мавриди итоб қарор гирифта, ки чаро тасмим ба озодии асирон дод. Ин пешниҳоди Абӯбакр буд, ин тасмим мавриди писанди Аллоҳ (ҷ) набудааст. Худованд (ҷ) мефармояд:

﴿لَّوْلَا كِتَٰبٌ مِّنَ ٱللَّهِ سَبَقَ لَمَسَّكُمْ فِيمَآ أَخَذْتُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ ﴿٦٨﴾

«Агар пеш аз ин аз ҷониби Худо ҳукме нашуда буд, ба сабаби он чӣ гирифта будед, азоби бузург ба шумо мерасид» [1].

Ва табиъист, ки Расули Худо фавран тасмими худро мутобиқи иродаи Илоҳӣ тағйир доданд.

Хуб ҷое, ки Паёмбар Худо (с), муносибтарин шахс ба мақоми раҳбарӣ буд, зеро Худованд ӯро аз байни ҳама мардум барои фиристодани охирин паёми худ, интихоб кард. Оре вақте шоистатарин фард агар ваҳй ба кӯмакаш намеомад, имкони иттихози тасмимоти ғалат аз ӯ мерафт, пас дигар аз Абӯбакру Умару Усмон ва Алӣ (р.з), чӣ тавр интизор дошта бошем, ки дар тасмимоти худ ва дар афъоли худ, ҳатто як бор ҳам ба хато нараванд?

Гуфтем: Шиъа барои ҳалли ин мушкили, Алӣ (р.з) ва аиммаи дигари худро, муттасил ба ваҳй донистаанд, вале чун Қуръон фармудааст: Муҳаммад хотами Анбиё аст, онҳо барои он ки мувоҷеҳ ба ин эрод нашаванд, роҳи иттисоли

[1]: Сураи Анфол 68

Алӣ (р.з)  ва аймма бо Худоро, исман тағйир доданд ва шакли он албатта даст нахурдааст. Яъне омаданд гуфтанд: Алӣ (р.з) ба воситаи илҳом бо Худо тамос дошта ва барои он ки, касе ба онҳо нагӯяд: чаро номи ваҳйро илҳом гузоштед? Омаданд ва гуфтанд, ки: ваҳй ва илҳом фарқ доранд. Дар ваҳй Паймбар фариштаро медид ва дар илҳом, Алӣ (р.з) фариштаро намедид ва фақат садояшро мешунид.

Оқил ҳам медонад, ки дидани фаришта чандон аҳамияте надорад. Асл ва мақсуд фаҳм аст. Муҳим иртибот бо Аллоҳ (ҷ) ба равиши Паёмбарон аст ва чун Алӣ (р.з) паёмбар набуд, ин нисбати нораво, ки Алӣ (р.з) аз он безор аст, набояд ба ӯ нисбат дод ва набояд номи ваҳйро илҳом гузошт ва қонуни худсохта дурӯст кард.

Ваҳй, яъне нузули каломи Илоҳӣ ба воситаи фаришта ва бе воситаи фаришта, чунон чӣ Худованд мустиқиман бо Мусо (а) суҳбат кард ва фариштае дар кор набуд, аммо боз мегӯем, ки ба Мусо (а) ваҳй нозил шуд ва мисли Шиъа, луғати дигареро барои ин амали иртиботи Илоҳии башар, ихтироъ намекунем ва каломе, ки ба Муҳаммад (с), ба воситаи

фариштаи қобили руят нозил шуда, боз номаш ваҳӣ аст ва каломе, ки Алӣ (р.з) ба воситаи фариштаи ғайри қобили руят, нозил шудааст, боз номаш ваҳӣ аст. Бо бозии калимот наметавон далели шаръи дурӯст кард.

Пас агар Муҳаммад (с)-ро, охирин Паёмбар бидонем, дигар наметавонем қабул кунем имоми 8 сола аз Паёмбаре чун Мусо (а), ки мустиқиман бо Худо дар иртибот буда, бартар бошад.

Дигар наметавонем иддаъо кунем, ки инсоне баъд аз ӯ, ақли кулл ва холӣ аз хато ва иштибоҳ буда аст, ва бояд бипазирем, ки имкон дорад аз авлиёуллоҳ, низ хатоҳо сар занад, фақат тафовути онҳо аз мардуми одӣ онаст, ки онҳо ҳар вақт, ки мутаваҷҷеҳи хатои худ шуданд, тавба мекунанд ва инстиғфор металабанд ва агар фатвои ғалате доданд, аз ҳарфи худ бар мегарданд ва Саҳоба низ азин қонун истисно набуданд.

Ин суханон мукаддимаест, барои ҷавоб ба ин суол, ки чаро Асҳоб бо ҳамдигар ҷангиданд? Худованд дар Қуръон мефармояд:

﴿وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٱقۡتَتَلُواْ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَاۖ فَإِنۢ بَغَتۡ إِحۡدَىٰهُمَا عَلَى ٱلۡأُخۡرَىٰ فَقَٰتِلُواْ ٱلَّتِي تَبۡغِي حَتَّىٰ تَفِيٓءَ إِلَىٰٓ أَمۡرِ ٱللَّهِۚ فَإِن فَآءَتۡ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَا بِٱلۡعَدۡلِ ٩﴾

«Агар ду гурӯҳе аз мӯминон бо ҳам ҷанг карданд, байни онҳо сулҳ ва оштӣ диҳед, пас агар яке бар дигаре таҷовуз ва эътидо кард, бо ӯ ҷанг кунед, то ба ҳукми Худо боз гардад ва вақте, ки ба ҳукми Худо баргашт, пас байни он дӯ гурӯҳ ба адл ислоҳ кунед» [1]

Аз зоҳири оят бар меояд, ки имкон дорад ду гурӯҳ бо ҳам ҷанг кунанд, дар ҳоле, ки ҳар ду тараф мӯмин бошанд ва имкон дорад мӯмине ба мӯмини дигаре таҷовуз ва зӯр бигӯяд. Албатта ин ба он маъно нест, ки ҳоло ҳар куҷо, ки дидем ду гурӯҳ, ба номи мусалмон бо ҳам меҷанганд, ҳар дӯро мо мусалмон бидонем, ё як тарафро бидонем! На, мо бояд таҳқиқ кунем, пас бибояд равобити байни Саҳобаро зери зарабин бибарем.

Гуфтем: Саҳоба маъсӯм набуданд ва ба ҳукми ин, гоҳе кори онҳо ба мурофаъа ва даъво

[1] : Сураи Ҳуҷурот 9

мерасид ва онҳо шикоят ба Расули Худо (с) мубурданд ва таслими фармони ӯ буданд. Кор дар замони Абӯбакру Умар ва Усмон (р.з), ба ҳамин минвол буд. Албатта гоҳе мешуд, ки Саҳоба аз раҳбарият норозӣ мешуданд, ё раҳбар аз афроди зердаст норозӣ мешуд, аммо ҷараён бар асоси қонуни Қуръон, ба таври табаъи пеш мерафт. Масалан Умар (р.з) ба идомаи фармондиҳии Холид (ба далели ин, ки намехост мардум фикр кунанд, ки пирузӣ аз сӯйи ӯст, чун дар воқеъ пирузӣ аз ҷониби Худованд буд), мувофиқ набуд, ва аз Абӯбакр хост, то ки ӯро барканор кунад. Аммо Абӯбакр салиқаи дигаре дошт. Вақте ки Умар Халифа шуд, Холидро барканор кард, аммо Холид қаҳр накард, ҳамчун як сарбози одӣ ба ҷиҳод идома дод. Вақте Усмон (р.з), халифа шуд, ҳазрати Алӣ (р.з), нисбат ба баъзе аз корҳо, эродҳо ба эшон доштанд ва Усмон (р.з), намепазируфтанд, аммо Алӣ (р.з) шуриш ва инқилоб накард, тавтиъагарӣ накард, балки ҳатто писаронаш нигаҳбони амире буданд, ки Алӣ (р.з), ба ҳар ҳол аз сиёсат ва кишвардории ӯ норозӣ буд. Аввалин фитнаро касоне ба вуҷуд оварданд, ки Саҳоба набуданд, авбошони Миср, Халифаи саввумро шаҳид карданд ва Халифа дар ҳоле, ки қудрати дифоъ дошт, даст ба шамшер набурд ва

иҷоза надод, касе даст ба шамшер бибарад. Ин фатвои эшон буд. Аммо пас аз марги эшон Саҳобае, ки аз амали Мисриёни авбош, ба хашм омада буданд, дигар монеъе барои даст бурдан ба шамшер надиданд ва ҳар кас ба гушае рафт, то нерӯе ҷамъ кунад ва авбошонро гушмоле (сазое) диҳад.

Ногуфта нагузарем, ки пас аз шаҳодати Халифаи савум, Асҳоб, аз ҷумла шуришиёне, ки бар шаҳр тасаллут доштанд, бо Алӣ (р.з) байъат карданд. Алӣ (р.з) бар асоси фатвои худ, тасмим гирифт корҳоро яке яке ислоҳ кунад. Чун Муъовия хокими Шом зери бори байъат намерафт, лизо Алӣ (р.з) сазо додани қотилоти Усмонро, ба он далел ва ба як далели муҳимтар ба ақиб андохт. Далели муҳимтар ин буд, ки Алӣ (р.з) нерӯи кофӣ барои муқобала бо онҳоро надошт, заро нерӯҳои содиқ пароканда шуда буданд ва контроли авзоъ аз даст рафта буд ва барои ба назм овардани умур эҳтиёҷ ба замон буд. Ин ҷо ихтилоф байни Саҳоба шурӯъ шуд. Ҳазрати Ойша ва Талҳа ва Зубайр, исрор бар муҷозоти фаврии қотилони Усмон (р.з), доштанд ва нерӯе гирд оварданд, то ба заъми худ қотилонро бикушанд. Онҳо мақсади ҷанг бо Алӣ (р.з), надоштанд. Вақте, ки ду лашкар

рубарӯ шуданд, кор бо музокира кашид, аммо фитнагароне, ки дар ду тараф буданд, шабона ҷангро шурӯъ карданд ва контрол аз дасти Саҳоба (р.з) хориҷ шуд ва оташи ҷанг бо пирӯзии ҳазрати Алӣ (р.з) муваққатан хомуш шуд, Талҳа ва Зубайр шаҳид шуда буданд ва Ойша (р.з) асири Алӣ (р.з) буд ва аз ду тараф куштаҳои мусалмонон заминро фарш карда буд.

Аз рафтори Алӣ (р.з) мо пай мебарем, ки даъвои Саҳоба як даъвои фиқҳие буда ва бар сари умури дунявӣ набудааст. Ҳазрат ба қотили Зубайр, ки хабари марги ӯро бо ҳамроҳи шамшераш оварда буд, то муждае бигирад, мужда ба ҷаҳаннам дод ва гуфт: Аз Паёмбар (с) шунида будам: "қотили Зубайр ҷаҳанамӣ аст" ва мард ба ғазаб омада ва баъд ба гурӯҳи Хавориҷ пайваст ва кушта шуд. Ҳазрат ба писари Талҳа гуфт: Умедворам, Худо маро бо падарат шомили ин оёт гардонад:

﴿إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي جَنَّٰتٖ وَعُيُونٍ ۝٤٥ ٱدۡخُلُوهَا بِسَلَٰمٍ ءَامِنِينَ ۝٤٦
وَنَزَعۡنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنۡ غِلٍّ إِخۡوَٰنًا عَلَىٰ سُرُرٖ مُّتَقَٰبِلِينَ ۝٤٧﴾

«Ба яқин, парҳезгорон дар боғҳои (сарсабзи биҳишт) ва дар канори чашмаҳо

ҳастанд, (фаришатагон ба онҳо мегӯянд) дохил ин боғҳо шавед бо саломат ва амният! ҳар гуна ғил (ҳасад, кина ва душманӣ)ро аз синаи онҳо дӯр мекунем (ва руҳашонро, пок месозем), дар холе, ки ҳама бародаранд ва бар тахтҳо ру ба руйи якдигар қарор доранд»[1].

Ҳазрат, ҷасади куштагони ҳар ду тарафро як ҷо қарор дода ва ба онҳо намози ҷаноза хонд. Ҳадди ақал Шиъа муътақид аст, ки касе Алӣ (р.з) барояш мағфират биталабад, биҳиштӣ аст. Фитнагарон дар сипоҳи Алӣ (р.з), хостанд амволи мусалмонон шикастхурдаро ба яғмо баранд, Алӣ (р.з) манъ кард ва аз миёни лашкари Алӣ (р.з) онҳое, ки баъд Хавориҷ шуданд, гуфтанд: Молашонро ҳаром кардӣ ва хунашонро халол. Аммо Алӣ (р.з) ҳамчунон муътақид буд, ки ин фитнаест, ки байни аҳли қибла рӯх додааст.

Ин рафтори Алӣ (р.з) бо касоне, буд ки мурданд. Алӣ (р.з) наметавонист коре беш аз ин барояшон бикунад, аммо бо Ойша (р.з), ҳамсари Расули Худо (с) ба унвони муҳориби Худо ва Расулаш рафтор накард, Ӯро зиндонӣ

[1] : Сураи Ҳиҷр 45-47

накард ва тахти назар нагирифт. На Ӯро ва на ҳеҷ мусалмони дигареро, чунин накард. Ба ҳазрати Ойша (р.з) наздик шуд ва салом дод, ҷавоб шунид, барои Ӯ истиғфор талабид, Ойша (р.з) низ барояш истиғфор хост, пас амр кард: Занон либоси мардона бипушанд ва ҳарами Расули Худоро бо эҳтиром, ба Мадина баргардонанд ва Алӣ (р.з), ҳаргиз аз минбар барои кубидани Ойша (р.з) истифода накард. Ӯ ҳаргиз нагуфт, ки Талҳа ва Зубайр ба биҳишт намераванд. Ӯ бар иттифоқи афтода, афсӯс мехурд, ҳамчуноне, ки Ойша (р.з) чунин мекард. Мо агар рост мегӯем, бояд чун Алӣ (р.з) бошем, агар Алӣ (р.з) Ойша (р.з)-ро фаҳш дод, мо ҳам бидиҳем. Чаро баъзеҳо аз Алӣ (р.з) ҳам доғтаранд, дурӯст мисли Хавориҷ, ки мехостанд моли кушташудагонро низ бигиранд.

Дар ҷанг байни Саҳоба, шакке нест, ки ҳазрати Алӣ (р.з) ҳақтар буданд, чунки эшон аз ҷумлаи Саҳобаи Кибор ва аз даҳ нафари башоратдода ба биҳишт маҳсуб мешуданд ва бар ҳар ҳол ба Хилофат интихоб шуда буданд ва нуқтаи заъфе надоштанд, вале мухолифон ҳам барои мухолифати худ, далоилли шаръи доштанд. Онҳо ба баъзе аз атрофиёни Алӣ (р.з) мухолиф буданд ва эроди онҳо ҳам дурӯст буд,

зеро дар миёни сипоҳиёни Алӣ (р.з) афроде буданд, ки сифоти мунофиқинро доштанд, яъне: дар ҷангҳо, харобкорӣ мекарданд ва даст ба фитна мезаданд. Ҳамонҳо дар шабе, ки қарор буд фардояш барои ҷалавгирӣ аз ҷанг байни ҳазрати Алӣ (р.з) ва ҳазрати Талҳа ва Зубайр музокира шавад, оташи фитнаро равшан карданд ва шабона ба сипоҳи мухолиф заданд ва боъиси ба шаҳодат расидани Талҳа ва Зубайр (р.з), шуданд. Ҳамонҳо баъдтар дар ҷанги Сиффин вақте, ки ҳазрати Алӣ (р.з) дар остонаи пирӯзи қарор дошт, ба кӯмаки Муъовия (р.з) шитофтанд ва Алӣ (р.з) дар муҳосира гирифтанд ва ӯро маҷбӯр карданд, ки тан ба сулҳ диҳад, то мабодо сарзамини Исломӣ якпорча шавад ва ду бора футуҳоти хориҷӣ идома ёбад, боз ҳамонҳо баъд аз Сиффин чун диданд Алӣ (р.з) мусаммам аст сарзамини Исломиро агар ба музокира нашуд, бо зур якпорча кунад, аз дари мухолфат бо ӯ даромаданд ва ӯро кофир донистанд ва ба куштани мухлисин шурӯъ карданд.

Дар ниҳоят Алӣ (р.з) маҷбур шуд ба интиқоми як Саҳобаи мазлӯм, ба ёрони собиқи худ ҳамла кунад ва 4000 нафарро дар Наҳравон бикушад, вале яке аз онҳо, ки ҷон ба саломат

бурда буд, билохира муваффақ шуд, ки ҳазрати Алӣ (р.з)-ро ба шаҳодат бирасонад. Аммо Алӣ (р.з) қабл аз шаҳодат дар ниҳоят, бо куштани 4000 нафар аз ёрони собиқи худ (Хаворич) дар ҷанги Наҳравон кореро кард, ки Талҳау Зубайр ва Ойша (р.з) ва дигарон қаблан хостори он буданд. Агар Алӣ (р.з) фурсат медошт, пеш азин даст ба поксозӣ мезад, аммо чӣ мешавад кард, ки башар маъсум нест, агар чӣ Саҳоба бошад. Ёрони дигари Паёмбар(р.з), салиқаи ҷудогонае доштанд ва Алӣ (р.з), фурсат наёфт ва ба вуқуъ пайваст он чӣ набояд мепайваст.

Аммо, инҳоро набояд баҳона кард ва тарафи дигарро кофир гуфт, зеро аввалан онҳо мухолифи Алӣ (р.з) набуданд, ва сониян: Алӣ (р.з), онҳоро кофир намедонист ва тоза ин ҳеҷ рабте ба Абӯбакру Умар ва Усмон (р.з), ки пештар даргузашта буданд, надорад ва боз рабте ба масъалаи ҷонишинии Паёмбар (с) надорад. Таваҷҷуҳ кунед ҳатто фарди мӯхлисе, чун Абӯ Мусо Ашъарӣ (р.з), ки дар рикоби он ҳазрат меҷангид, дар ҷанги Сиффин вақте, ки кор ба ҳукмият расид, бо он ки намоянда ва мавриди эътимоди ҳазрати Алӣ (р.з) буд, салоҳи Исломро дар ин дид, ки ҳазрати Алӣ (р.з) ва Муъовия (р.з) ҳар ду барканор шаванд,

ва Саҳобаи дигаре Халифа гардад. Агар Абӯ Мусо (р.з) муътақид мебуд, ки Алӣ (р.з) аз тарафи Худо ба ин мақом рисидааст, кай ба худ чунин ҷуръате медод.

Имрӯз ташаюъ ҳазрати Абӯ Мусоро пирамарди аҳмак медонанд, аммо ин тавр нест. Ҷое нашунидаам, ки ҳазрати Алӣ (р.з) дар интихоби Абӯ Мусо (р.з), таҳти фишор буда бошад. Ӯ худ Абӯ Мусоро ба намояндагӣ интихоб кард, пас ҳатман ба тақво ва ақли Ӯ итминон дошт ва он гаҳ кори Абӯ Мусо(р.з), беҳтар аз кори имом Хусан (р.з) буд, агар Ӯ Алӣ (р.з)-ро барканор кард, Муъовияро низ барканор кард вале, имом Ҳасан худро барканор кард ва ҳукумати Муъовия (р.з)-ро пазируфт, пас бар Абӯ Мусо (р.з) эроде нест, ҳамчуноне ки бар имом Ҳасан шамотате (душмание) нест. Ҳадафи он ду бузӯргвор, якпорча кардани кишвари Исломӣ буд.

Аз баҳс дӯр нашавем! Мақсудам ин буд, ки даъвои байни Саҳоба рабте ба он чӣ, ки мазҳаби Шиъа асосашро бар он қарор дода, надорад ва набояд аз ин руйдоди тарихӣ суистифода кард.

## Дӯстдори Аҳли Байт кист?

Олимони мазҳаби Шиъа кутуби зиёде дар бораи Аҳли Байт навиштаанд. Онҳо дӯстии Оли Алӣ (р.з)-ро аз бузӯргтарин ифтихори хеш мешуморанд. Биёед бубинем, то чӣ андоза дар ин иддаъо содиқанд.

Нахӯст бояд Аҳли Байтро шинохт! Аз назари онҳо, Аҳли Байт дар дараҷаи аввал, яъне Алӣ ва Фотима ва Ҳасан ва Ҳусайн (р.з) ва дар марҳалаи баъди, фарзандони онҳо, ба хусус аз насли Ҳусайн.

Аммо ин тақсимбандӣ нодурӯст аст. Дар ҳавза ва доираи (Аҳли Байт), ашхоси зер низ шомиланд:

Занони Паёмбар (с) ва Аҳли Байт, яъне аҳли хона. Пас ҳар дӯстдори Паёмбар (р.з) бояд худ бингарад, ки дар хонаи эшон, чӣ касоне зиндагӣ мекарданд.

Дар хонаи Паёмбар (с) ҳамсрон ва духтарони эшон мезистанд. Духтарон шавҳар карданд ва рафтанд ва монданд занҳои эшон ва қонуни зиндагӣ инаст, ки дар хонаи ҳар марде

билохира фақат зан боқӣ мемонад. Хоҳару духтар ва модар дар хонаи худ мебошанд, ё мераванд. Албатта агар марде фавт кунад, он вақт занаш низ шояд ба хонаи марди дигаре равад, аммо дар мавриди ҳазрати Муҳаммад (с), занонашон,  на фақат дар ҳаёт, балки пас аз реҳлати он Ҳазрат низ, дар хонаи эшон монданд ва то охири умр, на шавҳари дигаре ихтиёр карданд, на ба хонаи дигаре рафтанд. Ҳоло агар касе чун кабк, сари худро дар барф фуру барад ва аз ҳақоиқ бигрезад, дар асли ҳақикат тағйире пайдо намешавад.

Аллоҳ (ҷ) дар Қуръон ҳар ҷо, ки ҳукми Аҳли Байтро оварда, аксаран қасдаш зан ва ҳамсар будааст. Қиссаи Лӯт (а)-ро бихонед, дар қиссаи Иброҳим ва Нӯҳ ва ҳар моҷарои дигаре, ки зикр аз Оли Лӯт ва Оли Иброҳим (а) шуд, мақсуд ҳамсар ҳам будааст, масалан диққат кунед:

﴿قَالُوٓاْ إِنَّآ أُرۡسِلۡنَآ إِلَىٰ قَوۡمٖ مُّجۡرِمِينَ ٥٨ إِلَّآ ءَالَ لُوطٍ إِنَّا لَمُنَجُّوهُمۡ
أَجۡمَعِينَ ٥٩ إِلَّا ٱمۡرَأَتَهُۥ قَدَّرۡنَآ إِنَّهَا لَمِنَ ٱلۡغَٰبِرِينَ ٦٠﴾

«(Фариштагон) гуфтанд: мо ба сӯйи қавми гунаҳкор фиристода шудаем, (то онҳоро ҳалок кунем)! магар Оли Лӯт, ки ҳамам онҳоро

наҷот хоҳем дод, ба <u>ҷуз ҳамсараш</u>, ки муқаддар доштем аз бозмондагон (дар шаҳр ва ҳалокшудагон) бошад!» [1].

Агар зан аз Аҳли Байт намебуд, далеле барои он тавзеҳи изофи ва истисно кардани зан наметавон ёфт.

Дар моҷарои ҳазрати Иброҳим (а) вақте, ки фариштагон ба дидани эшон омаданд, масъалаи Аҳли Байт ва шумулияти ҳамсар дар он ба таври барҷаста намоён аст.

Фариштагон вақте, ки ба дидани Иброҳим (а) омаданд, ҳазрат дар хона, маҳали иқомати хеш, фарзанде надошт. Хонаводаи ӯ дар он ҷо аз худи ӯ ва Соро иборат буд. Фариштагон он гоҳ, ки қиссаи худро баён карданд, дар пай он афзуданд: "Эй Иброҳим! Туро башорат медиҳем ба фарзанд. Вақте занаш ин ҳарфҳоро шунид тааҷҷуб кард. Фариштагон гуфтанд:

﴿قَالُوٓاْ أَتَعۡجَبِينَ مِنۡ أَمۡرِ ٱللَّهِۖ رَحۡمَتُ ٱللَّهِ وَبَرَكَٰتُهُۥ عَلَيۡكُمۡ أَهۡلَ ٱلۡبَيۡتِۚ إِنَّهُۥ حَمِيدٞ مَّجِيدٞ ٧٣﴾

[1] : Сураи Ҳиҷр 58-60

«Оё аз амр ва ҳукми Худо таъаҷҷуб мекунӣ, бахшоиш ва баракоти ӯ бар шумо аҳли хона аст ва ба дурӯстие, ки ӯ сутуда ва бузургвор аст» [1]

Пас азин оят маълум мешавад, ки манзур аз Аҳли, зан ва ҳамсар аст, зеро дар хонаи Иброҳим (а) ғайр аз зан ва шавҳар каси дигаре набуд ва илова бар ин, мухотаби оят низ ҳамсари Паёмбар аст.

﴿قَالُوٓاْ أَتَعۡجَبِينَ مِنۡ أَمۡرِ ٱللَّهِۖ ٧٣﴾

"Оё аз амр ва ҳукми Худо таъаҷҷуб мекунӣ!, (أَتَعْجَبِينَ) яъне эй зан! ту таъаҷҷуб мекунӣ. Агар мақсуд Иброҳим мебуд, бояд мефармуд: (أَتَعْجَب), зеро пасоянди (ی) ва (ن) дар Арабӣ, барои зан аст.

Бо ин тафосил, дигар чаро олимони Шиъа занони Паёмбарро аз Аҳли Байт намедонанд?. Оё Қуръонро қабул надоранд?. Мусалламан қабул доранд, пас чаро ин ақидаи

[1]: Сураи Ҳуд 73

аҷиб ва ғариб ва мутазодро бовар доранд. Ин ояти маъруфро ҳатман шунидаанд:

﴿إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُذۡهِبَ عَنكُمُ ٱلرِّجۡسَ أَهۡلَ ٱلۡبَيۡتِ وَيُطَهِّرَكُمۡ تَطۡهِيرٗا ٣٣﴾

«Дар ҳақикат Худованд ирода дорад, то ҳатман аз шумо Аҳли Байт палидиро, дӯр кунад ва шуморо комилан пок кунад»[1].

Олимони Шиъа мегӯянд, ки ин оят марбут ба Алӣ (р.з) ва Фотим ва Ҳасану Ҳусайн (р.з) аст, дар ҳоле, ки ин оят мақсудаш занони Паёмбар аст, манзураш албатта духтарони Паёмбар (с) ва домодони эшон низ ҳастанд, аммо Паёмбар фақат як духтар надошт, ду духтари дигари эшон, яке пас аз дигаре ҳамсари ҳазрати Усмон (р.з) буданд. Инро гуфтем қабул дорем. Аммо ояти аввал мухотабаш ва манзураш занони Паёмбар (с) аст, зеро сиёқи оёт чӣ дар қабл ва чӣ дар баъд, башорати пок кардани Аҳли Байт, мутаваҷҷеҳ ва хитоб ба занони Паёмбар аст, на духтарони ӯ, таваҷҷуҳ кунед:

[1]: Сураи Аҳзоб 33

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ قُل لِّأَزۡوَٰجِكَ إِن كُنتُنَّ تُرِدۡنَ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا وَزِينَتَهَا
فَتَعَالَيۡنَ أُمَتِّعۡكُنَّ وَأُسَرِّحۡكُنَّ سَرَاحٗا جَمِيلٗا ٢٨ وَإِن كُنتُنَّ تُرِدۡنَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ
وَٱلدَّارَ ٱلۡأٓخِرَةَ فَإِنَّ ٱللَّهَ أَعَدَّ لِلۡمُحۡسِنَٰتِ مِنكُنَّ أَجۡرًا عَظِيمٗا ٢٩ يَٰنِسَآءَ ٱلنَّبِيِّ
مَن يَأۡتِ مِنكُنَّ بِفَٰحِشَةٖ مُّبَيِّنَةٖ يُضَٰعَفۡ لَهَا ٱلۡعَذَابُ ضِعۡفَيۡنِۚ وَكَانَ ذَٰلِكَ عَلَى
ٱللَّهِ يَسِيرٗا ٣٠ ۞وَمَن يَقۡنُتۡ مِنكُنَّ لِلَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتَعۡمَلۡ صَٰلِحٗا نُّؤۡتِهَآ أَجۡرَهَا
مَرَّتَيۡنِ وَأَعۡتَدۡنَا لَهَا رِزۡقٗا كَرِيمٗا ٣١ يَٰنِسَآءَ ٱلنَّبِيِّ لَسۡتُنَّ كَأَحَدٖ مِّنَ ٱلنِّسَآءِ إِنِ
ٱتَّقَيۡتُنَّۚ فَلَا تَخۡضَعۡنَ بِٱلۡقَوۡلِ فَيَطۡمَعَ ٱلَّذِي فِي قَلۡبِهِۦ مَرَضٞ وَقُلۡنَ قَوۡلٗا مَّعۡرُوفٗا ٣٢
وَقَرۡنَ فِي بُيُوتِكُنَّ وَلَا تَبَرَّجۡنَ تَبَرُّجَ ٱلۡجَٰهِلِيَّةِ ٱلۡأُولَىٰۖ وَأَقِمۡنَ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتِينَ
ٱلزَّكَوٰةَ وَأَطِعۡنَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓۚ إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُذۡهِبَ عَنكُمُ ٱلرِّجۡسَ أَهۡلَ
ٱلۡبَيۡتِ وَيُطَهِّرَكُمۡ تَطۡهِيرٗا ٣٣ وَٱذۡكُرۡنَ مَا يُتۡلَىٰ فِي بُيُوتِكُنَّ مِنۡ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ
وَٱلۡحِكۡمَةِۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ لَطِيفًا خَبِيرًا ٣٤﴾

«Эй Набӣ! Ба ҳамсаронат бигӯ: агар дӯнё ва зинаташро мехоҳед, биёед то бо ҳадяе, шуморо баҳраманд созам ва шуморо ба тарзи некуӣ раҳо созам! Ва агар шумо Худо ва Паёмбараш ва сарои охиратро мехоҳед, Худованд барои некукорон, подоши бузӯрге омода сохтааст. Эй ҳамсарони Паёмбар! Ҳар кадоми аз шумо, гуноҳи ошкор ва фоҳише муртакиб шавад азоби ӯ дучанд хоҳад буд ва ин барои Худо осон аст ва ҳар кас аз шумо барои Худо ва Паёмбараш, тавозӯъ ва амали солеҳ анҷом диҳад, подоши ӯро дучанд хохем сохт ва

рӯзии пурарзише барои ӯ омода кардаем. Эй ҳамсарони Паёмбар! шумо мисли дигар занони маъмулӣ нестед, агар тақво пеша кунед, пас ба гунаи ҳавасангез сухан нагӯед, ки бемордилон дар шумо тамаъ кунанд ва сухани ношоиста бигӯянд! ва дар хонаҳои худ бимонед ва ҳамчун даврони ҷоҳилияти нахустин (дар миёни мардум) зоҳир нашавед ва намозро барпо доред ва закотро бипардозед ва Худо ва Расулашро фармонбардорӣ кунед, Худованд фақат мехоҳад палидӣ ва гунохҳро аз шумо, Аҳли Байт дӯр кунад ва комилан шуморо пок созад. Он чӣ дар хонаҳои шумо аз оёти Худованд ва ҳикмату дониш хонда мешавад, ёд кунед, Худованд латиф ва хабир аст»[1].

Дар аввали ин оёт чунон чӣ дидед, Худо ба Паёмбар (с) мегӯяд: Ба занони худ бигӯ: Агар дӯнё ва зинаташро мехоҳед, биёед то шуморо талоқ бидиҳам ба роҳи неку, вале ҳама медонед, ки ҳеҷ кадоме аз занҳо хостори талоқ нашуданд. Яъне дӯнё ва зинаташро нахостанд. Ва боз чунон чӣ дидед, ояти қабл аз поксозии Аҳли Байт ва баъд аз он, марбут ба занон Паёмбар аст ва ман намедонам баъзеҳо бо чӣ равише, ин оятро ба Фотимаву Ҳасан ва Ҳусайн, марбут медонанд?

---

[1]" Сураи Аҳзоб 28-34

Бо ин далели сареҳ ва равшан бояд бипазирем, ки занони Паёмбарро Худаванд (ҷ) пок қарор дода аст, чунки ирода карда ҳатман пок кунад ва Худо ҳар чӣ ирода кунад, шуданист.

Мояи таъссуф аст, ки дӯстдорони Аҳли Байт ба Аҳли Байти Расули Худо, бад мегӯянд. Аҳли Байти Расули Худо илова бар он ки шарики зиндагии эшон буданд, тавассути Рабилоламин ба лақаби "Умулмӯминин" (модари мӯминон), низ муфтахир шуданд. Онҳо бо як диди дигар аз ҷумлаи Саҳобиёт ҳам буданд, пас чӣ гуна метавон Умулмӯмининро мунофиқ хонд, ё чӣ гуна мумкин аст, Умулмӯминин, (модари мӯминон) мунофиқ бошад?

Фикр кунед! Фарде худро дӯстдори шумо бидонад, аммо дар малаи ом, ба ҳамсаратон бад ва бераҳа бигӯяд, оё бовар мекунед, ки ӯ содиқ бошад. Ин айни корест, ки баъзеҳо дар ҳаққи Набии Акрам мекунанд, он ҳам баъд аз он ки Худованд ба покии онҳо, гувоҳии онҳоро дода, ин корро мекунанд.

## Достони тӯҳмат ба ҳазрати Ойша (р.з)

Ҳазрати Паёмбар (с) дар ҳар сафар яке аз ҳамсарони хешро ҳамроҳ мебурданд. Дар бозгашт аз сафаре, ҳазрати Ойша (р.з) ҳамроҳи эшон буданд ва дар яке аз истироҳатгоҳҳои масири роҳ, ҳазрати Ойша аз каҷова (утоқе ки бар рӯйи шутур қарор медоданд), хориҷ шуданд ва барои қазои хоҷат аз корвон дур рафтанд. Ноқуси ҳаракат дар ин байн ба садо даромад ва шутурбон каҷоваро бар болои шутур қарор дод, ғофил аз ин, ки Ойша дар миёни он нест ва сорбон корвонро ба ҳаракат даровард. Ойша (р.з) вақте баргашт, дид ки корвон рафтааст, чун яқин дошт ба дунболаш хоҳанд омад, дар ҷой худ нишаст.

Қонун ин буд, ки ҳамеша пушти сари корвон ва бо фосила, фарде ҳаракат мекард, то чӣзҳои боқимондаро, ҷамоварӣ кунад. Дар он сафар ин вазифа ба ҳазрати Сафвон вогузор шуда буд. Ӯ вақте, ки ба пеши Ойша (р.з) расид гуфт: (Субҳоналлоҳ, зани Расули Худо) ва дигар бидуни он ки калимае бигӯяд, шутурро хобонд, то Ойша (р.з) бишинад ва даҳонаи шутурро гирифт ва ҳаракат кард, то ба Мадина расид. Аммо ин иттифоқи содда, сюжети хубе барои

мунофиқон буд, ки бигӯянд: Бале зан ҷавон аст ва марди ҷавон ва аз ин гӯна суханҳо, ки қалам ҷасорати навиштани онро надорад. Аммо ҳарфҳо паҳн шуд, то он ки оёти бароъат ва покии Ойша (р.з) дар сураи Нӯр нозил шуд ва дар қисмате аз оёт омад:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ ٱلْفَٰحِشَةُ فِى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ فِى ٱلدُّنْيَا وَٱلْءَاخِرَةِ ۚ ١٩﴾

«Касоне, ки дӯст доранд зиштиҳо дар миёни мардуми бо имон паҳн шавад, азоби дардноке барои онҳо, дар дӯнё ва охират аст ва Худованд медонад ва шӯмо намедонед»[1].

Дар ҳамин робита Худованд мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ يُؤْذُونَ ٱلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ بِغَيْرِ مَا ٱكْتَسَبُواْ فَقَدِ ٱحْتَمَلُواْ بُهْتَٰنًا وَإِثْمًا مُّبِينًا ٥٨﴾

«Ва онон, ки мардон ва занони бо имонро ба хотири коре, ки анҷом надодаанд,

[1] : Сураи Нӯр 19

озор медиҳанд, бори бухтон ва гуноҳи ошкореро ба дӯш кашидаанд»[1].

Ба ҳар ҳол, мо ин оётро наовардем, ки ҳазрати Ойшаро аз байни занон, мубарро кунем. Хушбахтона дар ин маврид касе бо мо ихтилоф надорад. Мо оятро шоҳид овардем, то матлаби дигаре аз он гувоҳ биёварем. Нахуст инро бигӯям, ки Шиъа низ дар ин ки оёти боло дар ҳаққи Ойша (р.з) аст, бо мо муттафиқ аст, пас таваҷҷуҳ кунед, Худованд чӣ мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ يُؤۡذُونَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ ۝٥٨﴾

«Касоне, ки (бо туҳмат) занон ва мардони мӯминро озор медиҳанд»[2]. Манзӯр аз мӯминот дар ин ҷо ҳазрати Ойша ва аз мӯминин ҳазрати Сафвон аст, пас Худо, ки онҳоро аз зумраи мӯминин ва мӯминот меномад, оё бароямон ҳаққе боқӣ мемонад, ки эшонро кофир ё мунофиқ бидонем.

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ يَرۡمُونَ ٱلۡمُحۡصَنَٰتِ ٱلۡغَٰفِلَٰتِ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ لُعِنُواْ فِي ٱلدُّنۡيَا
وَٱلۡأٓخِرَةِ وَلَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ ۝٢٣﴾

---

[1] : Сураи Аҳзоб 58
[2] : Сураи Аҳзоб 58

«Касоне, ки занони покдоман ва бехабар (аз ҳар гуна олӯдагӣ) ва мӯминро муттаҳам месозанд, дар дӯнё ва охират аз раҳмати Илоҳӣ дӯранд ва азоби бузӯрге барои онҳост»[1].

Манзур аз муҳсанот, мӯминот ва ғофилот, ҳазрати Ойша (р.з) аст, пас мо чӣ гуна баъд аз он ки Худо (ҷ), ба Ойша лақабҳои азим медиҳад, ҳатто агар яке аз он дар ҳаққи ҳар зани дигаре нозил мешуд, барои ифтихораш кофӣ буд, чӣ гуна баъд аз ҳамаи инҳо ба Ойша бад мегӯем? ва ӯро мунофиқа ва муғриз мешиносем?

Бозгуйи ин моҷаро дар Қуръон, бо ояте поён меёбад, ки агар мусалмонон бо диққат ба он таваҷҷӯҳ кунанд, дигар аз миёни онҳо касе пайдо нахоҳад шуд, ки дар ҳаққи ҳазрати Ойша (р.з) забондарозӣ кунанд, магар он ки ба ном мусалмон ва дар дил мунофиқ бошад, магар он ки ба Қуръон имон надошта бошад, оят мефармояд:

﴿ٱلۡخَبِيثَٰتُ لِلۡخَبِيثِينَ وَٱلۡخَبِيثُونَ لِلۡخَبِيثَٰتِۖ وَٱلطَّيِّبَٰتُ لِلطَّيِّبِينَ وَٱلطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَٰتِۚ أُوْلَٰٓئِكَ مُبَرَّءُونَ مِمَّا يَقُولُونَۖ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَرِزۡقٞ كَرِيمٞ ٢٦﴾

[1]: Сураи Нӯр 23

«Занони нопок, азони мардони нопаканд ва мардони нопок, низ ба занони нопок таъаллуқ доранд, ва занони пок азони мардони пок ва мардони пок азони занони поканд! Инҳо аз нисбатҳои норавое, ки (нопокон) ба онон медиҳанд, мубарро ҳастанд, ва барои онон омурзиш, (Илоҳӣ) ва рӯзии пурарзише аст»[1].

Ин оят яъне чӣ? Яъне агар Ойша (р.з) хабис буд, бояд насиби хабис мешуд ва агар тайиба ва пок буд, бояд ҳаққи тайиб ва пок мешуд ва ин оят дар бораи Ойша (р.з) аст, зеро аз бароъати ӯ аз тӯҳмат суҳбат мекунад.

Хуб одамҳои ҳисобӣ! Ойша (р.з) насиби ки буд, аз лаҳзаи булӯғ насиби Паёмбар (с) шуд ва Паёмбар (с) дар ҳоле аз ҷаҳони фонӣ реҳлат намуд, ки сарашон  дар бағали Ойша (р.з) буд ва пас аз вафоти Расули Худо (с), ҳазрати Ойша (р.з) то охири умр, шавҳар ҳам накард ва дар ҳамон утоқе, ки даҳ сол бо Паёгамбар (с) сипарӣ карда буд, боқии умро низ дар он ба сар бурд, ва Паёмбар (с) дар ҳаққи ӯ фармудааст, ки: "Ӯ зани ман дар биҳишт аст".

[1] : Сураи Нӯр 26

Ва ин равшантар аз офтоб аст, ки баъд аз Хадиҷа (р.з), Ойша (р.з) беш аз занони дигар азиз ва мавриди таваҷҷуҳи Паёмбар (с) будааст. Рӯзе, ки ифтиро задан ба Ойша вирди забон шуд, ҳазрати Умар (р.з) ба ҳазрати Муҳаммад (с) арз кард: Эй Расули Худо (с)! Ёд дорӣ, ки боре дар намоз либосат олудагӣ дошт ва Ҷибрил (а) ба ту хабар дод, хуб Худое, ки розӣ нашуд олудагиро дар либосат бубинад, чӣ тавр имкон дорад, ки ҳамсарат, шарики зиндагиятро, олӯда бубинад ва хабар надиҳад. Ҳазрати Умар (р.з) дар поёни ин ҷумла фарёд зад: (هذا بهتان عظيم), яъне: "Ин ифтирои хело бузӯрг аст", ва Худованд (ҷ) оятро нозил кард ва ҳарфи Умарро таъйид фармуда ва айнан такрор кард. Дар оят омадаст, ки (هذا بهتان عظيم) сураи Нӯр, ояти 16.

Куҷост Умар, то имрӯз бубинад, ки бархе аз муслимин ба ҳазрати Ойша (р.з) тухмати бузӯргтар аз зиноро нисбат медиҳанд, ба Умулмӯминин иттиҳоми куфр ва нифоқ ва иртидодро меоваранд? Куҷост Умар (р.з) то наъра бизанад: (سبحانك هذا بهتان عظيم)

Ҳоло, ки ӯ нест, биёед эй мусалмонон! яксадо барои ҳифзи номуси Паёмбар бигӯем? (سبحانك هذا بهتان مبين), (Пок ҳастӣ эй Худованд! ин бухтони басо бузӯргест).

Баъзе аз донишмандони Шиъа, ки илми хешро дар роҳи рушди мардум ба кор намегиранд, мисоли аҷибе меоранд ва мегӯянд: (Ин чизи нав нест, ки зани Паёмбаре фосид бошад, пеш аз ин зани ҳазрати Лӯт ва зани ҳазрати Нӯҳ (а) нобакор буданд).

Онҳо дар ин далелтарошӣ, ба ҳамон шеваи аҷиб, яъне қиёси худ мутавасил мешаванд. Дар ҷавоб бояд гуфт: Ин ку ҳарф нашуд! Агар зани ҳазрати Лӯт ва хазрати Нӯҳ фосид буданд, чӣ рабте ба зани Паёмбар дорад. Бо ин истидлол, чаро зани ҳазрати Алӣ (р.з) набошад (астағфируллоҳ). Мо ҳоло гуфтем, ки Худо олудагиро бар домони Паёмбари хеш таҳаммул намекунад ва бо ҳамин далел аст, ки зани Нӯҳ (а)-ро ғарк кард ва бар сари зани Лӯт (а) борони оташ борид, аммо бо зани Муҳаммад (с), чӣ кард? Муҳаммад (с) то лаҳзаи марг дар утоқи Ойша (р.з) дар канори Ӯ буд.

Худо дар бораи зани Паёмбари мо ҷӯз хубӣ нафармудааст. Охир инҳо чӣ ваҷҳи ташобуҳе байни ҳазрати Ойша ва занони ҳазрати Нӯҳ ва Лӯт (а) ёфтанд, ҳатто бубинед баъдҳо вақте, ки байни Алӣ ва Ойша (р.з), ихтилоф бурӯз кард ва Алӣ (р.з) пирӯз шуд, бар сари зани Паёмбар (с) борони оташ наборонд ва ё ӯро ғарк накард, балки бо эҳтироми том, ӯро ба хонаи Паёмбар (с) бар гардонд. Пас ин як қонуни куллӣ аст, ки хабис бо тайиб якҷо наметавонад бошанд, чунон чӣ байни Лӯт ва Нӯҳ занаш ва байни Осия ва Фиръавн, ҷӯдоӣ афтод ва агар то охири умр якҷо буданд, ин маъноро дорад, ки ҳар ду поканд ва ё ҳарду нопок. Назари уламои Шиъа чӣ бошад?.

## Духтарони Паёмбар (с)

Қуръон мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ قُل لِّأَزۡوَٰجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَآءِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ۝٥٩﴾

«Эй Паёмбар (с) бигӯ ба занонат ва духтаронат ва занони мӯминон»[1]. Азин оят маълӯм мешавад, ки ҳазрати Муҳаммад (с) як духтар надошта, балки банот (духтарҳо) доштааст. Аҷиб, пас он се тойи дигар кадом ҳастанд!!? Яке аз ин духтарон, зани ҳазрати Усмон (р.з) ва дуввум зани Абӯлъос бин Рабиъ шуданд ва яке ҳам ҳамон тавр, ки медонем, зани ҳазрати Алӣ (р.з), буд ва яке ҳам ба хонаи бахт нарафта буд, вақте ки зани ҳазрати Усмон (р.з) вафот кард, ҳазрати Муҳаммад (с) ин духтари дигари худро низ ба ӯ дод. Ба ҳамин далел ҳазрати Усмон (р.з) ба "зинӯрайн" маъруф аст.

Хуб агар Паёмбар (с) медонист, оё имкон дошт як духтарашро ба ӯ бидиҳад? Ва тоза баъд аз мурдани аввал, дуввумро бидиҳад? Агар бигӯянд, ки намедонист ва Усмон (р.з)-ро намешинохт, пас мегӯем: Паёмбар (с), ки бо

---

[1] : Сураи Аҳзоб 59

ваҳӣ дар тамос буд, чӣ гуна натавонист нифоқи Усмонро ташхис диҳад дар ҳоле, ки Худованд мунофиқонро ба ӯ шиносонида буд. Дигар Паёмбар (с) бо ин ҳама улум, чӣ гуна натавонист ташхис диҳад, ки домодаш мунофиқ буда, ва агар бигӯянд: медонист мунофиқ аст ва бо ин ҳол духтари дувумашро ба ӯ дод, бояд тавзеҳ бидиҳанд, чаро?

Олимони Шиъа, на ҷавоби аввалро медиҳанд, на ҷавоби суоли дувумро, балки роҳи савумиро баргузиданд, яъне роҳи сукутро интихоб карданд. Камтар касе аз муддаъиёни муҳаббати Оли Байт дар байни ташаюъ аст, ки ҳатто номи хоҳарони Фотима (р.з)-ро бидонад. Шумо бародари Шиъа, ки ҳоло ин сатрҳоро мехонед, оё хоҳарони Фотимаро намедонед? Аксаратон номи хоҳари Фотимаро намедонед, чӣ расад ба он ки аз саргузашти онҳо бо хабар бошед.

Оё пинҳон кардани ҳақикат роҳи чора аст? Агар Фотима ҷӯзъи Аҳли Байт аст, хоҳаронаш ҳам, ки зани Усмон (р.з) буданд, низ ҳастанд. Агар имтиёзи Алӣ (р.з) инаст, ки шавҳари духтари Паёмбар (с) буд, пас Усмон

(р.з) ду имтиёз дошт ва ду духтари Расули Худо(с)ро ба занӣ гирифта буд.

Албатта ногуфта нагузарем, ки ҳазрати Фотима (р.з) бар асоси баъзе аҳодис, афзалтар аз духтарони дигар будаанд, ва ҳамин тавр дар бораи духтарони ҳазрати Алӣ (р.з), шумо номи Зайнаб, хоҳари Ҳусайнро зиёд шунидаед, аммо Умми Кулсум, яъне хоҳари дигари Ҳусайнро, камтар шунидаед, чаро? Зеро, ки зани ҳазрати Умар (р.з) буданд. Оё Умми Кулсум аз Аҳли Байт нест? Оят мефармояд: "Хабисот барои хабисун ва тайибот барои тайибот". Агар духтарони Паёмбар (с) ва Алӣ (р.з) пок ва неку буданд, бар асоси ояти шарифа, шавҳари эшон, яъне Умар ва Усмон низ пок буданд. Агар мегӯед: духтрони Паёмбар ва Алӣ (р.з), ки зани Умар ва Усмон шуданд, тайиба набуданд, пас иддаъои дӯстии Аҳли Байти Муҳаммад ва Алӣ (р.з)-ро накунед, чун на занонашро пок медонед, на духтаронашро.

## Зиндагии ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р.з)

Чун ҳазрати Абӯбакр (р.з) аввалин муттаҳам дар кудато алайҳи ҳазрати Алӣ (р.з) аст, ночорем шахсияти он ҳазратро каме бештар мавриди баррасӣ қарор диҳем ва ба собиқаи зиндагии ӯ бингарем, шояд бо ёфтани хусн ё сӯйи собиқа, ҷавоби қонеъкунанда ба фоида ва ё бар зидди ин иддаъо, биёбем.

Яке аз муҳимтарин далоиле, ки боис шуда, то Расули Худо, ҳазрати Муҳаммад (с)-ро, хеле дӯст бидорем инаст, ки эшон дар ибтидо якка ва танҳо дар муҳити хашини Макка барои нашри Ислом ва ҳидояти мардум, мутаҳаммили заҳамоти фаровон ва тоқатфарсое шуданд. Аввал ҳазрати Хадиҷа (р.з) ба эшон имон овард ва сипас ҳазрати Абӯбакр (р.з).

Албатта аҳли ташаюъ мегӯянд, дуввум ҳазрати Алӣ (р.з) буд ва суввум ва ё чаҳорӯм, шояд панҷӯм, ҳам Абӯбакр (р.з) буд, қабул аст зиёд фарқ надорад, аммо ин нуқта ногуфта намонад, ки ҳазрати Алӣ (р.з), дар хонаи Паёмбар (с) бузӯрг шуда буд ва 8 сол дошт, аммо Абӯбакр (р.з) дӯст ва ҳамсинни эшон буданд.

Имони Абӯбакр (р.з) хеле зиёд буд, ва он чиро, ки Паёмбар (с) мефармуд, бо ҷону дил мепазируфт. Як рӯз, Расули Худо (с) эълон кард, ки як шаб ба Байтулмукаддас рафта ва аз он ҷо ба осмони ҳафтум ва пас дар ҳамин шаб баргаштааст. Абӯҷаҳл бо тамасхур ин хабарро барои Абӯбакр (р.з) расонд. Ӯ гуфт: Оё Муҳаммад (с) инро гуфт? Абӯҷаҳл хандакунон гуфт: бале, иддиъои ӯст. Абӯбакр (р.з) ҷавоб дод: "пас рост мегӯяд". Ин гуна аъмол боъис шуд, ки ӯ ба лақаби "сиддиқ" сарфароз гардад. Аз ҷумлаи корҳои он ҳазрат, ки нишондиҳандаи хулусу муҳаббат ва иродати вай нисбат ба охирин фиристодаи Худост, тазвиҷи духтари 9 солаи хеш ба ҳазрати Муҳаммад (с), ки он замон 50 сола буд, аст. Ӯ духтари худро вақте ба ҳазрати Муҳаммад (с) ба занӣ дод, ки он ҳазрат дар ниҳояти заъф буданд ва хатар аз ҳар тараф эшонро таҳдид мекард ва дар остонаи фирор аз шаҳр ва диёри худ буданд.

Ҳазрати Абӯбакр (р.з), дар тамоми сахтиҳо, шарик ва ёри Паёмбар буданд ва онгоҳ, ки фармони ҳиҷрат омад, ҳама мусалмонон аз Макка рафтанд, танҳо ҳазрати Муҳаммаду (с) Абӯбакр ва Алӣ (р.з) боқӣ монданд ва қарор

барин шуд, ки Алӣ (р.з), ки хонаводаи обруманде дошт, дар Макка бимонд ва хатари хобидан дар ҷойи Расули Худоро бо ҷон бихарад ва Абӯбакр (р.з) ҳамроҳи он ҳазрат, ҳиҷрат кунад ва хатари таъқиби душманонро пазиро шавад.

Дар инҷо дунболаи саргузашти Абӯбакр (р.з)-ро раҳо мекунам, то ин нуқтаро бигӯям, ки агар мо аз фазоили Алӣ (р.з), дар ин китоб чӣзе нанавиштем ё андаке навиштем, на ба он маъност, ки эътироф ба қаҳрамонии Алӣ (р.з) надорем, балки фақат бо он далел аст, ки хушбахтона дар мавриди ин Саҳобии ҷалилулқадр бо ташаюъ мувофиқем ва он чӣ, ки онҳо бидуни ғулӯ мегӯянд, аз ақоиди мусалламаи мо низ ҳаст.

Боре Абӯбакр (р.з), бо Паёмбар ҳамроҳ шуд. Куффор ба таъқиби онон пардохтанд. Ҳазрати Паёмбар ва ёри ҳамроҳаш дар ғори Савр ҷой гирифтанд, аммо куффор бо мадади раҳбаладон то дари ғор низ расиданд, дар ин асно Абӯбакр (р.з) аз хатаре, ки Паёмбар (с)-ро таҳдид мекард ва қадам ба қадам ба он ду наздик мешуд, ҳазин ва ғамгин шуд. Паёмбар (с)

ба ӯ фармуд: "Ғам махӯр, ки Худо бо мост". Оёти Қуръон аз воқеъоти боло, чунин ёд мекунад:

﴿إِلَّا تَنصُرُوهُ فَقَدْ نَصَرَهُ ٱللَّهُ إِذْ أَخْرَجَهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ثَانِىَ ٱثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِى ٱلْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحْزَنْ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا ۖ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُۥ بِجُنُودٍ لَّمْ تَرَوْهَا وَجَعَلَ كَلِمَةَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ ٱلسُّفْلَىٰ ۗ وَكَلِمَةُ ٱللَّهِ هِىَ ٱلْعُلْيَا ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ۝٤٠﴾

«Агар шумо ӯро ёрӣ накунед он гоҳ, ки кофирон берунаш карданд, Худо ӯро ёрӣ кард. Яке аз он ду ба ҳангоме, ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Худо бо мост!» Худо ба дилаш оромиш бахшид ва бо лашкарҳое, ки шумо онро намедидед, қувваташ дод. Ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст!!»[1]

Аз ҷумлаи "**Худо бо мост**" маълум мешавад, ки манзури Паёмбар дар ин оят инаст, ки "Эй Абӯбакр! Худо бо ману тӯст" ва медонем Худо бо ҳама аст, бо кофиру мусалмон, муроқиби ҳама аст, аммо Паёмбар (с) дар ин ҷо қасди дигаре дорад, манзураш инаст, ки (эй

---

[1] : Сураи Тавба 40

Абӯбакр (р.з)! нороҳат набош, чун Худо бо ману туст, яъне Аллоҳ (ҷ) бо раҳматаш бо ману туст. Агар ба ҷойи Абӯбакр (р.з), ҳазрати Алӣ (р.з) ҳамроҳи Паёмбар мебӯд, ҳатман ҳоло бачаҳои кучаки Шиъа ин оятро ҳифз мегарданд ва калимаи: (الله معنا), вирд ва шиъори мазҳаби Шиъа мешуд, аммо аз назари онҳо, бадбахтӣ дар инҷост, ки оят дар ҳаққи Абӯбакр аст, пас бояд ба тариқаи дигаре тафсир шавад. Уламои Шиъа омаданд ва гуфтанд: Абӯбакр ноқисулимон буд, зеро тарсид. Ва бо макру ҳилаи хос, калимаи "ҳӯзн"-ро дар форсӣ, ба "тарс" тарҷума карданд дар ҳоле, ки маънои дурӯсти он дар забони форсӣ, ҳӯзн ва ғам ва андӯҳ аст ва ҳақ ҳам буд, ки Абӯбакр аз шикасти Ислом ва пирӯзии куфр ва шаҳодати Паёмбар ва худаш, ҳазин ва андӯҳгин шавад. Агар ин айбе бошад, мутаваҷҷеҳи Паёмбар (с) ҳам ҳаст, зеро эшон ҳам гоҳе ҳазин мешуданд, Худованд хитоб ба ӯ мефармояд:

﴿قَدۡ نَعۡلَمُ إِنَّهُۥ لَيَحۡزُنُكَ ٱلَّذِي يَقُولُونَ ٣٣﴾

«Дар ҳақиқат медонем, ки гуфтори онҳо тӯро ғамгин мекунад»[1].

Аммо барои касоне, ки "ҳӯзн"ро ба "тарс" тарҷума мекунанд, лозим аст гуфта шавад ки аввалан, аз Худо батарсед ва тарҷумаи дақиқ бинамоед ва тарҷумаро таҳриф накунед. Сониян ҳатто тарс ҳам, дар чунин лаҳазот гуноҳ нест, фариштагони Худо ба ҳазрати Лӯт (а) мегӯянд:

﴿وَلَمَّآ أَن جَآءَتۡ رُسُلُنَا لُوطٗا سِيٓءَ بِهِمۡ وَضَاقَ بِهِمۡ ذَرۡعٗاۖ وَقَالُواْ لَا تَخَفۡ وَلَا تَحۡزَنۡ إِنَّا مُنَجُّوكَ ٣٣﴾

«Ва ҳангоме, ки фариштагони мо пеши Лӯт омаданд, аз дидани онҳо бадҳол ва дилтанг шуд, (фариштагон) гуфтанд: натарс ва ғамгин мабош, мо туро наҷот хоҳем дод»[2].

Бо Қуръон ҷавобашонро додем, шояд гардан ба ҳақ фурӯд оранд. Абӯбакр дар Мадина низ хадамоти дурахшоне анҷом дод ва дар ҳамаи ҷангҳо, ҳамроҳи Паёмбари Худо буд.

---

1 : Сураи Анъом 33

2 : Сураи Анкабӯт 33

Аввал имон овард ва баъд ҳиҷрат кард, сипас ҷиҳод намуд ва ба ҳақ шомили ин оёт аст:

﴿ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهَاجَرُواْ وَجَٰهَدُواْ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ
أَعۡظَمُ دَرَجَةً عِندَ ٱللَّهِۚ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ٢٠ يُبَشِّرُهُمۡ رَبُّهُم بِرَحۡمَةٖ مِّنۡهُ
وَرِضۡوَٰنٖ وَجَنَّٰتٖ لَّهُمۡ فِيهَا نَعِيمٞ مُّقِيمٌ ٢١﴾

«Касоне, ки имон оварданд ва ҳиҷрат карданд ва бо амвол ва ҷонҳои хеш дар роҳи Худо, ҷиҳод намуданд, мақомашон назди Худо бартар аст ва онҳо пирӯз ва растагоранд! Парвардигорашон онҳоро ба раҳмате аз ноҳияи худ ва ризояти хеш ва боғҳое аз биҳишт, башорат медиҳад, ки дар он неъматҳо ҷовидонанд, ҳамвора ва то абад дар ин боғҳо (ва дар миёни ин неъматҳо) хоҳанд буд, зеро подоши бузӯрг назди Худованд аст»[1].

Абӯбакр (р.з) илова бар ин, инфоқ низ менамуд. Вақте, ки яке аз хонаводаи фақираш, ки ҳамеша мавриди лутфи ӯ буд ва аз ӯ кӯмаки молӣ дарёфт мекард, алайҳи Ойша (р.з) дар моҷарои ғавғои мунофиқон, шоеъапароканӣ

---

[1] : Сураи Тавба 20-21

кард. Абӯбакр (р.з) қасам хурд, ки дигар ӯро кӯмак намекунад, ин оёт нозил шуд:

﴿وَلَا يَأۡتَلِ أُوْلُواْ ٱلۡفَضۡلِ مِنكُمۡ وَٱلسَّعَةِ أَن يُؤۡتُوٓاْ أُوْلِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينَ وَٱلۡمُهَٰجِرِينَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِۖ وَلۡيَعۡفُواْ وَلۡيَصۡفَحُوٓاْۗ أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ٢٢﴾

«Ва онҳое, ки аз шумо дороии бартаре ва вусъати зиндагӣ ҳастанд, набояд савганд хуранд, ки аз инфоқ ба наздикон ва мустамандон ва муҳоҷирони роҳи Худо дареғ намоянд, онҳо бояд афв кунанд ва чашм бипушанд, оё дӯст намедоред, Худованд шуморо бибахшад!? Ва Худованд бахшандаи меҳрубон аст»[1].

Абӯбакр (р.з) вақте ин оятро шунид: (ألاتحبون أن يغفرالله لكم), "Оё дӯст намедоред, ки Худо шуморо бибахшад?" гуфт: "Чаро на! дӯст дорам, ки Худо маро биёмурзад", пас ба кӯмаки худ идома дод, то шомили раҳмати Худо шавад.

Ӯ дар ҷангҳо аз ҷони худ мегӯзашт. Фарзанди кофираш, ки баъдан мусалмон шуд, дар ҷанге дар саффи куффор буд, ба падараш гуфт: падарҷон! дар яке аз ҳолоти ҷанг, дар

[1] : Сураи Нӯр 22

пушти ту қарор гирифтам, аммо меҳри падарӣ ва фарзандӣ монеъ аз ҳамла ба ту шуд. Абӯбакр (р.з) гуфт: Ба Худо, агар ман дар чунин мавқеъе мебудам, ба ту раҳм намекардам.

Ӯ аз моли худ низ дар роҳи пешрафти Ислом гузашт. Дар рӯзҳое, ки Паёмбар (с) бемор буданд, беморие, ки мунҷар ба реҳлати Ҳазрат шуд, ин Абӯбакр (р.з) буд, ки бо амри Расули Худо, пешнамози мардум шуд. Пас аз вафоти он Ҳазрат, низ сокинони киштии туфонзадаи Ислом, дар дастҳои пуртавон ва пуртадбири Абӯбакр (р.з) қарор гирифт, ва бо он ки Хилофати эшон кутоҳ буд, аммо бо ин вуҷуд корномаи дурахшоне аз эшон боқӣ монд. Муддаъиёни нубуват ва муртадонро аз байн бурд ва ба марзҳои Ирон ва Рӯм лашкар кашид ва таъми шикастро ба абарқудратӯои замони худ, чашонд ва чун дар ҷанг бо паёмбарони дуруғин, хеле аз хофизон ва қориёни Қуръон шаҳид шуданд, Абӯбакр (р.з) эҳсоси хатар кард ва дастӯри ҷамъоварии Қуръоро содир кард ва ин низ аз ҷумлаи корҳои бузӯрги он Ҳазрат аст. Худованд барояш дараҷаи баланд ато кунад, Омин.

## Бидуни эътиқод ба Саҳоба имон комил намешавад

Ин унвон шояд шуморо ба таъаҷҷуб во дорад, вале ин як ҳақикат аст, ки агар Саҳоба (р.з)-ро аз Ислом ҳазф кунем, асли дин мавриди пурсиш қарор мегирад. Ҳар касе бояд бидонад, ки дини Ислом аз ду пояи асоси ташаккул ёфтааст, аввал Қуръон, дуввум Суннат.

Қуръон тавассути Саҳоба ҷамъоварӣ шуд. Агар мо дар садоқати Саҳоба шак кунем, чӣ гуна метавонем ба матни Қуръон имон ва яқин дошта бошем? Суннат низ, тавассути Саҳоба ба мо расидааст. Агар Саҳобаро мардуми ҳавасбоз ва нодурӯст бидонем, чӣ гуна суханонеро, ки аз Паёмбар (с) нақл кардаанд аз онон бипазирем ва бовар кунем? Шиъа ҷавоби ин ишколро пайдо кардааст. Онҳо як канали 12 наслӣ аз Паёмбар (с) дурӯст карда ва онро ба умматҳои баъдӣ, пайваст намудааст. Ин канали иртиботӣ, аз Алӣ (р.з) шурӯъ мешавад ва ба Маҳдӣ хатм мегардад. Аммо аз лиҳози ақлӣ ва илмӣ, канали хабаррасонии онҳо, ноқис аст.

Аввалан: Чун нафари чаҳорум дар ин канал, вақте ки падараш шаҳид шуд, ҳанӯз ба

синни булӯғ нарасида буд ва аммо даҳум вақте, ки падараш реҳлат кард, писарбачаи ҳаштсола буд, аммо дувоздаҳум вақте, ки ӯҳдадори амри Уммат шуд, фақат панҷ сол дошт. Ҳоло суол инҷост, ки ин ҳама аҳодис чӣ гуна дар ҳифз ва ёди кудакони 5 ва 8 сола, боқӣ мондааст?

Дуввум: Фарзан агар ин канаали 12 наслиро қабул кунем, ин ишкол боқӣ мемонад, ки Алӣ (р.з), ки сарчашмаи ин канал аст, чун ҳамеша бо Паёмбар набуд, наметавонист, ҳамаи суханони Паёмбар ва ҳама аъмоли эшон, ки (маҷмуъан "суннат"-ро ташкил медиҳанд), шоҳид буда бошад ва ба насли баъдӣ мунтақил кунад. Ба таври мисол шакке нест, ки пас аз намози хуфтан дигар Алӣ (р.з) ба хонаи худ мерафт ва Паёмбар (с) ба хонаи худ ва намози шабу умури хонавода ва ғайраро Алӣ (р.з), шоҳид набуд, пас ин каналро агар қабул кунем наметавонем бигӯем, ки комил аст. Суннат вақте комил мешавад, ки ҳамаи ҳамроҳону ҳамсуҳбатон ва Асҳоби Паёмбар (с), он чӣ аз ӯ дидаанд, нақл кунанд ва вақте мо ҳама Асҳобро қабул накунем, яъне ҳама суннатро қабул надорем.

Олимони Шиъа ҷавоби ин ишколро ба ин сурат медиҳанд. Онҳо муддаъи ҳастанд, ки имомон мавҷудоти мофавқалбашар буданд ва илми ладдунӣ доштанд ва онҳо барои ёдгирии улум ба асбоб ва васоил ниёз надоштанд ва син дар дараҷаи сиҳати аҳодисе, ки аз онҳо дорем, ҳеҷ гуна таъсире надорад. Ин гуна эътиқоди онҳо, Аҳодис ва Қуръон аст ва бадиҳист, ки бар пояҳои илмӣ ва ақлӣ устувор нест, пас ҳар чиро, ки муфтариён хостаанд, ба Паёмбар ва Имомон нисбат додаанд ва чорае ғайр аз фикр кардан ва амал кардан ба ин наҳв низ надоранд, зеро онҳо Саҳобаро бадном намуданд ва худ роҳи хешро ба Паёмбар масдуд карданд, лиҳозо ночоранд, каналҳои хаёлӣ дурӯст кунанд, то иртиботашон бо Паёмбарро ба наҳве, собит созанд.

Аммо мо қадрдонони Саҳоба мегӯем, ки ҳазрати Муҳаммад (с), аҳвол ва ҳаракот ва аҳодисашон тавассути мардон ва занони Саҳоба ба таври дақиқ ба мо расидааст, ба таври мисол:

Ҳазрати Муҳаммад (с), вақте ки бо Ойша (р.з) издивоҷ кард, Ойша тоза ба синни булӯғ расида буд ва сипас беҳтарин солҳои ҷавонии худро дар хонаи ҳазрати Муҳаммад (с) сипарӣ кард ва шабу рӯз бо он Ҳазрат буд ва хотироти

фаровоне аз он Ҳазрат дар ёди ӯ мондааст. Худованд (ҷ) ба он Ҳазрат фарзанде низ надод, то тамоми таваҷҷуҳаш ба Паёмбар бошад ва боз ба ин далел пас аз реҳлати Расули Худо низ, иҷозаи шавҳар кардан ба ӯ надод, ва шояд барои он ки аҳодиси Паёмбар паҳн шавад. Ба ҳазрати Ойша (р.з) умри тулони дод ба тавре, ки беш аз ним қарн пас аз вафоти Расули Худо (с) низ дар қайди ҳаёт буд ва мардум меомаданд ва хотироти вай аз он Ҳазратро ба сурати Аҳодис мешуниданд ва фаромӯш накунем, ки занони Паёмбар аз зинати дӯнё ҳам манъ шуда буданд ва ҳам худ баъдҳо аз он руйгардон буданд, то ҳама таваҷҷуҳашон равонаи амри бузӯрг, паҳн кардани Суннат бошад.

Ҳамин тавр, боқии Саҳоба ҳар кодом дар навбати худ чун ойинае, қисмате аз завоёи зиндагии Паёмбарро мунъакис карда ва ба наслҳои баъдӣ мунтақил намуданд ва инаст, ки имрӯз мо ҳатто хабар дорем он Ҳазрат ҳангоми вуруд ба масҷид, кадом пойро аввал мегӯзоштанд ва кадомро дуввум? ва далели мо ҳам возеҳ аст. Имрӯз аксари масоили марбут ба занонро тавассути ҳазрати Ойша (р.з) аз Паёмбар (с) фаҳмидаем. Аммо олимони Шиъа чӣ метавонанд бигӯянд. Онҳо танҳо ҳазрати

Фотимаро қабул доранд. Фотима (р.з) вақте худро шинохт, ба хонаи Алӣ (р.з) рафт ва камтар Расули Худоро медид. Аммо Ойша (р.з) шабу рӯз бо ӯ буд. Ҳазрати Фотима пас аз реҳлати Расули Худо фақат 6 моҳ зинда буд, он ҳам ба гуфтаи уламои Шиъа, дар ин 6 моҳ кораш гирифтани дасти Ҳасан ва Ҳусайн ва рафтан ба гушае буд, барои гиря кардан ё гирифтани ҳаққи худаш аз Абӯбакр, на омухтан ва омузиши занони дигар. Аммо ҳазрати Ойша ним қарн баъд аз резлати Паёмбар (с), зинда буд ва мардум меомаданд ва аз ӯ умури динро мепурсиданд.

Пас, бар асоси илму мантиқ ва ақл, инкори Саҳоба, инъикосдиҳандагони аъмоли Муҳаммадӣ, инкори нубуват ва инкори Қуръон аст ва боварҳои хаёлӣ ва ақоиди хурофотӣ, низ наметавонад аз таъсири зарбае, ки бар асари инкори Саҳоба (р.з) ба Суннат ворид мешавад, чизе бикоҳад!!

Ва дуруду саломи Худованд бар Муҳаммад ва тамоми Ол ва Асҳобаш бод!